# Нишонаҳои қиёмат (ба ривояти аҳли суннат)

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

Мавлоно Ошиқи Илоҳии
Баландшаҳрӣ раҳимаҳуллоҳ

Таҳия ва таҳрир: Мусъаби Ҳамза

Баргардонанда: Асадуллои Абдухон

2013 - 1434

IslamHouse.com

# علامات يوم القيامة برواية أهل السنة

«باللغة الطاجيكية»

## مولانا عاشق إلهي بلندشهري


إعداد: مصعب حمزة

ترجمة: أسد الله عبد خان



2013 - 1434

IslamHouse.com

# *Нишонаҳои қиёмат*

## *(Ба ривояти аҳли суннат)*

Муаллиф: Мавлоно Ошиқи Илоҳии

Баландшаҳрӣ раҳимаҳуллоҳ

Баргардонанда:

Асадуллои Абдухон

ББК 86.38+87.717

А-81

Муаллиф: Мавлоно Ошиқи Илоҳии

Баландшаҳрӣ раҳимаҳуллоҳ

Баргардонанда:

Асадуллои Абдухон

Ба матбаа 27.01.2010 таҳвил гардидааст. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 7,0.

Адади нашр 500 нусха. Супориши №03

Матбааи: ҶДММ «Сафват»

## Муқаддимаи мутарҷим

## Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Худо дар интизори ҳамди мо нест,

Муҳаммад чашм ба роҳи сано нест.

Муҳаммад ҳомиди ҳамди Худо бас,

Худо мадҳофарини Мустафо бас.

Муноҷоте агар бояд баён кард.

Ба як байте қаноат метавон кард.

Муҳаммад аз ту мехоҳем Худоро,

Илоҳӣ! Аз ту ҳубби Мустафоро.

Фидои зоти мунбиъу-л-баракот ва ҷомеъи сифоти он сарвари коинот, фахри мавҷудот, ҳазрати Расули Карим, саллалоҳу алайҳи ва саллам, ки аз раҳмат ва шафқати хеш, аз тамоми ҳаводис, воқеаҳо ва фитнаҳои оянда, умматы худро хабар додаст, то уммат аз фитнаҳои ҳар замон наҷот ёбад.

Ҳазрати Мавлоно Муҳаммад ошиқи Илоҳӣ домат файзуҳу ва баракотуҳу, рисолаи зери назари мавсум ба «Аломоти Қиёмат»-ро ба ҳамин манзур таълиф намуда, ки мусулмонон онро мутолиа карда, аз воқеъоти оянда огоҳ шаванд ва аз вуқӯъи фитнаҳои оянда ичтиноб варзанд. Аммо чун рисолаи мазкур ба забони Урдӯ буд, бандаи ҳақир нафъи бародарони форсизабонро мулоҳиза дошта ва онро тарҷума кардам. Умед аст, ки Худованди муттаъол тамоми бародарони исломиро аз фитнаҳои охири замон маҳфуз дошта ва хотимаи ҳамаро бо имон гардонад. Омин

## Муққадимаи муаллиф

Алҳамдуллилоҳи рабби-л-оламин ва-с-салоту ва-с-саломy ало сайидилмурсалин ва ало олиҳи ва асҳобиҳи ва ман табиъаҳум бииҳсонин ило явмиддин.

Дар ин рисола он иршодоти Сайиди олами кавнайн, ҳазрати Муҳаммади Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, гирд оварда шуданд, ки аз воқеъаҳои анҷомшаванда дар замони оянда хабар дода аст. Аз хондани онҳо ба андозаи улуми бекарони он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам, пай мебарем, онҷӣ аз аломоти Қиёмат баён фармудааст ҳамаи онҳо як ба як воқеъ шуда ва мешаванд.

Ин ҳақир кӯшидаам то ҳамаи он иршодотро гирд оварам, ки бисёре аз онҳо дар рӯзгори кунунӣ воқеъ шуда ва яке баъд аз дигаре воқеъ хоҳанд шуд ва мусулмонони гиромии моро низ аз огоҳии ин воқеъаҳо нафъ хоҳад расид, ки ба диққат онҳоро бихонем ва ба онҳо яқин кунем, чаро, ки доъии Ислом, алайҳи-с-салом, сардори бани Одам бо Молики ҳақиқӣ таъаллуқи хосе дошт.

Худованди Муттаъол ба Расули гиромии худ аз фитнаҳои оянда, ҳаводис ва балоҳои оламгир ва раҳбарони гумроҳкунанда ва аз як ҳазору сесад соли пеш хабар дода ва пешгӯӣ кардааст, гӯё ҳамаи он воқеъаҳоро бо чашми худ дидааст чаро, ки Холиқи муттаъол аз давлати илми худ ӯро мустафиз гардонид ва аз хазоини бепоёни дониши хеш баҳраманд сохт.

Бисёр будаанд мунаҷҷимон, коҳинон ва ба истилоҳи ояндадонигароне, ки ба гумони хеш аз оянда сухан рондаанд, ба ростӣ, ки ҷумлагӣ ғалат гуфтаанд ва ба бероҳӣ рафтаанд ва ба авҳом ва хаёлот ва зулумот қадам ниҳодаанд, аммо дар пешгӯиҳои сарвари коинот Набии Карим, саллалоҳу алайҳи ва саллам, то ба имрӯз заррае иштибоҳ воқеъ нашуда, зеро Холиқи Зулҷалол дар шаъни Ҳабиби худ чунин мефармояд: «Ва мо янтиқу анилҳаво ин ҳува илло ваҳюн юҳо».

Ин пешгӯиҳои ӯ аз дарёи бекарони илми он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам, қатраҳое аст аз фаҳвои ояи карима: «Ва ъалламака мо лам такун таъламу» Намунаи мухтасаре аст.

Ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, ривоят мекунад, ки он Ҳазрат як бор аз Ҷобир хост ва ҳамаи ин вақойиъи муҳими ояндаро, ки то Қиёмат рӯй хоҳанд дод баён фармуд.

Ва низ изҳор дошт, ки ин ёрони ман (саҳобаи киром) онҳоро баён доранд ва баъзе фаромӯш кардаанд.

Ҳамчунин ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки он ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам, асмои ҳокимон ва пешвоёни гумроҳеро, ки то хотимаи дунё хоҳанд омад бо зикри номи падар ва қабила баён фармуд.

(Мушкот)

Он ашхосе, ки аз ҳаводис ва офоти замони ҳозир ба танг омадаанд ва чашм ба замони оянда дӯхтаанд ва мукараран мегӯянд: Бингарем, ки оянда чӣ пеш хоҳад омад, бар инҳо лозим аст, ки ин рисоларо дақиқан мутолиа намоянд ва аз иршодоти мухбири содиқ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иттилоъ ҳосил кунанд.

Дар хотима аз хонандагони мӯҳтарам дархост мешавад, ки муаллифи ҳақир ва ноширро дар дуъоҳои махсуси худ аз ёд набаранд.

Бандаи хатокор Муҳаммад ошиқи Илоҳӣ

Баландшаҳри афаллоҳу анҳу ва офоҳу.

Бистуми Сафари соли 1337 ҳ-қ.

## *Нишонаҳои қиёмат*

## *(Ба ривояти аҳли суннат)*

### **Фақат номи Ислом ва алфози Қуръон боқӣ мемонад ва уламои бад пайдо мешаванд**

Ҳазрати Алӣ разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва салам иршод фармуд: Ба зудӣ чунон замоне бар мардум хоҳад омад, ки фақат, номи Ислом ва расми Қуръон боқӣ мемонад ва масоҷиди эшон аз лиҳози нақшу нигор ва зарқу барқ обод мешаванд, лекин ба эътибори ибодот ва иршодот ба мардум, вайрон хоҳанд буд ва уламои эшон аз ҳамаи сокинони зери осмон бадтар хоҳанд буд, ба тавре, ки фитна аз уламо пайдо мекунанд ва боз ба худи онҳо бармегарданд[1].

Фақат номи Ислом боқӣ мемонад, яъне танҳо номи аъмоли исломӣ дар мардум боқӣ мемонад ва ҳақиқати аъмол аз байн хоҳад рафт. Чунон, ки имрӯза фақат номи рӯза, закот, ҳаҷ ва ғайра боқӣ монда, ҳақиқат ва рӯҳи онҳо ба он наҳве, ки аз Расули Худо, саллаллоҳу алайҳӣ ва салам, манқул аст, боқӣ

[1]- Байҳақӣ

намондааст ва мебинем, ки миллионҳо мусулмон зоҳиран ин ибодотро анҷом медиҳанд, вале аъмолашон фоқиди рӯҳ аст, Қуръони маҷидро ба таври одат тиловат мекунанд, аммо ончӣ асли мақсуд аст, яъне дар маъонӣ ва матолиби Қуръони карим ғавр ва тафаккур кардан ва аз манҳиёти он боз омадан ва авомири Илоҳиро ба ҷо овардан, дар тасаввури мусулмонон намондааст.

Масоҷид бо зебу зинати хосе ороста шудаанд, фаршҳои рангоранг ва чароғҳо ва люстраҳои гаронбаҳо ва тамоми имконот ва васоили роҳат дар масоҷид мавҷуд ҳастанд, аммо аз ҳидоёт холиянд ва гуфтугӯи дунявӣ, таъна ва ғайбат дар масоҷид анҷом мегирад, имом ва муазин масоҷидро хонаи худашон тасаввур мекунанд. Тавзеҳи бештар дар ташреҳи ҳадиси оянда хоҳад омад.

Ончӣ дар бораи уламо иршод фармуда, ки фитнаҳо аз уламо зоҳир мешаванд ва боз ба эшон бармегардад мақсуд ин аст, ки ҳолати уламо ба мурури замон тағйир карда, роҳи рушд ва ҳидоятро тарк мекунанд, ки ба муҷиби он фасод даргир хоҳад буд ва мақсуди ин ҳама метавонад бошад, ки уламо бо аҳли дунё ва золимон мадад ва ҳамкорӣ хоҳанд кард ва ба ғарази ҷамъоварии пул, мувофиқи майли онҳо масоил баён

мекунанд, сипас он аҳли дунё барои эшон вуболи ҷон хоҳанд буд.

*Дар ривояте аз ибни Моҷа омадааст, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: Дар оянда дар уммати ман чунон ашхосе ёфт хоҳанд шуд, ки фаҳм ва фаросати динӣ ҳосил мекунанд, Қуръон мехонанд сипас ба тамаъи касби мол, назди сармоядорон мераванд ва ба хаёли худ, дини худро ҳифз мекунанд дар ҳоле, ки ҳаргиз чунин нахоҳад буд.*

Он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва салам, фармуд: Ҳаргиз чунин нахоҳад шуд, ки касе назди сармоядорон биравад ва динаш комил бимонад, ҳамчуноне, ки аз дарахти Қатод (дарахти хордор аст бо баргҳои зардранг) ба ҷуз хор чизи дигаре ҳосил намешавад, ҳамин тавр аз қурб ва муошират бо сармоядорон, ба ҷуз гуноҳ чизи дигаре ҳосил нахоҳад шуд.

Он уламо, ки назди сармоядорон мераванд, умуман уламои бад ҳастанд, ки ба хотири чанд риёл назди онҳо мераванд ва иззату виқори худро аз даст медиҳанд.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд, разияллоҳу анҳу, мефармояд: Агар аҳли илм, илми худро нигоҳ медоштанд ва бо касоне, ки салоҳияти онро доранд

сарф мекарданд, дар дунё сардор мешуданд, лекин онҳо ба хотири ҳусули дунё, илми худро бо аҳли дунё сарф карданд, дар натиҷа, дар назари аҳли дунё залил шуданд. Уламои имрӯза ҳам авом аз фикри Охират дур шудаанд ва ин зиндагии фониро мақсади худ қарор додаанд ва барои ин ки роҳнамои сиёсӣ бошанд ва шӯҳрат ҳосил кунанд ва молу зар ҷамъоварӣ намоянд, саргардон шудаанд.

Дар байни уламои замони ҳозир, афроди каме ҳастанд, ки таблиғи Исломро мекунанд, вагарна имрӯз баъзе аз уламо ҳолаташон чунон шуда, ки дар ҷаласоти худ ақоид ва аъмоли гумроҳкунандаеро интишор дода ва ба ҷои иршодоти набавӣ, мардумро ба тарафи низоми худсохтаи махлуқ, даъват медиҳанд.

### *Масоҷиди оросташуда, маҳалли гуфтугӯи умури дунявӣ мешаванд*

Ҳазрати Анас, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Яке аз аломоти Қиёмат ин аст, ки мардум масҷид бино мекунанд ва ба он фахр менамоянд[1].

Имрӯз ҳамин ҳолат аст ва ба қавли ибни Аббос, разияллоҳу анҳу Ҳароина шумо масоҷидро монанди Яҳуду Насоро зинат медиҳед.

Чизҳое, ки фикри инсонро мунташир сохта ва ҷамъияти хотири одамиро аз байн мебаранд, монанди сангҳо ва люстраҳо ва чароғҳои гуногун ва фаршҳои дилфиреб ва пардаҳои гаронбаҳо ва дигар ашёи пурзарқу барқ ва ҳамаи васоили роҳате, ки дар масоҷид вуҷуд доранд, аз ин ҷиҳат ин ашё ва асбоби гаронбаҳои дунявианд, ки сабаби бастан ва қуфл шудани масоҷид шудаанд ва барои ҳифозат ва нигаҳдории онҳо эҳтиёҷ ба хадам ва нигаҳбон шудааст.

Масоҷид аз ин ашёи пурзарқу барқи дунявӣ обод ва аз намозгузор холӣ ҳастанд ва касоне, ки

[1]- Абӯдовуд ва дигарон

намозгузоранд маъмулан ба гуфтугӯи умури дунявӣ машғул мешаванд, дар масоҷид на намози бохушуъ аст ва на ҳалқаи таълим дида мешавад ва масҷид дар замони Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва салам ва хулафои рошидин, разияллоҳу анҳум, маркази машварат ва тараққии дин ва умури динӣ буд.
Дар «Канзулаъмол» як ривоят омадааст, ки: Ҳаргоҳ шумо масоҷиди худро ороиш додед ва Қуръонҳоро музаян сохтед, пас бидонед, ки ҳалокати шумо наздик шудааст.
Байҳақӣ дар «Шаъбу-л-имон» ривоят карда, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармудааст, ки: *Рӯзгоре хоҳад омад, ки чунин ашхосе пайдо мешаванд, ки тамоми гуфтугӯи дунявии онҳо дар масоҷид хоҳад буд, аз ин ҷиҳат шумо дар маҷлиси эшон нанишинед чаро, ки Худованди муттаъол ба вуҷуди эшон ниёзе намебинад.*

## Амал кардан бар дин бо нигоҳ доштан ахгар дар даст баробар мешавад ва фитнаҳои бузург ошкор мегарданд

Ҳазрати Анас, разияллоҳу анҳу, ривоят мекунад, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: *Бар мардум чунон замоне хоҳад омад, ки шахси собир ва собитқадам бар дин монанди касе хоҳад буд, ки ахгарро(лахчаро) дар дасти худ нигаҳ дорад[1].*

Тавзеҳ: Ин ҳолат дар ин замон низ дида мешавад, чаро, ки аз ҳар тараф фазои бединӣ ва беҳаёӣ ва фаҳшҳо қувват гирифтааст ва муҳити фиску фуҷур, саркашӣ ва исён барпо гаштааст, ба тавре, ки диндори воқеъӣ камтар ёфт мешавад ва агар шахсе бихоҳад, ки бар дин амал кунад, зан мегӯяд: Аз ҳуқуқи ночиз, эҳтиёҷ ва заруриётамон бароварда намешавад, ҳамаи мардум ришва мегиранд ва ту парҳезгори бузурге шудаӣ? Касоне, ки ҳамсину соли ман ҳастанд аз риш гузоштани ту маро мавриди тамасхур қарор медиҳанд.!!

Оре, имрӯза чунин аст, ки агар касе дар мусофират бошад, агар бихоҳад намоз бихонад, мошин барои ӯ нигаҳ дошта намешавад, вале агар ба касе нуқсони

---

[1]- Мишкоти шариф

дунявӣ бирасад ҳама бо ӯ ҳамдардӣ мекунанд, вале диндори мутародиф бо нуқсон ба шумор меояд, аз ин ҷиҳат касе мехоҳад ризои Илоҳиро дар назар гирад ба дунё ва аҳли дунё таваҷҷӯҳ нанамояд ва ба мазамат ва маломати дигарон эътино накунад ва барои ҳифозати дини худ, нуқсоноти дунявиро таҳмил намояд, он вақт аст, ки дин дар зиндагии ӯ роҳ меёбад. Хушо ба ҳоли онон, ки танҳо ризои Илоҳиро меҷӯянд, ин тавфиқ танҳо дар маҷолиси диндорон ҳосил меояду бас. Ва ба қавли шоир:

Шав ҳамадами парвона, то сӯхтан омӯзӣ,
Бо сӯхтагон биншини шояд, ки ту ҳам сӯзӣ.

Агар бинобар узре аз маҷлиси диндорон дур бошанд, лоақал аз маҷлиси бединон ҳа худро дур нигаҳ доранд чунон, ки Набии Карим, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд:

Он замон наздик аст, ки беҳтарин моли мусулмон чанд сар гӯсфанд мешавад, ки онҳоро бардошта дар биёбон ва болои қуллаи кӯҳҳо меравад ба ин сурат барои ҳифозати дини худ аз фитнаҳо фирор мекунад[1].

[1]- Бухорӣ

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармудааст: Ба зудӣ фитнаҳо ошкор хоҳанд шуд, он вақт шахсе, ки нишаста нисбат ба шахси истода аз фитнаҳо дуртар мешавад ва шахси истода аз роҳраванда беҳтар хоҳад буд ва шахси роҳраванда аз шахси даванда беҳтар хоҳад буд ва шахсе, ки нигоҳи худро баланд карда ба фитнаҳо назар биафканад фитнаҳо ӯро мерабоянд, бинобар ин ҳар касс дар он вақт барои худ ҳар гунна ҷои халос ва паноҳ мебинад бояд онҷо паноҳ бигирад[1].

Ҳазрати Муғфал ибни Ясор, разияллоҳу анҳу, ривоят мекунад, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Ибодат кардан дар замони қатлу фасод бо ҳиҷрат кардан ба сӯи ман, баробар аст.

Ҳазрати Абӯсаълаба, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки: Ман аз Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, мақсуди ин оя: **Ё айюҳаллазаийна омону ъалайкум анфусукум ло язуррукум ман залла изаҳтадайтум**-ро пурсидам он Ҳазрат иршод фармуд: *Ба корҳои нек амр кунед ва аз бадӣ манъ намоед то вақте, ки ҳоли*

---

[1]- Бухорӣ

*мардумро ин тавр дидед, ки аз бахил итоат мешавад ва бар хоҳишоти нафсонӣ амал мешавад ва дунё бар дин тарҷиҳ дода мешавад ва ҳар соҳибфикр, фикри худро муқаддам медорад ва агар шумо дар ҳоле бошед, ки дар байни мардум бимонед, ҳатман ба фитнаҳо мубтало мешавед, пас дар ин ҳол фикре барои худ бардоред ва авомро тарк кунед чаро, ки он замон, замони сабр аст, пас касе, ки бар дини худ сабр кунад, гӯё ахгарро(лахчаро) дар даст гирифтааст.*[1]

Баъд аз он иршод фармуд: Касе, ки дар он замон бар дин амал кунад, ӯро баробари амали он панҷоҳ нафар аҷр мерасад, ки дар ғайри он замон ва дар айёми амн чунин аъмолеро анҷом дода бошад саҳоба, разияллоҳу анҳум, арз карданд: Ё Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва салам, оё аҷри панҷоҳ нафар аз онҳо ба ӯ мерасад? Он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва салам, фармуд хайр, аҷри панҷоҳ нафар амалкунандаи аз шумо ба ӯ хоҳад расид».[2]

---

1- Тирмизӣ ва ибни Моҷа

2- Тирмизӣ ва ибни Моҷа

## Бегонагӣ аз Ислом

Ҳазрати Абуҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: *«Ислом дар ҳолати ғурбат ва бегонагӣ зоҳир шуд, ки мардум аз ӯ фирор мекунанд ва онҳое, ки динро қабул мекарданд теъдодашон бисёр кам буд, рӯзгоре хоҳад омад, ки Ислом дубора ғариб ва бегона мешавад, ҳамон гуна, ки дар ибтидо буд. Пас онҳое, ки бар Ислом амал мекунанд теъдодашон хеле кам хоҳад шуд».*[1]

Сипас иршод фармуд, ки: Хушхабарӣ ва башорат аз барои он касоне, ки ба сабаби рафтан ба роҳи Ислом, бегона ба шумор оянд.[2]

Тавзеҳ: Мақсуд ин аст, ки вақте, ки ман ба Ислом даъват додам, ибтидо чанд нафаре Исломро пазируфтанд дар ҳоле, ки аксари мардум бо Ислом ноошно ва бегона буданд то ин, ки қабулкунандагони Ислом «бе дин» гуфта мешуданд ва маҷбур буданд, ки Маккаро тарк намоянд.

Мусулмонон, ки ба Ҳабаша ҳиҷрат карда буданд, як мартаба мушрикини Макка кӯшиш карданд, ки онҳоро аз Ҳабаша берун биоваранд чунон, ки ба

---

1- Муслим

2- Муслим

дарбори подшоҳи Ҳабаша шикоят карданд, ки чанд нафар навҷавонони ҷоҳил, дини қавми худро тарк дода дар дини ҷадид дохил шудаанд, он дини ҷадид ба гунае аст, ки мо онро аслан намешиносем.

Дар сураи «Сод» омадааст, ки мушрикин даъвати ҳазрати Пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунида мегуфтанд: **Нашунидаем мо ин ҳарфҳоро дар миллатҳои дигар, нест ин Қуръон магар худ сохта.**[1]

Баъд аз он иршод фармуд, ки: Мардум баъдан Исломро хуб қабул карданд ва дар дунё онро мунташир сохтанд, лекин рафта-рафта боз Ислом ба ҳолати аввал бармегардад, ки қабулкунандагон ва амалкунандагон бар аҳкоми Ислом ёфт намешаванд ва аҳкоми Ислом бегона ба назар меоянд гӯё, ки мардум Исломро дар асл намешиносанд он вақт афроди кам бар Ислом амал мекунанд ва мусулмонони холис кам ба назар мерасанд ва мусулмонон дар чунин ҳолате дар назари мардум паст ва ҳақир маълум мешаванд ва аҳли дунё ҳарф заданро бо эшон писанд намекунанд, лекин ман эшонро аз ҷониби Худо мужда медиҳам.

[1]- Сураи Сод/8

Дар ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моҷа омадааст, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Бе шак дин ба сӯи Ҳиҷоз бармегардад монанди море, ки ба сӯрохии худ бармегардад ва дин фақат дар Ҳиҷоз мемонад мисли бузи кӯҳӣ, ки болои қуллаи кӯҳ қарор мегирад.

Сипас иршод фармуд, ки: Дин дар ҳолати ғурбат ва бегонагӣ зоҳир шудааст, аз қариб дубора бегона хоҳад шуд, ҳамчуноне, ки дар ибтидо буд. Хушхабарӣ бод ба он афроди мискин ва ғарибе, ки суннатҳои маро зинда мекунад пас аз он, ки мардуми фосиқ онҳоро тағйир дода ва нобуд сохтаанд.

## Ҳар замони баъдӣ аз замони қаблӣ бадтар хоҳад буд

*Ҳазрати Зубайр ибни Адӣ, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки дар хидмати ҳазрати Анас ибни Молик, разияллоҳу анҳу, ҳозир шуда, аз зулми Ҳаҷҷоҷ шикоят шунида иршод фармуд, ки: Сабр кунед маълум нест оянда чӣ хоҳад буд, чаро ки ҳеҷ замоне ба шумо намегузорад магар ин,ки замони баъдӣ бадтар хоҳад буд то ин, ки Парвардигори худро мулоқот кунед, яъне то дами мавт ин тавр нахоҳад шуд, ки замони баъдӣ аз қаблӣ беҳтар бошад ман инро аз Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, шунидаам.*[1]

Аз ин ҳадис маълум мешавад, ки шикоят аз замон ва аҳли замона бефоида аст ва умедвор буд барои вуҷуди ҳокимони беҳтар, дар оянда иштибоҳ аст, бинобар ин ҳар вақте, ки барои одамӣ муяссар мешавад ҳар лаҳзаи аз умрро ғанимат донистa, зимни анҷоми аъмоли солиҳ, аз даргоҳи Рабу-л-оламин умедвор буда ва аз қаҳру ғазаби Ӯ тарсон бошад.

---

[1]- Бухорӣ

## Куфр беш аз ҳад зиёд мешавад

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, ривоят мекунад, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам иршод фармуд, ки: *Қабл аз расидани фитнаҳое, ки монанди пораҳои шаби торик ҳастанд бар аъмоли солиҳ сабқат бигиред зеро, ки дар он вақту замон ба вақти субҳ мӯъмин аст ва ба вақти шом кофир, дини худро ба як чизи ҳақири аз дунё мефурӯшад.*[1]

Тавзеҳ: Ҳар вақте, ки фитнаҳо ғолиб биёянд инсонро дар анҷом додани аъмоли солиҳ, садҳо ҳоил ва мониъ маҳсус мешавад ва рафтан ба роҳи дин номумкин маълум мегардад, дар чунин вақти ҳассос бақои эмон сахт дар хатар қарор мегирад. Аз ин назар Ҳодии олам, саллаллоҳу алайҳи ва салам, сабқат карданро ба аъмоли нек машварат доданд, ки қабл аз расидани он мавқеъ, ба аъмоли нек машварат доданд, ки қабл аз расидани он мавқеъ, ба аъмоли нек машғул шавед ва эмони худро маҳфуз намоед, ки Худо нахоста дар фитнаҳо мубтало шуда аз аъмоли нек ақиб намонед, ин замони фитнаҳои бузург аст, аз ҳар тараф пешвоёни гумроҳ мардумро ба сӯи худ мекашанд камтарин мисоли динфурӯшӣ ба ивази дунё он аст,

---

[1]- Муслим

ки дар маҳкамаи адолат, пеши қозӣ қасами дурӯғ хӯрдан ва ба дурӯғ гувоҳӣ додан, одати бисёре аз мардумон шудааст.

**Як ҷамоат ҳамеша бар ҳақ қоим мешавад ва муҷаддидони дин бор-бор хоҳанд омад**

Ҳазрати амир Муъовия, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки ман аз Расули худо, саллаллоҳу алайҳи ва салам, шунидам, ки иршод фармуд: Дар уммати ман ҳамеша чунон ҷамоате хоҳад буд, ки ба ҳукми Худо қоим мебошанд то дами марг эшон ба ҳамин ҳол хоҳанд монд мухолифат ва адами муованат бо эшон ҳеҷ гуна нуқсоне ба эшон намерасонад, яъне аз он ҳеҷ чизе бок (тарс) надоранд, ки равияи аҳли замон чист, оё бо мо мувофиқанд ё мухолиф.

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Дар уммати ман чунон касоне то Қиёмат хоҳанд буд, ки пайваста аз тарафи Худованди Муттаъол ба онҳо мадад ва нусрат хоҳад расид. Касе ҳамроҳи онҳо набошад ҳеҷ гуна нуқсоне ба онҳо наметавонад бирасад.

Дар як ривоят аз Байҳақӣ омадааст, ки он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фаруд: Дар охири замон чунон ашхосе ба вуҷуд ба онҳо хоҳад расид, эшон мардумро ба кори нек ҳукм мекунанд ва аз кори бад боз медоранд ва бо аҳли фитна меҷанганд.

Ҳазрати Иброҳим ибни Абдураҳмон, разияллоҳу анҳу, мефармояд Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: Дар замони оянда чунон олимони динӣ ва мусулмононе вуҷуд хоҳанд дошт, то он чиро, ки дар таҳриф, муболиға мекунанд ва он чиро, ки аҳли ботин ва дурӯғ баён намоянд ва ҳамчунин ҷоҳилоне, ки маънии динро ба дурӯғ таъвил ва ташриҳ мекунанд, ҳамаро поксозӣ мекунанд.

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: Худои Таъоло барои ин уммат баъд аз ҳар сад сола чунон шахсе (муҷаддидеро) мефиристад, то дини ӯро таҷдид намояд.

Тавзеҳ: Ин ваъдаи Худо монанди ваъдаҳои дигар борҳо ба зуҳур омада ва ҳамеша хоҳад буд. Агар ҷамоъати ҳақгӯ ва собитқадам аз қарнҳои аввал то

имрӯз намебуд, пас аҳли фитна, муътазила, бидъатӣ, мудаъиёни нубуват, мудаъиёни ислоҳи олам, мункирони ҳадис, муфасирони ҷадид, ки Қуръонро ғалат тафсир мекунанд, динро раду бадал карда аз байн мебурданд, лекин уламои акобир, фуқаҳо ва муҳаддимсин аз ҳамеша буда ва ҳамеша хоҳанд буд. Валҳамдуллилоҳи ало золик.

## Мусулмонон ҳаргиз хатм нахоҳанд шуд

Ҳазрати Савбон разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули худо саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: Ман ба даргоҳи Худованди Муттаъол дуъо кардам, ки тамоми уммати ман бо қаҳт соли ҳалок нашавад ва чунон душманеро мусаллат накунад, ки тамоми умматро ҳалок кунад ва Худои Муттаъол иршод фармуд: Ҳаргоҳ ман як файсалеро мехоҳам бикунам касе наметавонад онро рад кунад, вале ман бо ту ваъда мекунам, ки уммати туро бо қаҳтии ом ҳалок нахоҳам кард ва чунон душманеро аз ғайри эшонро ҳалок кунад агар чи тамоми сокинони рӯи замин дар як ҷо ҷамъ шуда бошанд.

## Мункирони ҳадис пайдо хоҳанд шуд

Ҳазрати Миқдод ибни Маъди Карб, разияллоҳу анҳу, мефармояд Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Огоҳ бошед яқинан Қуръон ба ман дода шудааст ва монанди Қуръон аҳкоми дигаре ҳам ба ман дода шудааст.

Баъд аз ин иршод фармуд: Огоҳ бошед замоне хоҳад омад, ки одами шикамсери сарватманд дар истироҳатгоҳи худ нишаста ва, хоҳад гуфт: Қуръон шуморо кофӣ аст, он чӣ дар Қуръон ҳалол шуда онро ҳалол бидонед ва он чӣ дар Қуръон ҳаром гуфта онро ҳаром бидонед (барои ҳадис зарурат ва ниёзе нест). Сипас фармуд ҳоло он, ки ҳукми Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салам, дар бораи ҳаром будани чизе ҳукм кардааст.

Тавзеҳ: Ин пешгӯӣ хеле вақт аст, ки содиқ омадааст, ки шиками сер яъне сарватманде, ки дар масти сарвати худ ғарқ шуда ва касоне, ки андаке саводи хонданро ёд гирифтаанд Қуръонро фақат барои ҳидоят кофӣ медонанд ва чунки аҳкоми ҳадис бар нафсашон гарон ва душвор меояд, аз ин назар дар сиҳат ва дурустии аҳодис шак мекунанд ва ба наҳве

онро инкор менамоянд. Ҳоло ин, ки аҳкоми Қуръон бидуни ҳадис маълум наметавонанд шуд ва тафсилоти он бидуни суннати Набӣ ҳаргиз фаҳмида нахоҳанд шуд дар Қуръон омадааст: Он чӣ Расул ба шумо ҳукм медиҳад онро қабул кунед ва аз он чи шуморо боз медорад худдорӣ кунед.

Он ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва салам, лафзи «шикамсер»-ро аз ин сабаб фармуд, ки одами ғарибро ин фурсат намерасад, ки ба баҳси ин ва он бипардозанд ва дини худро ба бод диҳад. Албатта ашхоси молдор ҳастанд, ки мақсади шайтонро зуд пайдо мекунанд ба андак мутолиа, худро муҳаққиқ ва муфтӣ медонанд, ва эшон тараққии мусулмононро дар ҷавози рибо ва ҷоиз будани тасовир ва тақлиди бегонагон, ки он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва салам, онҳоро ҳаром қарор додаст, медонанд.

## Ақоиди нав ва аҳодиси ҷадид роиҷ мешавад

Ҳазрати Абуҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Дар охири замон маккорҳои бузург ва дурӯғгӯй пайдо хоҳанд шуд ва чунон чизҳои шуморо мешунавонанд, ки ҳеҷ вакт на худи шумо онҳоро шунидаед ва на падарони шумо, пас шумо аз эшон дур бошед ва эшонро аз худ дур созед, то шуморо гумроҳ накунанд ва дар фитна наяндозанд.

Соҳиби (Миркот) дар ташриҳи ин ҳадис мефармояд, ки: Ин ашхос ҳарфҳои дурӯғ мегӯянд ва аҳкоми нав ҷорӣ мекунанд ва ақидаи ғалат эҷод менамоянд, аз ин навъ мардуми бисёре дар замони собиқ гузаштааст, ки яке аз онҳо Ғуломаҳмади Қодиёнӣ буд, ки ҳазрати Исо, алайҳи-с-саломро мурда меангошт ва мункири хатми нубувват буд ва худро пайғамбар муъарифӣ кард, ки назариёти ботил ва хурофоти ӯ машҳур аст ва барои миллати Исломӣ ин фитна бисёр бузург аст, ки ҳар гоҳ ҷамоъати ботил бо ақоиди фосид баланд мешавад, ҳамсадоёни ӯ кӯшиш мекунанд, ки ақоиди фосиди ӯро аз Қуръон ва ҳадис исбот намоянд чунон, ки имрӯза баъзе аз макотиби ботил маром ва

тафаккуроти худро аз Қуръони маҷид ба исбот мерасонанд.

## Қуръон василае барои имрори маъош мешавад

Ҳазрати Ҷобир, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки: Мо Қуръонро тиловат мекардем дар маҷлис илова бар арабҳои шаҳр, баъзе ғайри арабҳои рустоӣ низ мавҷуд буданд, ки дар ин асно он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва салам, ташриф овард ва фармуд: Қуръонро бихонед ва шумо хуб мехонед, ба зудӣ чунин касоне хоҳанд омад, ки Қуръонро монанди пату (чодар) дуруст мекунанд, яъне адои ҳуруфро хеле хуб мулоҳиза мекунанд ва қасди онҳо аз хондани Қуръон фақат ҳусули дунё хоҳад буд ва охирати худро ба василаи Қуръон дуруст нахоҳанд кард.

Дар ривояти дигаре омадааст, ки он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: «Ба зудӣ баъд аз ман касоне хоҳанд омад, ки Қуръонро ба тариқи навҳа ва соз мехонанд ва Қуръон аз ҳалқашон болотар нахоҳад рафт, яъне хондани онҳо ба дараҷаи қабулият нахоҳад расид ва дили ин хонандагон ва дили онҳое, ки қироати эшонро шунида хуш мешавад, аз ин ҷиҳат ҳама мубталои фитна хоҳанд шуд.

Нақшаи имрӯза ҳамин аст, ки дар масоҷид Қуръонро хонда суол карда мешавад, ба вақти пурса ва фотиҳа, сивум ва чиҳилум ҷиҳати риё ва тазоҳур барои хондани Қуръон ҷаласа гирифта мешавад. Дар таровиҷ Қуръонро хонда, шикам парвариш мешавад ва дар адои махориҷ ва сифоти ҳуруф диққати зиёде карда мешавад, аммо аз фаҳмидани Қуръон ва амал кардан ба дастуроти он бисёр дур мешаванд. Дар ёздаҳ моҳ намозҳояшонро зоеъ маҳосинро тарошида ва моли ҳаром ҷамъ мекунанд ба маҳзи ин, ки моҳи Рамазон биёяд ба мусалло истода Қуръонро мешунавонанд. Дар масоҷид дида мешавад, ки пас аз итмоми намоз, дар гӯшаи дигар овози гадоӣ ва суол чодаре паҳн карда ва Қуръон тиловат мекунад».

## Мусулмонҳо зиёд мешаванд, аммо бефоида хоҳанд буд

Ҳазрати Савбон разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, як мартаба иршод фармуд, ки: Чунон замоне хоҳад омад, як мартаба иршод фармуд, ки: Чунон замоне хоҳад омад, ки гурӯҳҳои куфру ботил барои ҳалокат ва аз байн бурдани шумо мусулмонҳо, якдигарро бар суфраи ғизо фаро мехонанд. Саҳоба, разияллоҳу анҳум, инро шунида, арз карданд: Ё Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салам! Оё теъдоди мо он рӯз кам мешавад? Фармуд: «На, теъдоди шумо дар он рӯз хеле зиёд хоҳад буд, лекин шумо монанди ҳамон гиёҳе хоҳаед буд, ки сел онро мебарад ва фармуд Худо тарс ва ваҳшати шуморо аз дили душманон берун меоварад, сустӣ ва коҳилиро дар дили шумо меандозад». Яке арз кард: Сабаб чӣ хоҳад буд? Фармуд: «Муҳаббати дунё ва макруҳ доштани марг».

Тавзеҳ: Солҳо шуда, ки ин пешгӯӣ дуруст омада аст, мусулмонон имрӯз ин ҳолати худро ба чашми худ мебинанд, ки ҳеҷ қавме, эшонро на ба назари вақъат ва изат нигоҳ мекунанд ва на мондани эшонро дар

дунё гуворо медонанд, он ҳама замоне буд, ки ақвоми дигар мехостанд мусулмонҳо ҳукмрони мо бошанд, ин ҳам замонае аст, ки ақвоми ғайри муслим, будани мусулмононро дар қаламрави худ писанд надоранд, ин, ки тамоми мусулмонони ҷаҳон ҳама ба як вақт хатм ва несту нобуд шаванд ҳаргиз чунон нахоҳанд шуд, чунон ки ин пешгӯӣ қаблан баён шуд. Албатта ин чунин воқиот гузаштааст, ки дар мамолике, ки мусулмонҳо ҳукмрон будаанд, баъд аз омадани инқилоб тавонистаанд, ки ҷони худро аз онҷо наҷот диҳад, воқеаи Испания мисоли машҳури он аст.

Мусулмонони имрӯза чаро ин гуна ба тарафи хорӣ ва зиллат пеш меравандбо ҷамъияти зиёди худ, чаро моил ба ақвоми дигар шудаанд? Посухи ин навъ суолот дар иршодоти Ҳодии олам, саллалоҳу алайҳи ва салам, мавҷуд аст, ки муҳаббати дунё ва хавф аз марг боиси ин шудааст. Он вақте, ки мусулмонон дунёро маҳбуб надошта бидуни зиндагии дунё дар муқобили Ҷаннат (ки бидуни мавт расидан ба онҷо мумкин нест) дар назари онҳо ҳеҷ ҳақиқате ҳам надошт, баро ин аз барои ақвоми дигар ҳукмрон буданд дар роҳи Худо ҳолате, ки имрӯза дар мо мусулмонон дида мешавад, то ҳудуде метавонем

ислоҳоте ба вуҷуд оварем, он ҳам ба шарте, ки ҳамчунин мусулмонони собиқ, дунёро залил бидонем ва ба ёди марг бошем ва аз он наҳаросем вагарна зиллат афзунтар хоҳад шуд.

## Мусулмонҳо молдор мешавад, аммо диндор намешаванд

Ҳазрати Алӣ разияллоҳу анҳу, мефармояд: Мо (саҳоба) бо Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салам, дар масҷид нишаста будем, ногоҳ Мусъаб ибни Умайр, разияллоҳу анҳу, ворид шуд, дар бадани ӯ фақат як чодар буд, ки ба он пайванди пустин зада буд аз мушоҳидаи ин ҳол ва ёдовардани ҳоли ӯ қабл аз Ислом, Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салламро гиря гирифт (чаро, ки ҳазрати Мусъаб ибни Умайр, разияллоҳу анҳу, қабл аз мусулмон шудан либоси нарм ва қимате мепӯшид) сипас иршод фармуд: «Эй мусулмонон, ҳоли шумо дар он вакт чи гуна хоҳад буд, ки дар вакти субҳ як даст либос пӯшида берун меравед ва дар вакти шом як дасти дигар пӯшида аз хона берун меоед ва як коса ба пеши шумо гузошта мешавад ва косаи дигар бардошта мешавад ва шумо ба хонаҳои худ (барои зебу зинат) чунон пардаҳое овезон мекунед ҳамчуноне, ки Каъба порча пӯшонида мешавад». Саҳоба, разияллоҳу анҳум, арз карданд: Ё Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салам, нисбат ба имрӯз дар он рӯзҳо беҳтар хоҳем шуд? (чаро, ки) барои ибодат фориғ хоҳем шуд ва барои

касб меҳнате нахоҳад буд. Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: «На, шумо нисбат ба он рӯз, имрӯз беҳтар ҳастед».

Тавзеҳ: Яъне, ба зоҳир агарчӣ шумо тиҳидаст ҳастед, аммо аз давлати эмон молдор ва ғанӣ ҳастед, дар он замон зоҳиран мардуми молдор хоҳанд буд, аммо ба эътибори эмон, фақир хоҳанд шуд.

Дар ҳақиқат, имрӯз ҳамон замон аст, ки Худои Таъоло ба аксари мусулмонҳо мол ва сарват дода аст ва ба баъзе он қадар додаст, ки агар тамоми умр касб ва корро тарк дода, ба умури дин машғул бошад, дучори фақирӣ ва тангдастӣ нахоҳанд шуд ва ба қавли саҳоба, разияллоҳу анҳум, тамоми вақти худро дар ибодат сарф метавонанд кард, вале афсӯс, ки эшон дар фикри зиндагии баъд аз марг нестанд, албатта дар фикри ғизоҳои хуб ва пӯшидани либоси хуб, либоси рафтани мадраса ҷудо ва либоси рафтани бозор ҷудо ва либоси шаб ҷудо, муҳаё мебошад ва ғизоҳои гуногун мепазанд, пас бо ҳамин сармастӣ ба сабаби айшу ишрате, ки доранд камтар тавфиқ пайдо мекунанд, ки дар тоату ибодати Рабби оламиён машғул шаванд, аз ин назар Расулуллоҳ,

саллалоҳу алайҳи ва салам, ба саҳобаи киром фармуд, ки он замон бисёр будани давлат ва сарват барои шумо хуб нахоҳад шуд, имрӯз шумо беҳтар ҳастед, ки бо вуҷуди тангдастӣ бар дин собитқадам мебошед.

Дар ривояти «Муслим» ва «Бухорӣ» омадааст, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Ба Худо қасам, ман аз фақру тангдастии шумо хавф надорам, балки хавфи ман он аст, ки шумо зиёд дар молу сарват ғарқ шавед ҳамчун умматҳои гузашта, шумо ҳам ба дунё гирифтор хоҳед шуд ҳамчуноне, ки онҳо гирифтор шуда буданд. Пас дунё шуморо барбод ва ҳалок хоҳад кард ҳамчуноне, ки онҳоро барбод ва ҳалок карда буд.

Оре, ин қобили хавфу фикр аст, ки молдорон нисбат ба дин заъифанд ба иллати он, ки мол доранд, лекин ин ҷои таъаҷуб аст, ки имрӯз мардуми ғариб ва бемол мисли молдорҳо аз дин дур шуда, балки дуртар ҳастанд сабабаш ин аст, ки фазои диндорӣ боқӣ намондааст, на дар хонадони ағниё ва на дар хонаи ғарибон ва мискинон.

## Дурӯғ умумият пайдо мекунад ва роиҷ мешавад

Аз Ҳазрати Умар, разияллоҳу анҳу, ривоят аст, ки Расули худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: Эҳтироми саҳобаи маро риоят кунед, ки дар байни шумо беҳтарин ашхос эшонанд, касоне, ки баъд аз эшон меоянд беҳтарин хоҳанд буд ва ҳамчунин касоне, ки баъд аз эшон меоянд, беҳтар хоҳанд буд (яъне саҳоба, тобиъин, табаъа тобиъин) баъд аз ин дурӯғ роиҷ мешавад ва ҳатто чунон вақте хоҳад омад, ки мардуми бидуни қасам додан, худашон қасам мехӯранд ва бидуни гувоҳ гирифтан худашон гувоҳӣ медиҳанд.

Дар ривояти Муслим аз Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, ривоят шудааст, ки баъд аз эшон касоне ба вуҷуд хоҳанд омад, ки чоқ будан ва фарбеҳ шуданро писанд хоҳанд кард. Дар ривояти Муслим ва Бухорӣ омадааст, ки баъд аз он, чунон касоне хоҳанд омад, ки гувоҳии онҳо аз қасами онҳо ва қасами онҳо аз гувоҳӣ сабқат хоҳад кард.

Аз ҷамъ кардани ривояти мазкур маълум шуд, ки баъд аз замонаи табаъа тобиъин дурӯғгӯӣ ба қадре роиҷ мешавад, ки дар ҳар сухан бидуни ҷиҳат, қасами

дурӯғ мехӯранд, марази пургӯӣ он қадар ом мегардад, ки мардум бидуни вуҷӯди гувоҳ худ ба худ бармехезанд ва ба дурӯғ гувоҳӣ медиҳанд, ки ман аз ин ҷараён хабардорам ва мегӯянд вақте, ки қазия пеш омад, ман он ҷо ҳозир будам дар сурате, ки аз он воқеъа аслан хабар надоштааст. Қасами дурӯғ ва гувоҳии дурӯғ то он ҷо роиҷ мегирад, ки гувоҳӣ кӯшиш мекунад то аз қасам зудтар аз забон берун ояд ва қасам мехоҳад, ки аз гувоҳӣ зудтар ба забон ояд.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки дар замони оянда ин тавр хоҳад буд, ки шайтон ба сурати инсон даромада ҳарфҳои дурӯғро ба мардум мешунавонад, мардум баъд аз шунидани он мутафариқ мешавад, ҳаргоҳ яке аз эшон он ҳарфҳоро бо дигарон ривоят мекунад, мегӯяд ман ин ҳарфҳоро аз чунон касе шунидам, ки сурати ӯро мешиносам, аммо номашро намедонам.

Дар ҳодисаи боло ба ин нукта ишора кард, ки фарбеҳиро писанд мекунанд, яъне фикри Охират аз дилашон хоҳад рафт ва наметарсанд, ки рӯзе барои ҳисоб ва китоб ба боргоҳи Худои Таъоло ҳозир хоҳанд шуд, ба ин ҷиҳат аст, ки парвое надоранд,

мехӯранд ва чоқ мешавад, мақсади зиндагиашон фақат хӯрдану нӯшидан ва ҷамъи мол ва фарбеҳ шудан хоҳад буд.

## Мардон кам мешаванд, шаробхӯрӣ ва зино зиёд хоҳад шуд

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: Ин ҳам аз аломоти Қиёмат аст, ки илм аз байн меравад ва ҷаҳолат тараққӣ мекунад ва зино густариш меёбад, шаробхӯрӣ зиёд мешавад мардон кам мешаванд ва занон ба қадре зиёд хоҳанд буд, ки як мард панҷоҳ занро сарпарастӣ мекунад.

Дар ин ҳадис он чи иршод фармудааст дар ин вақт як ба як зоҳир мешаванд. Албатта касрати занон то ҳол ба он ҳад нарасида, ки дар ин ҳадис баён шудааст, лекин ба зудӣ ҳар кадом аз пешгӯиҳо ба вуқӯъ хоҳад пайваст.

## Илм аз миён бардошта хоҳад шуд

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд: Илмро ёд бигиред ва илми динро ба мардум ёд бидиҳед, фароизи Исломро худи шумо таълим бигиред ва дигаронро ҳам дарс бидиҳед чаро, ки ман аз миёни шумо хоҳам рафт, илм ҳам бардошта хоҳад шуд, фитнаҳо зоҳир хоҳанд шуд ва ҳатто агар миёни ду нафар ихтилоф эҷод шавад якеро ҳам нахоҳанд ёфт то дар байнашон доварӣ кунад.

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умар, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармудааст: Ногаҳон илми Худо аз миёни бандагон бардошта нахоҳад шуд, балки аз мавти уламо рафта-рафта илм хоҳад рафт то ин, ки як олиме намонад, мардум, ҷоҳилонро амир ва пешвои худ қарор медиҳанд. Дар бораи маълумот ва масоил аз онҳо суол хоҳад шуд ва онҳо бидуни илм, фатво хоҳанд дод бадин тартиб худашон гумроҳ шуда ва дигаронро гумроҳ хоҳанд кард.

## Умрҳо бебаракат хоҳанд шуд

Ҳазрати Анас разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармудааст: Қиёмат барпо нахоҳад шуд то, ки вақт зуд зуд бигзарад (пас онро ташриҳ карда фармуда, ки) як сол баробари як моҳ мешавад ва як моҳ баробари як ҳафта ва як ҳафта баробари як рӯз мегардад ва як рӯз баробари як соат ва як соат чунон мегузарад, монанди шӯълаи оташ, ки барқе зада хомӯш мешавад.

Манзур аз зуд гузаштани вақт чист? Шурроҳи ҳадис дар ин бора ақволи мухталифе доранд, ақраб ва роҷиҳ он аст, ки умрҳо бебаракат хоҳанд буд инсон тамоми фавоиди динӣ ва дунявиро аз умри худ наметавонад ҳосил кунад, ки дар вақти тӯлонӣ ҳосил мешавад.

Худо беҳтар медонад, ки дар умрҳои оянда чӣ андоза бебаракатӣ хоҳад буд. Акнун ҳам вазъият ба гунае шуда, ки маълум намешавад, ки солҳо ва моҳҳо чӣ гуна сипарӣ шуданд. Ин ҳақиқате аст, ки касе наметавонад онро инкор намояд.

## Бухл умумият пайдо мекунад ва қатл дар куштор густариш меёбад

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки: Дар оянда замона зуд-зуд мегузарад ва илм бардошта шуда ва фитнаҳо зоҳир хоҳанд шуд ва шиддати бухл дар дилҳо андохта шуда ва қатл ба касрат воқеъ хоҳад буд.

## Номи шаробро иваз мекунанд ва ҳалолаш медонанд

Ҳазрати Оиша, разияллоҳу анҳо, мефармояд, ки Расули худо, саллалоҳу алайҳи ва салам, иршод фармуд, ки «Аз ҳама аввал барои хароб кардани Ислом аз ин роҳ кӯшиш карда мешавад, ки шароб менӯшанд». Саҳоба, разияллоҳу анҳу, суол карданд, ки: «Оё мусулмонҳо шароб менӯшанд ҳоло ин, ки Худои таъоло онро ҳаром карда аст?» Фармуд, ки «номи онро иваз карда ҳалолаш мекунанд».

Яъне муддаъиёни Ислом дар он замон он қадар далер хоҳанд буд, ки ба фиреб додани Худои Таъоло ҳам кӯшиш мекунанд, чизеро, ки Қуръони маҷид нопок ва амали шайтон ва боиси буғзу адоват ва монеъ аз зикри Аллоҳ ва намоз ва олати шайтонӣ қарор дода ва бо таъкид аз наҳйи фармудааст, на ин, ки фақат онро менӯшанд, балки номи онро иваз карда, ҳалолаш медонанд. Назди уламо ва муфтиён онро ба номи дигар муаррифӣ мекунанд, то фатвои ҳаром будан ба он дода нашавад. На танҳо ҳаром аст, балки дар ин замон бисёре аз чизҳои ҳаромро ба гунае таъвил карда ҳалол медонанд ва таъвилоташон ба

қадре муҳмал ва бетаъне ҳастанд, ки ҳақиқати он аз тори анкабут зиёдтар нест. Ба таври мисоли таълими Қуръон аст бо уҷра, ки онро ноҷоиз медонанд боз ба ин таъвил онро ҳалол мегӯянд, ки мо уҷраи вақти худро мегирем. Гӯё он салаф, ки фатвои адами ҷавозро дода буданд, дар замони эшон бидуни сарфи вақт барои таълими Қуръон ҳаким, тариқаи дигаре мавҷуд будааст. Ҳамчунин ришваро ҳадия тасаввур карда ҳалол донистаанд ҳоло ин, ки агар ба диққат таваҷҷӯҳ шавад, ришва ба шумор меравад, фуқаҳо навиштаанд, ки агар касе ҳокимро қабл аз ҳоким шудан аз рӯи қаробат ё дӯстона чизе додаст ва баъд аз ҳоким шудан ҳам тибқи одоти қаблӣ чизе ба ҳоким бидиҳад гирифтани ин ҳадия аст ва аммо агар қаблан надода ва баъд аз ҳоким шудан бидиҳад, ришва ба шумор меояд.

Дар як ҳадиси Муслим омадааст, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, якеро барои вусули закот чун баргашта гуфт: Ин моли шумост, яъне саҳми байтул мол аст ва инҳо ба ман дода шудааст. Пас аз шунидани ин моҷаро, Расули Худо саллалоҳу алайҳи ва саллам, хутба хонда баъд аз ҳамду сано иршод фармуд: Корҳое, ки маро Худои мутавалии он

гардонида, ман баъзеро ба анҷоми он маъмур мекунам ва агар касе омад ва гуфт, ки дар анҷоми ин маъмурият, ба ман ҳадияе дода шудааст, (агар ӯ дорои чунин мартаба ва мақом аст) чаро дар хонаи падар ва модари худ нанишаст, то нигоҳ мекард, ки ҳадияҳое ба ӯ дода мешавад ё на!

Ана инҷо маълум мешавад, ки он чи ба сабаби риёсат ва ӯҳдадор будани коре, чизе мерасад ришва ба ҳисоб меояд бадин тартиб ришва номи ҳадия ба худ мегирад.

Номи чизи ҳаромро иваз карда, онро ба сурати дигар дароварда ҳалол донистан дар ақвоми гузашта ҳам роиҷ будааст, чунон, ки дар ривояти «Саҳеҳайн» омадааст, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: «Бар Яҳуд лаънати Худо бод, зеро вақте, ки Худованди Мутаъол истеъмоли чарбиро барояшон ҳаром кард, пас онро ба сурати равған даровarда, мефурӯхтанд ва қимати онро мехӯрданд».

## Суд ом мешавад ва дар ҳалолу ҳаром эътино намешавад

Ҳазрати Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расул, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Чунон замоне хоҳад омад, ки мардум парво намекунанд, ки ҳалол ҳосил кардааст ё ҳаром».

Баъзе аз мардум мегӯянд, ки имрӯз ҳалол ба даст намеоянд, вале инҳо ҳама фиреби нафсанд чунки хаёли ризқи ҳалол инсонро дар қайд ва банд мегузорад ва ба қавли Суфёни Саврӣ, разияллоҳу анҳу, яъне дар ризқи ҳалол имкони фузули харҷе намешавад ва мавқеъияти он намерасад, ки зиндагиро ба айшу мастӣ бигзаронанд аз ин назар, нафс, ин таъвилро дар зеҳн меоварад, ки имрӯз ҳалол ба даст намеояд. Аз ин ҷиҳат хаёл кардани ҳаром ва ҳалол ба Яҳуд аст, лекин касоне, ки хавфи Худоро доранд ва фармони сарвари олам, саллалоҳу алайҳи ва салламро шунидаанд, ки «Ҳар гӯште, ки аз ҳаром парвариш ёфта дохили Биҳишт нахоҳад шуд ва ҳар гӯште, ки аз ҳаром парвариш ёфта, оташи Ҷаҳанам мустаҳиқи ӯст».

Эшон ҳалолро ҷустуҷӯ мекунанд ва Худо ба эшон ризқ медиҳад. Агарчӣ ризқи ҳалол эшонро кам бирасад ва басо авқот дар заруриёти дунёвӣ ҷӯяндагони ҳалол ишкол эҷод мегардад, лекин барои наҷот аз азоби расвокунанда дар Охират таҳаммул кардани таколифи чандрӯзаи дунё ба ҳар оқил зарурӣ ва лозим аст. Ин чиз ҳам қобили зикр аст, ки он чӣ диққат дар роҳи касби ҳалол пеш меояд аз ноҳияи худи мост, агар мардум мутаваҷеҳ ба тақво ва парҳезгорӣ бошанд ва тамоми мардум фикри касби ҳалолро бикунанд, он мушкилоте, ки имрӯза ба назарашон мерасад дар касби ҳалол ҳаргиз нахоҳад дид, онҳое, ки диндор ва парҳезгор маҳсуб мешаванд ва солҳои сол намоз мехонанд инҳо ба худ заҳмат намедиҳанд, ки дар хусуси шуғли хеш ҳамчун тиҷорат кормандӣ ва ғайра аз уламо бипурсанд ва ҷоизу ноҷоиз будани онҳоро дарёбанд, усулан ба ин масоил аслан аҳамият намедиҳанд, албатта масоили саҷдаи саҳв ва вузӯ ва ғуслро хуб мепурсанд ва дар ин бора мубоҳаса ҳам мешавад ҳоло он, ки аҳкоми ҳар маҳкама ва ҳар муомила дар шариъат мавҷуд аст.

Яҳудиҳо бо шариати ҳазрати Мӯсо, алайҳи ва ало набийино алайҳи салоту ва салом, ин рафтор ва

муъомиларо донистанд, ки бар баъзе аҳком амал карда ва баъзеро паси пушт меандохтанд, ин ҳақиқатро Худованд дар оят иршод фармудааст: Оё ба як қисмате аз китоби Худо эмон меоваред ва қисмати дигарро инкор мекунед.

Ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармудааст: «Шахсе либосеро ба даҳ дирҳам харидорӣ мекунад ва яке аз он даҳ дирҳам аз ҳаром бошад, яъне қимати як дирҳами он аз ҳаром бошад, ҳарчанд, ки он либос бар бадани ӯ ҳаст Худои таъоло намози ӯро қабул нахоҳад кард».

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам, ҳоли як шахсеро баён фармуда, ки маъмулан дуъои мусофир қабул мешавад, шикастаҳолии ӯ то онҷо расида, ки мӯйҳояш пароканда ва ғуборолуд аст ва дастҳоро ба тарафи осмон бардошта ё Рабб, ё Рабб мегӯяд ва дуъо мекунад ҳоли он, ки ғизои ӯ ҳаром ва либоси ӯ ҳаром ва аз ҳаром тағзия шуда, пас дуъои ӯ чигуна қабул мешавад?

Бо вуҷуди ин ваъдаҳои шадиди азоб ҳоли мусулмонҳо чунон аст, ки аз гирифтани ҳаром, андаке хавфу шарм намекунанд дар сурате, ки он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам аз чизҳои муштабиҳ ҳам ба парҳез кардан амр кардааст, ки: «Тарк кун он чизро, ки туро дар шак меандозад ва ихтиёр кун он чизеро, ки туро дар шак наяндозад».

Дар ривояти «Аҳмад» ва «Доримӣ» барои тавзеҳи бештари он ин тавр омадааст: Некӣ он аст, ки нафс ба он мутмаин шавад ва қалб ба он итминон ёбад ва гуноҳ он аст, ки изтиробро дар дил меоварад ва аз кардани он дилтангӣ маҳсус шавад агарчӣ муфтӣ ба он фатвои ҳалол будан диҳад.

Дар ривояти «Тирмизӣ» ва «Ибни Моҷа» омадааст, ки Расули худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Банда муттақӣ наметавонад бошад то ин, ки баъзе аз чизҳои ҳалолро аз хавфи ҳаром тарк надиҳад».

## Рибо умумият пайдо мекунад

Расули худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: Ҳароина бар мардум чунон замоне хоҳад омад, ки тамоми мардум рибохур хоҳанд шуд ва агар аҳёнан касе аз хӯрдани рибо парҳез кунад, дудаш ба ӯ ҳатман хоҳад расид дар баъзе ривоёт омадааст, ки ғуборе аз рибо ба ӯ хоҳад расид.

Ин пешгӯӣ низ дар ин вақт содиқ омадааст, касоне, ки бо бонкҳо сару кор доранд ва касоне, ки аз роҳи ширкат ё корманд будан дар бонкҳо пул ба даст меоваранд, ин ҳамаро хуб таваҷҷӯҳ кунанд ва бубинанд, ки аз рибо ё асари рибо чӣ касе наҷот ёфтааст?

## Аз чарбзабонӣ пул ҷамъоварӣ хоҳад шуд

Ҳазрати Саъд ибни Абиваққос разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: Қиёмат барпо нахоҳад шуд, то ин ки чунон ашхосе ба вуҷуд биёянд, ки шиками худро ба василаи забон пур мекунанд, монанди гове, ки шиками худро ба василаи забон пур месозад.

Шикамро ба василаи забони худ пур мекунанд, яъне чанд соат суханронӣ карда, дили умуми мардумро ба худ моил месозанд ва инро василаи имрори маъоши худ қарор медиҳанд ва он маблағеро, ки аз ин роҳ ба даст меоваранд бидуни ин, ки дар ҳалол ва ҳаром мулоҳиза кунанд, онро хуб ҳазм мекунанд мисли гове, ки бидуни мулоҳизаи тару хушк шиками худро аз алаф пур месозад.

Ҳазрати Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, зиёдгӯӣ ва пай дар пай гуфтанро нописанд мекард ва аз ин сабаб дар аҳодиси бисёр ба кам гуфтан насиҳат фармудааст ва аз ин одат манъ кардааст, ки шахсе пай дар пай сухан гӯяд ва дар миён фосилаҳо нагузорад.

Худи Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, одати гиромиаш ин буд, ки ҳар гоҳ чизеро баён мекард, се бор такрор мефармуд, то шунавандагон онро хуб бифаҳманд, ин тавр набуд, ки як ҷумларо гуфта ва ҷумлаи дуввум ва саввумро мусалсал бигӯяд.

Ҳазрати Ҷобир, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки калимоти Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, ҷудо-ҷудо буданд. Ҳазрати Оиша, разияллоҳу анҳо, фармуд: Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, монанди шумо калимотро бо ҳам намепайваст, балки он тавр такаллум мекарл, ки тамоми калимот ҷудо-ҷудо мешуданд ва ҳамнишинон онро ёд мегирифтанд.

Лекин дар ин замон беҳтарин суханрон ба касе гуфта мешавад, ки чанд соат мусалсал суханронӣ кунад ва баёнаш бисёр аз фаҳми ҳозирин болотар бошад.

Як шахс дар ҳузури Амр ибни Ос, разияллоҳу анҳу, суханронии дарозеро идома дод, ҳазрати Амр разияллоҳу анҳу фармуд, ки агар ин шахс суханорниро ин қадар тӯл намедод барояш беҳтар буд, чаро ки ман аз Расули Худо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, шунидаам, ки фармудаанд: «Ман ба кам

гуфтан ҳукм шудаам зеро кам гуфтан хеле беҳтар аст».

Дар ривояти «Тирмизӣ» аз Абдуллоҳ ибни Умар, разияллоҳу анҳу, марвӣ аст, Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: «Яқинан Худои Таъоло аз одами забондароз норозӣ мешавад, ки забони худро ба вақти суханронӣ дар даҳон мегардонад монанди гове, ки ба вақти хурдани алаф забони худро бар давр ва бар дандонҳо мегардонад».

Чун, ки мақсади ваъъоз ва суханронони ин замон, амал кардан нест, балки мақсадашон фақат ин аст, ки мардум аз суханрониашон лаззат бибаранд ва ба онҳо алоқаманд шаванд, аз ин назар дар ваъз ва тақрирашон асаре дида намешавад дар ҳаққи ин ашхос Сарвари коинот, саллалоҳу алайҳи ва саллам, чунин иршод фармудааст: «Ҳар ки таълим бигирад илмеро, ки бояд мақсуд аз он фақат ризои Худои Мутаъол бошад, лекин мақсуди ӯ ҳусули матоъи дунё бошад ӯ бӯи Биҳиштро нахоҳад ёфт».

## Пешвоёни гумроҳкунанда ва пайғамбарони дурӯғин пайдо хоҳанд шуд

Ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, мефармояд: Ман намедонам, ки ин рафиқҳои ман (саҳоба, разияллоҳу анҳум) воқеан фаромӯш кардаанд ё ин,ки ёд доранд ва худро ба фаромӯшӣ задаанд, Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, номи пешвоёни фитнаҳоеро, ки қабл аз фанои дунё пайдо мешаванд ва номи падарону қабилаи онҳоро баён фармуда, ки теъдодашон сесад нафар ё зиёд аз он хоҳанд буд.

Ба ривояти ҳазрати Савбон, разияллоҳу анҳу, омадааст, ки Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ман роҷеъ ба уммати худ аз пешвоёни гумроҳкунанда хавф дорам».

Дар ривояти «Бухорӣ» омадааст, ки Қиёмат барпо намешавад то ин, ки қариб ба сӣ нафар маккор ва дурӯғгӯй пайдо мешаванд ва даъвои ҳар яке он бошад, ки: Ман пайғамбарам.

Ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, мегӯяд, ки мардум аз Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, воқеоти хуби ояндаро мепурсиданд, (ки дар замони

оянда чӣ хубӣ ва мазияте вуҷуд хоҳад дошт) ва ман ҳамеша аз бадиҳо мепурсидам, (ки дар оянда чӣ масоиб, балоҳо, ҳаводис ва офоте зуҳур хоҳанд кард) то балоҳои оянда маро иҳота накунанд. Бинобар ин одат як мартаба арз кардам ё Расулуллоҳ, саллалоҳу алайҳи ва саллам, мо дар ҷоҳилият ва харобӣ афтода будем, Худои таъоло ин хубӣ, яъне давлати Исломро ба мо иноят фармуд, оё баъд аз ин хубӣ, дубора бадӣ зуҳур хоҳад кард?

Он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: Бале. Боз ман арз кардам оё баъд аз ин шарр, хайр хоҳад омад? Фармуд: Бале, лекин дар он хайр, кудурат хоҳад омад? Фармуд: Бале, лекин дар он хайр, кудурат хоҳад омад, яъне хайри маҳзе нахоҳад буд, балки омехта ба бадӣ хоҳад буд. Ман арз кардам: Мурод аз кудурат чӣ чиз аст? Фармуд: Чунон касон хоҳанд омад, ки бар хилофи тариқаи ман рафтор мекунанд ва бар хилофи тарзи зиндагии ман тариқи дигаре ба мардум нишон медиҳанд аз эшон корҳои нек ва бад хоҳед дид. Ман арз кардам, ки оё баъд аз ин хайр шаре хоҳад буд? Фармуд: Бале, ҷилави дари Дӯзах истода мардумро даъват мекунанд, ки саранҷоми он Дӯзах хоҳад буд. Касе, ки ба рафтани

ҷилви он дарҳо даъвати онҳоро қабул мекунад, ӯро дар Дӯзах меандозанд. Ман арз кардам мушаххасоти онҳоро барои ман бештар тавзеҳ диҳед. Фармуд онҳо аз худи мо зуҳур хоҳанд кард. Ман арз кардам, ки агар ман то он вақт зинда мондам, пас чӣ кор кунам? Иршод фармуд, ки Худро бо ҷамоати мусулмонон ва амири эшон мулҳақ кун. Боз ман арз кардам: Агар мусулмонҳо дар он вақт ҷамоъати манзуме ва амире надоштанд, пас ман чӣ кор кунам? Иршод фармуд, ки аз тамоми фирқаҳо худро ҷудо соз агарчӣ ба сабаби нарасидани манзил дар шаҳр маҷбур бошӣ, ки бехи дарахтеро ба дандонҳои худ газида бошӣ, то дар ҳамин ҳол мавти ту фаро расад.

Матлаб ин аст, ки ҳарчанд танги ва мусибат бар ту меояд аз он фирқаҳо ва гурӯҳҳо ҷудо бояд шуд, ки асбоби наҷоти шумо дар ин аст.

Дар ривояти дигар аз Саҳеҳ Муслим омадааст, ки дар ҷавоби ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, он Ҳазрат, саллалоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: Баъд аз ман чунин пешвоёне хоҳанд буд, ки иршодоти маро қабул нахоҳанд кард ва тариқаи маро ихтиёр нахоҳанд намуд, ба зудӣ аз онҳо чунин касоне хоҳанд

буд, ки бо будани бадани инсонӣ дили онҳо дили шайтонӣ хоҳад буд.

Мудаъиёни нубувват ва раҳбарони залолат садҳо соласт, ки пайдо шудаанд ва дар ин замона чунин ашхос ба касрат мавҷуданд, ки ба назариёти мулҳидона ва ғайриисломии худ мардумро даъват мекунанд тақрирҳои руҳпарварӣ ва басиратафзоии онҳо аз оёти Қуръонӣ ва аҳодис пур ҳастанд, вале аз он оёт ва аҳодис, таъйиди назариёти куфр ва илҳод карда мешавад ва таассуф дар ин аст, ки касоне назариёти Исломиро аслан нафаҳмидаанд, чанд оёт ва аҳодисро ёд гирифта ва кӯшиш мекунад, ки назариёти гурӯҳҳои дигарро Исломии холис ҷилва диҳанд, аз як тараф пешвоёни гумроҳкунанда, умматро барбод кардаанд ва аз тарафи дигар пирони ҷоҳил ва дунёдор, эмон ва амали солиҳаро аз байн бурдаанд. Назронаро ба пир додан, қабрҳоро зиёрат кардан, арӯсҳоро тамошо кардан, иршодот ва қасаси авлиёи салафро ёд гирифтан ва баён карданро василаи наҷот қарор доаанд. Дар сурате, ки худи пирҳо аз намозу рӯза ва дигар аҳкоми Ислом фирор мекунанд ва муридон низ аз аъмоли солиҳа сифр ба назар мерасанд, ин оёту аҳодисро тавре бидуни фаҳм

тафсир мекунанд, ки баъзе аз онҳо саросар куфр аст, чанде аз ашъори Маснавии Мавлоно Румӣ, раҳимаҳуллоҳ, аз иршодоти Ҷунайд ва Шиблӣ, раҳимаҳумуллоҳро, ёд гирифта ва чанде аз каромоти Хоҷа Амир ва дигар авлиёро низ.

## Доманаи зулмати қатл густариш хоҳад ёфт

Ҳазрати Абуҳурайра, разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, қасам хӯрда ва иршод фармуд: «Дунё хотима нахоҳад ёфт то ин, ки чунин замоне бар мардум хоҳад омад, ки қотилро илм нахоҳад буд, ки чаро куштам ва на мақтул медонад, ки чаро кушта шудам». Яке арз кард, ки чаро ин тавр мешавад? Иршод фармуд: «Аз сабаби фитнаҳо қатл зиёд хоҳад буд» ва боз иршод фармуд «дар он фитнаҳо қотил ва мақтул ҳарду ба Дӯзах хоҳанд рафт».

Дӯзахӣ будани қотил маълум аст, ки касеро ба ноҳақ куштааст ва иллати Дӯзахӣ будани мақтул дар ҳадиси дигаре омадааст, ки ӯ ҳам дар фикри қатли дигаре будааст ба ин сабаб ӯ ҳам аҳли Дӯзах хоҳад буд.

Кушторҳое, ки имрӯза сурат мегирад, ғайр аз фитна умуман иллати дигаре надоранд, аз таъасуби қавмӣ ва нажодпарастӣ ҳазорон нафар табоҳ мешаванд, на қотил аз мақтул хабар дорад ва на мақтул аз қотил, аз гурӯҳҳо мухолиф ба ҳар каси дастрасӣ пайдо карда, фавран ӯро ба қатл мерасонад ва барои қатли ӯ фақат ҳамин далел кофӣ аст, ки аз гурӯҳи дигаре аст. Ва ба

сабаби ҳамин фитна аст, ки имрӯза рӯз ба рӯз олот ва абзор пеш рафта, ҷанге вориди саҳна мешавад, ба тавре, ки дар чанд дақиқа шаҳрҳо, табоҳ ва вайрон мешаванд, ҷои тааҷҷуб ин, ки ҳар гурӯҳ худро хоҳони амният медонад!

Ҳазрати Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар бораи қатлу қитоли қавме чунин иршод фармудааст: Ва касе, ки меҷангад дар зери чунин парчаме, ки ҳақ ва ботили он маълум набошад ва ба хотири асабият хашм кунад ё ба асабият даъват намояд ё ба асабият кӯмак кунад ва ӯ кушта шавад, пас қатли ӯ қатли ҷоҳилият хоҳад буд.

Дар ривояти дигаре омадааст: «Нест аз мо касе, ки ба асабият даъват бикунад ва нест аз мо касе, ки ба асабият биҷангад ва нест аз мо касе, ки дар роҳи асабият бимирад». Яке аз саҳоба, разияллоҳу анҳу, арз кард, ё Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, асабият чист? Он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: «Қавми худро ба зулм кӯмак кардан».

## Амонатдорӣ аз миён бардошта мешавад

Ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ду чизро барои мо баён карда буд, ки якеро ман ба чашми худ дидам ва интизори он дигареро мекашам. Яке ин чизро барои мо баён фармуд, ки бидуни шак амонат дар чуқуриҳои дилҳои мардум фуруд оварда шуд, пас мардум тафсилоти онро аз Қуръон ва тарзи амали Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ёд гирифтаанд, инро ман ба чашми худам дидаам ва он чизи дигаре, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, баён фармуд ва он бардошта шудани амонат аст. Аз ин ҷиҳат иршод фармуд, ки инсон як бор ба хоб меравад ва боқимондаи амонат ҳам бардошта мешавад ва асари он монанди нуқтае ҳам боқӣ намемонад, балки мисли нишонае боқӣ мемонад чунон, ки лахчаи алов бар рӯй биафтад, ки ба сабаби он як обилаи бузург падидор мегардад, яъне, зоҳири он бод кардааст ва дар ботини худ чизи муҳиме надорад. Пас аз он иршод фармуд: Мардум бо ҳам муомила мекунанд ва дар миёни онҳо касе набошад, ки амонатро адо намояд ва ин тазкираро мекунанд, ки фалон касе дар фалон қабила амонатдор аст, яъне,

ба заҳмат метавон шахси амонатдори воқеъиро пайдо кард.

Таърифи инсон ин гуна мешавад, ки фалон касе бисёр оқил, чолок ва қавӣ аст ҳоло ин, ки дар дили ӯ ба андозаи донаи сипанде, эмон нахоҳад буд.

Яъне аз эмондории ӯ таъриф намешавад, балки таъриф аз фиребу ҳилагарӣ ва чолокии ӯ мешавад. Ҳазрати Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, замони амонатдориро ба чашми худ дида ва қабл аз расидан ба замони беамонатӣ; аз дунё риҳлат кард, вале мо имрӯз, бо чашмони худ мебинем, ки асли амонатдорӣ комёб шуда, ба тавре, ки руҳи зиндагии инсонҳо аз ин амри муҳим баргаштааст. Амонатро аз дигарон қабул мекунанд, вале ба соддагӣ аз таҳвил ба соҳибонашон имтиноъ меварзанд ва агар касе ҳаққи худро фаромӯш карда талаб нанамояд, ёдоварии он ва адо кардани онро зарурӣ намедонанд. Масалан, бидуни билет савори қатора мешаванд, дар ҳоле, ки маъмури қатора аз он хабар надорад, балки хушҳол ҳам ҳастанд, ки маҷонӣ (бепул) савор шудаанд. Бояд донист, ки амонатдорӣ танҳо ба пулу мол мунҳасир намешавад, балки ҳар навъ ҳаққи касеро, ки бар

ӯҳдаи мо бошад, талаф кардани он хиёнат ба шумор меояд.

Дар ҳадис омадааст, ки нақл кардани хабари маҷлис хилофи амонатдорӣ аст. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар гоҳ шахсе сухан мегӯяд ва барои пинҳон доштани он ба ин тараф ва он тараф нигоҳ мекунад то касе онро нашунавад, он сухан низ амонат аст».

Ҳамчунин Расули Карим, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармудаанд: «Шахсе, ки аз ӯ машварат гирифта мешавад, ӯ амонатдор аст». Ва низ иршод фармуданд: «Ин хиёнати бисёр бузурге аст, ки бародаратон шуморо ростгӯ медонад ва шумо бо ӯ дурӯғ бигӯед». Сипас иршод фармуданд: «Ҳар кас имоми қавм бошад ва фақат барои худаш дуъо кунад ва муқтадиҳоро дар дуъои хеш шомил нагардонад ӯ дар ҳаққи муқтадиҳояш хиёнат кардааст ва касе, ки бидуни иҷоза дар хонаи дигаре нигоҳ кард, ӯ ҳам муртакиби хиёнат шудааст».

Яъне тамоми ин мавориди ёдшуда амонат хастанд, ки бояд риоят шаванд. Дар ҳар ҷо ва ҳар қавм ва ҳар хонадон ақл, хушахлоқӣ, ҷолокӣ, далерӣ, қуввати

ҷисмонӣ, молдорӣ, зарандӯзӣ ва ғайра ёфт мешаванд, аммо илми ҳақиқӣ, шарофати ахлоқи Набавӣ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, садоқат, саховат, раҳм, таслим, ризо, сабр тафвиз, таваккал, исор, амонатдорӣ ва дигар авсофи ҳамидаро ҳосил кардан, дар канори фаҳмидани онҳо ҳам, безарурат ва беҳуда шудааст.

## Бар сохтмонҳои баланд ифтихор карда мешавад ва афроди нолоиқ ҳукмрон мешаванд.

Аз ҳазрати Умар ва Абуҳӯрайра, разияллоҳу анҳумо, ривоят шудааст, ки шахсе ба хидмати Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омада арз кард, ки Қиёмат кай хоҳад омад? Он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ман ва шумо дар ин мавзӯъ баробарем, яъне ҳамчуноне, ки илми Қиёматро намедонед ман ҳам намедонам». Сипас он суолкунанда арз кард, ки аломоти онро баён бифармоед. Он ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Баъзе аз аломоти Қиёмат ин аст, ки занон чунон фарзандонро мезоянд, ки бар онҳо ҳукм мекунанд ва шумо мебинед, ки ашхоси побараҳна ва урён ва тангдаст ва гӯсфандчаронро, ки бар сохтмонҳои баландашон фахр мекунанд». (Бар асоси ривояти ҳазрати Умар, разияллоҳу анҳу).

Дар ривояти Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, омадааст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар гоҳ шумо дидед ашхоси побараҳна ва урён ва гунгу карҳоро, ки подшоҳи замин шуданд, он вақт «қиёмат наздик аст».

Барои баландии макон фахр кардан ва пайдо шудани чунин авлод, ки бар волидайн ҳукмронӣ кунанд, дар ин замона ба касрат мавҷуд аст онҳо, ки сармоядор ва сарватманд ҳастанд, сохтмонҳои бисёр баланду зебо бино мекунанд, лекин касоне, ки хӯрок ва либоси ба қадри эхтиёҷ надоранд, онҳо ҳам шиками худро танг оварда ва қарз гирифта, дар фикри сохтани сохтмонҳои баланд ҳастанд. Дар ҷое, ки авсофи инсон баён мешавад, он ҷо молик будани коху меҳмонхона ва сохтмони хуб ҳам ба забон меояд.

Шояд ашхоси урён ва побараҳна, то кунун подшоҳ нашуда бошанд, вале дар оянда ҳатман хоҳанд шуд, чунон, ки Сарвари олам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, хабар додааст. Албатта чунин ҳукмронон дар ин вақт мавҷуданд, ки гунг ва кар будани онҳо комилан саҳеҳ аст, чаро, ки салоҳияти шунидани ҳақро надоранд ва қобилияти гуфтани ҳақро ва мухолифони онҳо ҳар чӣ мекушанд, ки аз роҳи ахбор ва киноёти онҳоро ба ҳақ водор намоянд, хоҳ раиси чумҳур бошанд, хоҳ нахуст вазир, ё ҳукумрони дигаре, ба ҳар ҳол, ҳозир нестанд каҷравиҳои худро тарк диҳанд ва дар суханрониҳо ва баёноти худ он қадар дурӯғи ошкор мегӯянд, ки васоили иртиботи

ҷамъӣ аз нақлу инъикоси онҳо оҷиз мешаванд. Қавли ҳукмронҳо дар дили раъият холӣ аз эътимод аст. Он қадар ноаҳланд, ки ҳар масъулияте ба ӯҳдаи онҳо гузошта шавад, бо шавқу умед, ҳуқуқи онро қабул мекунанд ва дар анҷом додани фаризаи худ комилан қосир ҳастанд.

Дар «Бухории шариф» омадааст, ки як шахси рустоӣ ба хидмати Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ҳозир шуда, пурсид: Ё Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, Қиёмат кай барпо мешавад? Он ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар гоҳ амонат зоеъ шавад, мунтазири Қиёмат бош». Он шахс дубора арз кард, ки амонат чӣ гуна зоеъ мешавад? Он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар гоҳ масуълиятҳо ба ноаҳлон вогузор шаванд (Монанди садорат, қиёдат, ҳукумат, вазорат, тадрис, имомат, хитобат, ифто ва ғайра) пас мунтазири Қиёмат бош» (яъне ҳар гоҳ ин ҳолот пеш омаданд, пас амонат зоеъ карда мешавад). Аз ин иршоди Набавӣ маълум шуд, ки илова бар ҳуккоми нолоиқ, дигар ашхоси ноаҳл ҳам ӯҳдадори машоғили бузурге мешаванд: Чунон, ки дар ин замон ба чашм мерасад.

Мардуми мулҳид, фосиқ, бахил, бадкор ва бадахлоқ ӯҳдадори машоғили бузурге ҳастанд ва ҳатто касоне, ки муқанин ва қонунгузори маҷолис низ ҳастанд. Баъзе аз онҳо он қадар ноаҳланд, ки дар бораи мавзӯъе чандин ҷаласа ба шуру гуфтугӯ мепардозанд ва барои тасвиби он ба тавофуқ намерасанд.

Ва ҳамин тавр онҳое, ки муъазаз ва оқил ба шумор мераванд, ба сабаби мақом ва ё сарвате, ки доранд одамҳои бузург ва мӯҳтараме гуфта мешаванд, басо авқот афъолу кирдори бадашон дар рӯзнома ва ахбор мунъакис мегардад, пас маълум мешавад, ки бадкирдории сарватмандон ва давлатмардони ин замон то ба куҷо расидааст. Ба ҳар ҳол пешгуии Сардори ду олам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз қариб дар ду дунё содиқ хоҳад омад.

Ҳамон гуна, ки фармуд: Қиёмат қоим нахоҳад шуд то ин, ки баҳрамандтарини мардум аз дунё назди писар паст бошад.

Албатта дар ин замона инсонҳои баландахлоқ ҳам вуҷуд доранд ва он замон низ фаро расидааст, ки дар «Саҳеҳ Бухорӣ» омада, Расули гиромӣ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки одамҳои солиҳе,

ки баъд аз дигаре фано мешаванд ва одамҳои носолиҳ боқӣ мемонанд, мисли радиъ ва пӯсти ҷав ва хурмо, ки Худованди Мутаъол ба онҳо хеҷ эътино нахоҳад кард.»

Дар ҳадиси «Тирмизӣ» омадааст, ки Расули гиромӣ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Қиёмат барпо нахоҳад шуд то ин, ки ба қатл бирасонед шумо

эмом (подшоҳи) худро ва шамшер бикашед, бо хам биҷангед ва одамҳои ширир (бадрафтор) ворисӣ дунё бишаванд».

## Боди сурх ва зилзила зоҳир мегардад ва суратҳо масх мешавад ва аз осмон санг меборад

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, баён мекунад, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар гоҳ амволи ғанимат, мол ва сармояи шахсе қарор дода шавад, дар амонат хиёнат шавад ва мавриди масрафи шахсе қарор гирад ва закот навъе товон талаққӣ шавад, таълими дин ба арзи дунё ҳосил ояд, одаме мутеъи зани худ шавад ва модарро мавриди азият ва озор қарор диҳад, дӯстро ба худ наздик созад ва падарро дур кунад, дар масоҷид гуфтугӯи дунё ва шӯру ғавғо барпо шавад ва афроди бедин, сардори қабила шаванд ва афроди пасти қавм, ӯҳдадор ва муътамади қавм бошанд, инсон аз шарри шарораташ икром карда шавад, занони овозхон ва олоти созу овоз ва шаробхурӣ зиёд шавад ва одамҳои баъдии ин уммат, бар бузургони гузашта лаънат кунанд, пас шумо мунтазир бошед, ки боди сурх биёяд ва зилзилаҳо мардумро дар коми замин фурӯ барад, суратҳо масх шаванд ва аз осмон санг биборад ва ҳамроҳи ин азобҳо, масоиби ваҳшатноки дигар, яке баъд аз дигаре ба вуқӯъ пайвандад,

монанди гарданбанде, ки нахи он пора шавад ва мӯҳраҳо пай дар пай бияфтанд».

Ин ривоят аз ҳазрати Алӣ, разияллоҳу анҳу, ҳам нақл шудааст. Дар ин ривоят ин ҷумла мазкур аст, ки мардон либоси абрешимӣ мепӯшанд.

Мавориде, ки дар ин ҳадис аз он хабар додааст, ҳамаи он маворид ба чашм мехӯранд ва баъзе аз натоиҷи он аз зилзила ва ғайра зоҳир шудаанд.

Агар ба корномаҳои уммат як нигоҳи сарсарӣ карда шавад ва сипас ба он азобҳое, ки ба сурати зилзила пеш омад ва  меоянд диққат шавад, ин ҳақиқат ба дараҷаи яқин хоҳад расид, ки он чӣ аз масоиб ва офотро мо имрӯза мушоҳида мекунем, ҳамаи онҳо натиҷа ва сазои аъмоли бади мост.

Хар қисмати ҳадисро ҷудогона тавзеҳ хоҳем дод.

Ҳаргоҳ моли ғанимат барои худ сармоя қарор дода шавад. Соҳиби «Ламаъот» онро шарҳ дода ин тавр менависад: Сармоядорон ва соҳибони мақом, амволи ғаниматро, ки ҳаққи умуми фуқаро ва масокин аст, дар байни худ тақсим мекунанд ва аз мустаҳиқон онро боз медоранд ва ҳаққи фуқароро худашон

тасарруф мекунанд. Охирин ҷумлаи соҳиби «Ламаъот», (ки худи сармоядорон ҳаққи фуқароро тасаруф мекунанд) ишора ба ин аст, ки моли ғаниматро дар ҳадис ба таври мисол зикр фармудааст, мақсуд фақат ин аст, мардуми бо нуфуз ва сармоядор ҳуқуқи фуқароро зоеъ мекунанд. Чунон, ки имрӯз амволи вақфшударо бо чашми худ мушоҳида мекунанд, ки мутаваллиёни масоҷид ва сапарастони мадориси динӣ ҳаққи мустаҳиққонро зоеъ мегардонанд, ба тавре, ки баъзе аз амволи вақфиро ҷузви амволи хеш манзур менамоянд. Акнун ин шева роиҷ аст, ки ағлаб, ба хотири эърози динӣ ва манофиъи шахсӣ, икдом ба таъсиси мадориси динӣ мекунанд ва ба баҳонаи хидмат ба Қуръон ва ҳадис иқдом ба ҷамъоварӣ ба истилоҳи (чанда) мекунанд ва ба ин тартиб пули ҷамъоваришударо ҳайф ва майл карда дар корҳои шахсии хеш ба масраф мерасонанд.

Инҳо афсонагӯи нестанд, балки воқеъиятҳои талхе ҳастанд, ки шояд афроди маъдуд, аз он беиттилоъ бошанд. Барои ҳамин аст, ки фармуд: Амонатро ғанимат дониста харҷ мекунанд ва ба иборате ҳар гоҳ касе, молеро ба унвони амонат назди касе бигзорад, било фосила хиёнат мекунанд, гӯё, ки моли ғанимат

ба даст овардаанд ва ё аз падару аҷдоди хеш ба ирс бурдаанд.

Сипас фармуд: Закот чизи товонӣ шумурда мешавад.

Яъне додани закот бар нафсашон сахт мегузарад ва гӯё товон ва ҷарима аз у гирифта мешавад. Аз ин ҷиҳат он мол ба беҳудагӣ харҷ мешавад. Барои ҳамин аст, ки дар ин замона бисёр каманд афроде, ки закотро ба таври комил ва шаръӣ адо мекунанд ва аз миёни адокунандагон кам ҳастанд афроде, ки бо хотири хуш ва барои ризои Илоҳӣ адо намоянд.

Дар ҳадиси дигаре натоиҷи бади надодани закот ҳам баён шудааст. Масалан дар ривояти «Ибни Моҷа» омадааст: Касоне, ки закоти моли худро намедиҳанд, аз борони Илоҳӣ маҳрум мегарданд. Аз ин ҷиҳат агар ҳайвонот ва чорпоён набошанд, борон ба таври куллӣ нахоҳад омад. Яъне бо вуҷуди надодани закот, он борони андаке, ки меояд ба хотири он инсонҳо нест, балки Худованди Мутаъол он борони андакро ба хотири чорпоён нозил мефармояд ва аз туфайли ҳайвонот инсонҳо ҳам истифода мекунанд. Ҷои басо шарм аст, ки худи инсон қобили раҳми Илоҳӣ

набошад ва ба туфайли ҳайвонот ва чорпоён аз баракати об мустафид гарданд.

Ҳамчунин фармуд: Илми дин ҳосил шавад, вале ҳадаф дин набошад. Дар ин замона ҳоли уламо ва ҳуфазо ҳамин аст, ки талошашон бештар ба хотири ҳусули молу мақом ва ному овоза аст, ки агар ба онҳо чанд риёл пул бирасад, таблиғ ҳам мекунанд, дарси Қуръон ҳам медиҳанд ва эмомати ҳам мекунанд ва эҳсоси масъулият карда, панҷ вақт дар меҳроб ҷилвагар мешаванд ва агар ҳуқуқашон қатъ шуд як соат ҳам ҳозир нестанд Қуръону ҳадисро тадрис намоянд, эмоматӣ, ки аз даст рафт, ҷамоъат ҳам аз даст меравад.

Дар ҷои дигар фармуд: Ва мард аз занаш итоъат мекунад ва модари худро мавриди азият ва озор қарор медиҳад. Яъне тамоми хоҳишоти занро хоҳ ҷоиз бошад ё ноҷоиз анҷом медиҳад ва ба ҷои хидмат ба модар нофармонии ӯро мекунад ва роҳату осоиши модарро фароҳам намеоварад, балки густохона аз фармони ӯ сарпечӣ мекунад. Ин воқеъияте аст дар рӯзгори кунунӣ! Ва фармуд: Дӯсти худро ба худ наздик мекунад ва падари худро аз худ дур менамояд.

Яъне қадру манзалати дӯстро дар дил дорад ва аз хидмату дилдории падар ғофил аст. Дар ривояти ҳазрати Алӣ, разияллоҳу анҳу, ин алфоз омадааст, ки бо дӯсти худ хушрафторӣ мекунад ва ба падар зулм раво медорад. Ба ҳар ҳол имрӯза чунин воқеъотеро бо чашми худ мушоҳида мекунем, ки мардум аз волидайн комилан ғофил шудаанд, ҳоло ин, ки дар аҳодиси Набавӣ барои вусъати ризқ ва афзунии умр, ба силаи раҳм таъкид шудааст.

Дар ривояти «Байҳақӣ» омадааст, ки Худованди муттаъол хар гуноҳхеро, ки бихоҳад мебахшояд магар нофармонӣ ва озор ба волидайн, ки инсон натиҷаи онро дар ҳамин дунё қабл аз мурдан мебинанд.

Дар масоҷид шуру ғавғо мешавад. Яъне адабу эҳтироми масоҷид аз дилҳо меравад, сару садо ва шуру шағаб дар масоҷид баланд мешавад, имрӯза умуман ҳоли мусулмонҳо ҳамин тавр шудааст.

Афроди бедин сардори қабилаи хеш мешаванд ва афроди паст сардору муътамиди қавм қарор мегиранд. Оре, имрӯза чунин аст, ки ихтиёроти қавм ба дасти ашхоси диндор ва парҳезгори он қавм дода намешавад, балки афроди бедин сардор ва бузурги

хонадон шумурда мешаванд, хулоса барои риёсат ва сарпарастӣ, чунон касоне интихоб мешаванд, ки дар вуҷуди эшон номе аз диёнат, парҳезгори, Худотарсӣ, раҳм, зуҳд, амонат ва дигар сифоти ҳасана дида намешавад.

Ба афроди ширир, ба хотири тарс аз шарораташон эҳтиром мегузоранд. Яъне адабу эҳтиром, таъзим ва икроме дар дил нахоҳад буд, лекин бо дили нохоста таъзим кардан ривоҷ мегирад ба иллати ин, ки агар ӯро таъзим накунанд, хатари шарoратро дорад ва аз ғурури иқтидор ва давлати худ мусибатеро эҷод менамояд. Дар ин замон аҳвол хамин гунна аст. Касе, ки дар ҳузураш таъзими ӯ ба ҷо оварда мешавад, ғоибона ӯро дашном дода, лаъну таънаш мекунанд. Афроди ширир, ки соҳиби хукумат ва давлат шудаанд, умуми мардум шарорати онҳоро ба чашм мебинанд, аз ин ҷиҳат ҷуръати онро надоранд, ки дар баробари онҳо аз ҳаққ дифоъ карда, амри ба маъруф ва наҳи аз мункар кунанд, балки баҷои гуфтани хақ эхтироми он шириронро ба ҷо меоваранд. Ин аст пешгӯии Набии Карим, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки содиқ омадааст.

**Занони овозхон ва олоту абзори созу овоз роиҷ хоҳанд шуд.**

Чунон, ки дар ин замон бо чашми худ мушоҳида мекунем, ҳар касе, ки чанд риёл ба даст оварад ё кормандӣ ва навкарии хубе насибаш гашт, қабл аз ҳар чиз таҳияи асбоби лаҳв ва лаъб, созу овозро ба худ лозим медонанд.Тилвизиюн, видиё ва ғайраро фароҳам меоваранд. Будани ин гуна колоҳоро дар манзил меъёри тараққӣ ва асбоби роҳату оромиш медонад ва билохира тамоми аҳли манзил аз бузургу кӯчак даври ҳам нишаста, ба созу овоз ва лағвиёти он саргарм мешаванд ва бадин тартиб фарҳанги беҳиҷобӣ ва беъифати ва бебанду бори вориди саҳнаи пок ва муқаддаси манзил мешавад, дере намегузарад, ки рақс ва овоз дар арӯсӣ ва ҷашнҳои дигар ҷо боз мекунад, ки қабл аз ҳар чиз фурсати хондани намоз аз даст меравад дар ин навъ маросим ҳатто аз бузургони дин даъват ба амал меояд ва онҳо низ гоҳе авқот маҷбур ба тамошои лағвиёт мешаванд, дар ҳоле, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Созу овоз нифоқро дар дил пайдо мекунад монанди обе, ки зироъотро парвариш медиҳад».

Ҳамчунин Набии Акрам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Парвардигори ман, маро барои тамоми ҷаҳониён раҳмат ва ҳодӣ қарор дода ва фиристодааст ва маро ҳукм додааст то тамоми олоти созу овоз ва бут ва салит ва мазоҳири ҷоҳилиятро аз байн бибарам».

Дар ин замона, созу овоз ҷузъи аҳамми зиндагии мардум шудааст. Меъёри зиндагии заношӯӣ он қадар иваз шудааст, ки дар интихоби зан ё шавҳар, диндорӣ ва Худотарсӣ мадди назар қарор намегирад. Чӣ бисёр дида шудааст, ки арзишҳои динӣ ва инсонии занони шарифзода камтар мадди назар қарор гирифта, балки онҳо қурбонӣ ва тӯъмаи сарватмандон ва булҳавасон шудаанд.

Радио ва телвизиюн метавонад беҳтарин васила барои иртиқои таълимоти ахлоқӣ ва таблиғоти динӣ бошанд, ахбор ва омӯзишҳои муфидро ба хонаводаҳо таълим диҳанд.

Ба хотири ҳамин фарҳанги ғалат аст, ки аз таблиғот ва омӯзишҳои мавҷуди родю ва телвизиюн камтар истифода мешавад. Мутаасифона касоне, ки масъул ва сарпарасти хонаводаҳо ҳастанд, камтар дар фикри

ислоҳ ва тарбияти динии фарзандон ва зердастони худ ҳастанд ва ҷои таъаҷҷуб ин, ки он даста аз кӯшишҳое, ки дорои ба истилоҳи ҳукумати Исломӣ ҳастанд дар анҷом аз созу овоз ва абзори лаҳву лаъб ва синамо ва ғайра мамониъат вуҷуд надорад.

Ҳангоме, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, Ҷумлаи «Занони овозхон ва олоту абзори созу овоз роиҷ хоҳанд шуд»-ро иршод фармуд, нақшаи муфасали он дар пеши саҳоба, разияллоҳу анҳу, мавҷуд набуд, чунон, ки мо имрӯза шоҳиди он ҳастем. Фидои он ҳодй ва роҳнамо шавем, ки аз фитнаҳо ва фасодҳои замони хозира умматро қабл аз ҳазору чаҳорсад сол хабар додааст, то ояндагон дар ин бора эҳтиёти лозимро мабзул доранд.

Сипас фармуд: Шаробхурӣ зиёд мешавад. Ин ҷумла ниёз ба ташриҳ надорад, балки шадидтар аз он ин аст, ки фармуд: Мардуми баъдии ин уммат, некони гузаштаро лаънат мекунанд.

Ин пешгӯӣ дар ин замона содиқ омадааст, ҳатто саҳоба, разияллоҳу анҳум, аз лаъну таъни касоне, ки худро мусулмон медонанд, маҳфуз намондаанд.

## Аз имоматии намоз фирор хоҳанд кард

Ҳазрати Салома, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Яқинан аз аломоти Қиёмат яке он аст, ки аҳли масҷид якдигарро барои эмоматӣ таҳмил мекунанд ва якеро намеёбанд, ки бо хотири хуш эмоматии онҳоро анҷом диҳад».

Мақсуд ин аст, ки наздикиҳои Қиёмат, чунон замоне хоҳад омад, ки мардум дар масоҷид ҷамъ мешаванд, вақте мехоҳанд намоз бихонанд аз ҳозирон, ҳеҷ як розӣ намешавад, ки эмом шавад аз ҳар касе, ки дархост кунанд, то эмом шавад ӯ худро нолоиқ дониста ба тарафи дигар ишора мекунад ҳатто, ки аҳаде барои эмоматӣ ҳозир нахоҳад шуд ва мардум бидуни ҷамоъат намоз хонда мутафариқ мешаванд.

Аломаи Тайбӣ ва соҳиби «Мирқот» менависанд, ки иллаташ он аст, ки ҳеҷ касе аз онҳо лоиқи он намешавад, ки масоили саҳеҳ ва фосид будани намозро дониста бошад. Таваҷҷӯҳе, ки баён фармудаанд комилан дуруст аст. Дар аксари рустоҳо имрӯза бидуни сабаб, бидуни Ҷамоъат намоз мехонанд касе, ки масоилеро бидонад дар онҷо вуҷуд

надорад ва лекин ба назари банда сабаби инкори эмомат, дар ин замон яке ин аст, ки дар баъзе аз рустоҳо одамҳои саводдор ва воқиф аз масоил ҳам мавҷуд ҳастанд, вале аз зиёдии тавозуъ инкор менамоянд ва баъзе ин узрро дар эмоматӣ матраҳ мекунанд, ки бори масъулияти муқтадиҳо хеле зиёд ва сагин аст, наметавонем онро таҳаммул кунем. Агар дар Шариъат ин узр мебуд салафи солиҳин аз ибтидои Ислом то имрӯз аз эмоматӣ парҳез мекарданд ва аҳмияти ҷамоъат аз байн мерафт. Чаро, ки он бузургони Салаф аз мусулмонони ин замона аз Охират бештар метарсиданд ва аз Худо хавфи бештар доштанд. Шариаъти мутаҳҳар он чӣ аҳкоми саҳеҳ ва фосид будани намозро баён фармудааст, онро мулоҳиза карда эмоматиро анҷом медоданд. Қабул ва адами қабул дар ихтиёри Худованд аст ва мо мукаллафи он ҳастем, ки шароит ва аркони намозро риоят намоем.

## Занони бараҳна мардонро ба тарафи худ моил мекунанд

Ҳазрати Абуҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: Ду гурӯҳ аз Дӯзахиён пайдо хоҳанд шуд, ки ман онҳоро надидаам (чаро, ки ҳанӯз пайдо нашудаанд). Яке аз онро ташреҳ карда фармудаанд, ки як гурӯҳи ин тавр пайдо хоҳанд шуд, ки монанди думи гов шалоқ ва тозиёнаи дароз дар даст гирифта мардумонро мезананд ва субҳу шом дар ғазаб ва лаънати норизоиятии Худо гардиш мекунанд.

Дуввум чунон заноне пайдо мешаванд, ки бо пӯшидани либос бараҳна хоҳанд буд ва мардонро ба тарафи худ моил мекунанд ва худашон ба тарафи мардон моил мешаванд ва сарҳояшон монанди кӯҳони шутур хоҳад буд, онҳо на дар Ҷаннат дохил мешаванд ва на бӯи Ҷаннат ба онҳо мерасад ҳоло ин, ки бӯи Ҷаннат аз масофаи дур ба машом хоҳад расид.

Дар ин ҳадис ду пешгӯӣ зикр шудааст: Яке дар бораи гурӯҳи золимон аст, ки шалоқ дар даст гирифта мардумро мезананд ва озор медиҳанд. Яъне дар нашъаи иқтидор ва ҳукумати худ бар заъифон ва

бекасон зулм мекунанд ва бидуни гуноҳ авомро озор мерасонанд.

Ва пешгӯии дуюмро дар бораи заноне иршод фармудааст, ки дар замонҳои оянда пайдо хоҳанд шуд, бо пӯшидани либос, бараҳна хоҳанд буд, яъне ба қадре либоси нозук ва зарифе мепӯшанд, ки аз пӯшидани он ҷисм пӯшида нахоҳад шуд ё ин, ки либос, нозук набошад ба иллати он, ки духти он бо сохти бадан яксон аст (танг аст) пӯшидан ва напӯшидани он баробар хоҳад буд ва дар ин замон бо вуҷуди либос бо сохти бадан яксон будан, ҳамранг будани либос бо бадан, муди ҷадид шудааст чунон, ки ҷӯроб гандуми ранг ва нозуқ феълан ҷузви либос шудааст, ки аз пушти он чунон ба назар мерасад, ки пусти соқ аст ва гӯё бараҳна мебошад.

Бараҳна будан ё пӯшидани либос як сураташ ҳамин аст, ки як либоси мухтасареро бар бадан андохта, аксари бадан ва хусусан аъзоеро, ки занон бо ҳаё аз мардон мепӯшанд, онҳо онро бараҳна мегузоранд чунон, ки дар ғарб ва баъзе шаҳрҳои Ҳинд мисли Бамбай, Рангун, Сангопур ва ғайра, ки пӯшидани инчунин либос ривоҷ гирифтааст, ки ҷома то зону

мебошад ва остинро аз шона ба микдори панҷ то даҳ сонат дарозтар мекунанд, соқи пойро комилан бараҳна дошта ва сарро бидуни чодар мегузоранд.

Сипас иршод фармуд, ки ин занон, мардонро ба тарафи худ моил мекунанд ва худашон ба тарафи мардон моил мешаванд, яъне ривоҷи бараҳна будан аз сабаби муфлисӣ ва нодорӣ нахоҳад буд, балки қасдан бадани худро ба мардон нишон дода дилашонро моил мегардонанд ва низ барои моил гардонидани дилҳо ин тариқаи дуаввумро ихтиёр мекунанд, ки сарҳои бараҳнаи худро монанди кӯҳони шутур карда роҳ мераванд аз ташбеҳ додан ба кӯҳони шутур инро ҳам нишон дод, ки муҳои худро пароканда сохта сарҳои худро бузург месозанд.

Баъдан иршод фармуд: Ин гуна занон на дар ҷаннат хоҳанд рафт ва на бӯи ҷаннат ба онҳо хоҳад расид. Шариати Ислом ҳамчунон аз занон манъ кардааст аз корҳое, ки боиси зино мешаванд низ манъ кардааст, ҳатто онро ҳам зино гуфтааст. Монанди зане, ки маводи хушбӯ истеъмол карда ба канори маҷлиси мардон мегузарад ва мардон бӯи хуши ӯро истишмом намоянд.

Дар ривояти «Муслим» омадааст, ки Ҳодии олам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Зинои чашм нигоҳ кардан аст ва зинои гӯш шунидан ва зинои забон гуфтан ва зинои даст гирифтан ва зинои по роҳ рафтан аст».

Ҳазрати ибни Масъуд, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Зан қобили сатр ва парда аст, ҳар гоҳ номаҳрамро нигоҳ кунад ва ҳар кас таманно ва хоҳиш кунад, ки нигоҳи номаҳрам ба ӯ биафтад лаънати Худо бар ӯ аст».

Аз ҳазрати Абӯумома, разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар мусулмоне, ки бидуни қасд ва ирода як бор зебоии занеро ногаҳон дида, назари худро идома надиҳад, балки чашми худро фавран бубандад, Худованди муттаъол дар ивази он чунон ибодатеро насиби ӯ мефармояд, ки ҳаловати онро махсус менамояд».

## Дӯстони зоҳирӣ ва душманони ботинӣ пайдо хоҳанд шуд

Ҳазрати Маъоз ибни Ҷабал, разияллоҳу анҳу, мефармояд: Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Дар охири замон чунон касоне хоҳанд буд, ки дар зоҳир изҳори бародарӣ мекунанд ва дар ботин душман хоҳанд буд». Арз шуд, ё Расулуллоҳ, чаро ин тавр мешавад? Фармуд: «Баъзе аз баъзе тамаъ доранд ва баъзе аз баъзе хавф, аз ин сабаб дар зоҳир дӯст ва дар ботин, душман хоҳанд буд».

Ин мараз ҳам умумият пайдо кардааст, ки равобити дӯстонаро дар вақти мулоқот нишон медиҳанд ва дар ғоиб монанди душманон мазаммат ва бадгӯӣ мекунанд ва сабаби он мутобиқи иршоди он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ҳамин аст, ки барои ҳусули ғараз ва тамаъи худ зоҳиран таалуқот ва дӯстии худро нишон медиҳанд ҳоло ин, ки аз он шахс дар дил буғз ва нафрат доранд ва иршод фармуд, ки сабаби дуввуми ин ҳаракати мазмум хавф аст, яъне шахсеро ба сабаби иқтидор ва ҷоҳу ҳашамати ӯ хуб таърифаш мекунанд ҳоло он, ки дил аз бадиҳояш

лабрез шуда ва дар сина оташи буғзи ӯ шӯълавар шудааст.

Дар ин замон роҷеъ ба раҳбарони гурӯҳи мухолиф ҳамин тариқа ихтиёр шудааст, ки аз буғз ва адовати эшон дилҳо пур шудааст ва ҳар гоҳ яке аз инҳо бимирад таъриф ва тамҷиди ӯро лозим ва зарурӣ медонанд.

## Обидони риёкор ва рӯзадорони хом пайдо мешаванд.

Як бор ҳазрати Шаддод ибни Авс разияллоҳу анҳу, шурӯъ ба гиря кард. Пурсида шуд чаро гиря мекунӣ? Гуфт: Яке аз иршодоти Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ёдам омад, ки ман худи онро шунида будам, он хотира маро ба гиря даровард ва он иршод ин аст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: «Ман нисбат ба уммати худам аз ҳама бештар аз ширк ва шаҳвати хуфия (пинҳон) хавф дорам». Ман аз роҳи таъаҷҷуб арз кардам, ки оё уммати ту баъд аз ту ширк хоҳанд кард? Иршод фармуд, ки: «Огоҳ бош эшон Офтоб, Моҳтоб, санг ва регро парастиш нахоҳанд кард, балки ширки онҳо бо ин сурат мешавад, ки аъмоли худро ба мардум нишон медиҳанд».

Шаҳвати хуфия он аст, ки яке аз эшон нияти рӯзаро мекунанд баъдан ба иллати пеш омадани баъзе аз хоҳишоти нафс (монанди ҳозир шудани ғизои хушмаза ва будани ҳамсари зеборӯй) рӯзаро тарк медиҳанд.

Ҳазрати Абусаъиди Худри, разияллоҳу анҳу, мегӯяд, ки чанд тан аз саҳоба бо ҳам нишаста, зикри Даҷҷол мекардем, ки дар ин асно он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ташриф овард ва сипас иршод фармуд: «Оё шуморо аз он чиз хабар надиҳам, ки хатари он назди ман аз хатари Даҷҷол ҳам бештар аст?» Мо арз кардем, оре моро хабар деҳ. Иршод фармуд: «Он ширки хуфия аст (мисоли он ин аст, ки) инсон барои хондани намоз бармехезад ва ба сабаби дидани мардум намозро хуб ва тӯлонӣ мехонад».

Ҳазрати Маҳмуд ибни Лабид разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ман аз ҳама бештар аз ширки асғар эҳсоси хатар мекунам». Саҳоба арз карданд, ширки асғар чӣ чизе аст? Иршод фармуд: «Риё».

Риёкорон дар ин замона ба касрат мавҷуд шудаанд, ки мутобиқи иршоди он ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мубталои ширки асғаранд Худо моро аз он паноҳ диҳад.

Дар мавзӯъи риё рисолаи банда ба номи «Ихлоси ният» интишор ёфтааст. Илова бар баёни ҳоли

риёкорони ин замона мазаммати риё ва сазои риёкорон ва ановини дигар дар он муфассал баҳс шудааст.

## Золимонро золим гуфтан ва роҳи некиҳоро нишон додан ва аз бадиҳо манъ кардан матрук хоҳад шуд

Абдуллоҳ ибни Умар, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки ҳар гоҳ шумо уммати маро дар ин ҳол бубинед, ки аз золим гуфтани золим, метарсанд пас аз эшон ҷудо шавед. (Яъне маҷолис ва маҳофилашонро тарк диҳед).

Ҳазрати Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ло илоҳа иллаллоҳ» хонандагони худро нафъ мерасонад, азоб ва балоро аз онҳо дафъ мекунад то замоне, ки аз ҳаққи он беэътиноӣ накунанд.

Саҳоба арз карданд, ки мурод аз беэътиноӣ чист? Иршод фармуд: «Беэътиноӣ он аст, ки нофармонии Худо ошкоро анҷом гирад ва аз он манъ карда нашавад ва ҷилави нофармонӣ гирифта нашавад».

Дар «Дурул Мансур» як ҳадис нақл шуда, ки тарҷумаи он чунин аст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу

алайҳи ва саллам, иршод фармуд: Ҳар гоҳ уммати ман дунёро чизи бузурге бидонад вақъати Ислом аз дили ӯ берун меояд ва ҳар гоҳ уммати ман амри ба маъруф ва наҳи аз мункар (роҳи некро нишон додан ва аз бадиҳо манъ кардан)-ро тарк диҳад аз баракоти ваҳйи маҳрум мегардад ва ҳар гоҳ якдигарро дашном диҳанд аз назари Худо меафтанд, яъне хору залил мешаванд. Ҳамон вақт аст, ки мухбири содиқ хабар додааст тасбиҳоти «*Ло Илоҳа Иллаллоҳ*» бисёр хонда мешаванд, аммо «*Ло Илоҳа Иллаллоҳ*» нафъ намедиҳад чаро, ки нофармонии Худо ошкоро анҷом мегирад. Манъ кардан аз онҳо ба ҷои худ, он корҳои нораво бад ҳам дониста намешавад. Ба иллати тарки фаризаи таблиғ аз баракати ваҳйи маҳрум шудаанд. Ваҳӣ, яъне каломи Худо (Қуръони маҷид) дар синаҳо мавҷуд аст, дар дӯконҳо ва камидҳо ниҳода шуда ва маҳфуз аст, лекин аз баракати ӯ (тақво ва парҳезгорӣ) умуми мусулмонҳо ба ин сабаб маҳруманд, ки таблиғи аҳкоми ӯро тарк дода, роҳат нишастаанд.

Ҳамчунин дашном ва бадгӯӣ байни мусулмонҳо ба касрат ривоҷ ёфта, аз назари Худо соқит ва дар чоҳи зиллат ва мусибат афтодаанд. Дуъо мекунанд, асаре аз қабулияти он вуҷуд надорад, аз мусибатҳо наҷот

металабанд, роҳи халосиро намеёбанд. Чӣ гуна дар мақсади худ комёб бишаванд вақте, ки Сарвари ду олам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Қасам ба он зоте, ки ҷони ман дар қабзаи қудрати Ӯст, ҳатман бояд ба корҳои нек амр кунед ва аз бадиҳо ҷилавгирӣ намоед ва илло наздик аст, ки Худо бар ҳамаи шумо азоб бифиристад, пас дар он вақт шумо ҳатман ба даргоҳи Худо дуъо мекунед, аммо Ӯ дуъои шуморо қабул нахоҳад кард».

Ҳазрати Ҷарир ибни Абдуллоҳ, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Як нафар гуноҳкор дар қавме мавҷуд бошад ва он қавм қодир бошад, ки ӯро манъ кунанд, аммо манъ намекунанд, Худои Таъоло азоби худро қабл аз мурдан бар он қавм нозил мегардонад».

Аз ин аҳодиси муборак маълум мешавад, ки аъмоли инсон, тухми роҳат ва оромиш ё мусибат ва азоб ҳастанд. Аз аъмоли нек ниҳоли неъмат ва айшу оромиш сарсабз мешавад ва аз аъмоли бад, дари офот ва балоҳо кушода мегардад ва аз аҳодис, сароҳатан маълум мешавад, ки аз тарки фаризаи

таблиғ, азоби умумӣ меояд ва дуъо аз боргоҳи Худованд рад мешавад ва аз баракати ваҳӣ маҳрум мешаванд ва ин ҳам маълум шуд, ки якдигарро дашном додан боиси сукут аз назари Худо хоҳад буд, илова бар аҳодиси мазкур натоиҷи баъзе аъмол дар аҳодис бе шумор зикр шудааст, ки баъзеро мухтасаран зикр мекунам:

1. Зино ва бадкорӣ боиси қаҳту зиллат ва тангдастӣ хоҳад буд. Аз зино мавт ба касрат воқеъ мешавад, аз анҷом додани корҳои беҳаёӣ вабо ва амрози дигар зоҳир мешаванд, ки дар замони падарони гузашта ҳаргиз пеш наомадааст.

2. Ҳар қавме ки дар он ришва гирифтан ва ришва додан роиҷ бошад ё хиёнат карда бошанд руъби (ҳайбат) душман бар дили онҳо ғолиб мешавад.

3. Касоне, ки закотро адо накунанд, борон аз онҳо боздошта мешавад.

4. Аз кам кардани кайлу вазн, ризқ қатъ мегардад, ба қаҳтсолӣ ва меҳнатҳои сахт мубтало мешаванд ва подшоҳи золим мусаллат мешавад. Аз зулм кардан

дар файсалаҳо (корҳои қазоӣ) қатл, зиёд воқеъ мегардад. Аз бадаҳдӣ душман мусаллат мешавад.

5. Қатъи раҳм, яъне таъалуқотро аз оила ва хешовандони худ қатъ намудан боиси маҳрумият аз раҳматҳои Худо мешавад. Азият ва озор расондан ба падару модар, чунон гуноҳе аст, ки дар ин дунё қабл аз мурдан сазо ва вуболи онро бояд чашид.

6. Аз хурдани ҳаром ва тарк додани амри ба маъруф ва наҳи аз мункар дуъо қабул нахоҳад шуд.

7. Зулму қасами дурӯғ молро зоеъ ва занонро ақим (нозо) мекунанд, ободиҳоро (вайрон) месозад.

8. Дуруст ва рост накардани сафҳо дар намоз, боиси ихтилоф ва тафриқаи қулуб мешавад.

9. Аз ношукрӣ неъматҳо салб хоҳанд шуд.

10. Ҳар моле, ки дар он закот воҷиб бошад ва онро адо накунанд, он саҳми закот тамоми молро нобуд месозад.

Баръакси он чи баён шуд, дар силаи эъмоли нек зиндагии пур аз амну офият дар дунё насиб мешавад,

зиллат ва хорӣ дур мегардад ва натоиҷи аъмоли махсусе зоҳир мешавад, масалан:

1. Аз хондани сураи «Ёсин» дар вақти субҳ ҳоҷоти тамоми рӯз баровarда хоҳанд шуд, аз хондани сураи «Воқеъа» дар аввали шаб ҳаргиз фоқа нахоҳад шуд.
2. Мадади Худо ба василаи сабр ва намоз ба банда мерасад.
3. Қулубро аз зикри Худо итминон ва сукун ҳосил мешавад, барои наҷот ёфтан аз азоби қабр ҳеҷ чиз аз зикри Аллоҳ болотар ва муассиртар нест?
4. Дар аввалу охири дуъо дуруди шарифро хондан боиси қабули дуъо мешавад.
5. Аз саховат, мол тараққӣ мекунад ва садақа додан ғазаби Худоро хомӯш мегардонад ва дар вақти мурдан хавфзада ва парешон намешавад.
6. Аз тақво ва истиғфор ризқ аз ҷое мерасад, ки ваҳм ва гумони онро надорад.
7. Аз шукргузорӣ, неъматҳо афзун хоҳад шуд.
8. Касе, ки ҳоҷати мусулмонеро бартараф созад, Худо ӯро мадад хоҳад кард.
9. «*Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ*». Давои наваду нуҳ (99) беморӣ аст, ки кучактарини онҳо ғам аст.

10. Дуъо нофеъ ва судманд аст барои мусибате, ки омада ва расидааст ва ҳам барои он мусибате, ки ҳанӯз наомада ва нарасидааст.

Аз ин чанд мисоли баёншуда маълум шуд, ки барои дур кардани масоиб ва таколуф лозим аст, ки инсон сифоти эмонӣ, яъне зикри Аллоҳ, намоз, тақво, шукр, тиловати Қуръони пок ва дигар аъмоли некро ихтиёр кунад. Дар ҳоли дур будан аз Худо неъматҳои Худоро ҳосил наметавон кард.

Таҷриба гувоҳ аст он тадбирҳое, ки инсон аз ақлу фаҳми худ онҳоро ихтиёр мекунад, масоили рӯзгори кунунӣ аз он ҳал нахоҳад шуд, балки рӯз ба рӯз бештар хоҳад шуд.

Дар замонаи охири ин уммат чунон муҷоҳидон ва мубаллиғоне пайдо мешаванд, ки аҷрашон монанди аҷри саҳоба хоҳад шуд.

Ҳазрати Абдураҳмон ибни Алои Алҳазрамӣ, разияллоҳу анҳу, мегӯяд, ки яке аз асҳоб ба ман фармуд, ки ман аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки иршод фармуд: «Дар охири ин уммат чунон ҷамоъате хоҳад буд, ки аҷри эшон

мисли аҷри мусулмонони аввали уммат (саҳоба) мешавад, эшон ба корҳои нек амр мекунанд ва аз бадиҳо манъ мекунанд ва бо аҳли фитна ва инод, қитол менамоянд».

Ин аҷри азим ба ин ҷиҳат эшонро мерасонад, ки дар он замонаи куфр ва илҳод гуфтани калимаи ҳақ хеле мушкил мегардад, калимаи ҳақро мегӯянд ва дар дафъи бадиҳо кӯшиш мекунанд.

## Касоне пайдо хоҳанд шуд, ки муҳаббати эшон бо Расули Акрам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, беинтиҳо хоҳад шуд

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Бузургтарин муҳаббаткунандагон бо ман дар уммат аз касоне хоҳанд буд, ки ин таманноро мекунанд, ки эй кош, ки мо тамоми молу хонадони худро қурбон карда Паёмбари худро медидем».

Яъне ман худам дар он вақт мавҷуд нахоҳам буд, лекин онҳоро бо ман он қадар муҳаббат хоҳад буд, ки омода мешаванд, ки ба хотири дини ман тамоми қабила ва хонадони худро қурбон созанд.

## Дарандаҳо ва баъзе чизҳои дигар такаллум хоҳанд кард

Ҳазрати Абӯсаиди Худрӣ, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ба Худо қасам, ки Қиёмат барпо нахоҳад шуд то ин, ки даррандаҳо бо инсон такаллум мекунанд, ҳатто сари асо ва тасмаи кафш бо инсон такаллум мекунанд ва низ рони инсон бо ӯ такаллум мекунад, ки аҳли манзили ту аз пеши ту ин амалро анҷом доданд».

Яъне қабл аз омадани Қиёмат ин тавр хоҳад шуд.

## Рӯзе меояд, ки фақат мол коромад хоҳад шуд

Ҳазрати Миқдод ибни Маъдикарб, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Яқинан чунон замоне хоҳад омад, ки фақат динор ва дирҳам фоида медиҳад».

Соҳиби «Ламаъот» дар ташриҳи ин ҳадис менависад: Дар он замон ба василаи касби ҳалол дини худро маҳфуз мекунанд ва касби ҳалол, онҳоро аз ҳаром наҷот медиҳад. Мақсад ин аст, ки мардум дар дини худ он қадар заъиф мешаванд, ки агар ҳалолгир наоянд, машаққати гуруснагиро таҳаммул нахоҳанд кард, ва ба ҳаром мубтало хоҳанд шуд. Агар назди касе моли ҳалол бошад ӯро аз ҳаром наҷот хоҳад дод.

Назари «Роқамулҳуруф» ин аст, ки дар ҳадис ин нуқта баён шудааст, ки дар ҳар муомила мол коромад хоҳад шуд, дин ҳам ба василаи мол маҳфуз мешавад, дар муомилоти дунё ҳам мол малҳуз мегардад. Масалан ҷиҳати интихоби раиси ҷумҳур ё нахуствазир шахси сармоядорро дар назар мегиранд, ки соҳиби сарват аст ва саранҷом раис ва муътамиди маҳал мешавад. Дар никоҳ марди молдорро ҷӯё мешаванд ва зани молдорро беҳтар писанд мекунанд.

Ғараз дар ҳар муомила молро мулоҳиза менамоянд ва шахси молдорро муқаддам медоранд. Чунон, ки дар асри ҳозир мушоҳида мешавад, ки молдор будан далели шарофат ва бузургӣ шудааст фақру тангдастӣ агарчӣ ихтиёрӣ нест, боз айб шумурда мешавад. Азамати мол он қадар дар дилҳо ҷойгузин шуда, ки фақат молдорро бузург ва бо иззат ва бо обурӯ медонанд, аз ин ҷост, ки одамҳои муфлис дар пинҳон доштани фақру тангдастии худ кӯшиш мекунанд.

Ҷои таассуф аст, он фақире, ки барои мӯъмин шаъни имтиёзиро дошт, акнун айб қарор гирифтааст. Болотар аз ин, он аст, ки баъзе аз мардум ба сабаби фақру тангдастӣ эмони худро аз даст медиҳанд. Мафҳуми иршоди он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, хуб фаҳмида мешавад, ки фармуд: Наздик аст, ки фақр инсонро ба куфр бирасонад.

Ҳазрати Суфёни Саврӣ, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки дар замони собиқ назди одамҳои нек мол чизи нописанде буд, аммо имрӯз мол сипари мӯъмин аст. Агар мол набошад ин молдорон моро (яъне уламоро) ҳамчун дастмоли худ месозанд. Яъне ҳамчуноне, ки чиркҳоро бо дастмол пок карда меандозанд ҳамин

тавр одамҳои молдор уламоро залил медонанд, боз иршод фармуд: Касе, ки мол дорад бояд онро ба тариқаи муносибе харҷ кунад (ба исроф ва фузулхарҷӣ онро ба бод надиҳад) чаро, ки ин ҳамон замона аст, ки агар касеро ҳоҷате пеш биёяд аз ҳама ҷилавтар дини худро барбод хоҳад кард.

## Сутуни тиллоӣ ва нуқрагин зоҳир мешавад

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: Замин сутунҳое аз тилло ва нуқра берун меандозад аз ин сабаб мол беқимат (бе арзиш) мешавад. Қотил мегӯяд ҳой афсӯс ба хотири чунин мол ва сарвате муртакиби қатл шудам ва касе, ки ба хотири мол қатъи хешовандӣ кардааст ӯ мегӯяд ҳой афсӯс ба хотири чунин мол ва сарвате муртакиби қатъи хешовандӣ шудам ва дузд мегӯяд ҳой афсӯс ба сабаби ҳамин навъ молҳо дасти ман қатъ шудааст, пас аз изҳори таассуф он молро ҳама тарк медиҳанд ва ҳеҷ чизе аз он бар нахоҳанд дошт.

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки қабл аз Қиёмат он вақт хоҳад омад, ки аз наҳри Фурот як кӯҳи тиллоӣ зоҳир мешавад, ки мардум барои ҳусули он бар сари пайкор хоҳанд шуд, ки аз ҳар сад нафар 99 нафар ба қатл мерасад ва ҳар яке ин хаёлро мекунанд, ки шояд ман наҷот ёбам.

Дар ривояти «Бухорӣ» ва «Муслим», ки аз ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, ривоят шуда омадааст, ки аз Фурот кӯҳи тилло зоҳир хоҳад шуд. Ҳар касе, ки

дар онҷо мавҷуд бошад наметавонад чизе аз он бардорад.

## Таманнои мавт карда мешавад

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулли Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармудааст: Қабл аз фанои дунё чунон вақте хоҳад омад, ки инсон ба қабр мегузарад ва худро ба қабр андохта мегӯяд: Эй кош ман соҳиби ин қабр мебудам, ин тамано ба хотири дин нахоҳад буд (аз фазои бединӣ бороҳат шуда, ин тавр мекунад), балки ба масоиби дунё гирифтор хоҳад буд.

Яъне, дар он замон ашхосе, ки аз бединӣ ва фисқу фуҷур танг омада нороҳат бошанд, куҷо хоҳад буд, албатта дар балоҳо ва нороҳатиҳои дунё гирифтор шуда мавтро ба зиндаги тарҷеҳ хоҳанд дод. Чунин ҳолат дар замони мавҷуди мо ҳам мушоҳида мешавад, ки баъзе мардум ба сабаби парешонӣ мегӯянд, ки: Аз ин зиндагӣ мавт беҳтар аст».

## Мол зиёд хоҳад буд

Ҳазрати Ҷобир, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Дар охири замон чунон подшоҳи мусулмоне хоҳад буд, ки ҳарду кафи дастро пур карда мол тақсим мекунад ва мол ҳисоб нахоҳад кард».

Яъне дар он вақт мол он қадар зиёд мешавад, ки тақсимкунанда хаёли кам ва зиёдро нахоҳад кард ва ба қадре мол зиёд мешавад, ки шумоцидани онҳо душвор хоҳад буд.

Дар ривояти «Бухорӣ» ва «Муслим» омадааст, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Қиёмат барпо нахоҳад шуд то ин, ки моли шумо он қадар зиёд хоҳад буд, ки молдор ин ранҷро мекашад, ки эй кош, ки яке садақаи маро қабул мекард». Ҳазрати Авф ибни Молик разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шаш нишонае аз нишонаҳои Қиёматро ба ман баён фармуда, ки аз он ҷумла яке он аст, ки мол он қадар зиёд хоҳад буд, ки сад динор тилло ба касе

дода мешавад боз онро кам дониста норозӣ хоҳад шуд.

Дар баъзе ривоёт ин ҳам омадааст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: «Садақа бидиҳед чаро, ки чунон замоне хоҳад омад, ки инсон моли садақаро бардошта давр мезанад, то ба касе бидиҳад, вале ҳеҷ кас онро қабул нахоҳад кард, ба ҳар касе, ки бигӯяд ӯ ҷавоб медиҳад, ки агар дирӯз меовардӣ қабул мекардам, аммо имрӯза ба он эҳтиёҷе надорам».

Пайғамбарони дуруғгӯй зоҳир хоҳанд шуд Ҳазрати Савбон, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Ҳар гоҳ дар уммати ман шамшеркашӣ оғоз гардад ва дар уммат хонаҷангӣ шурӯъ шавад, пас то Қиёмат шамшер ҷорӣ хоҳад монд ва Қиёмат қоим нахоҳад шуд то ин, ки бисёри қабоил, аз уммати ман дохили мушрикин хоҳанд шуд ва бисёри қабоил аз уммати ман бутҳоро парастиш хоҳанд кард» ва боз иршод фармуд, ки: «Бе шак дар уммати ман се нафар каззоб хоҳанд буд. Ҳар яке худро набӣ муаррифӣ мекунад

ҳоло ин, ки ман хотами набийин ҳастам ва баъд аз ман пайғамбаре нахоҳад буд».

Зилзила бисёр хоҳад буд. Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Қиёмат нахоҳад омад то ин, ки ду гурӯҳи бузург бо ҳам ҷанги шадид намоянд ва иддаъои ҳарду гурӯҳ як хоҳад буд ва то ин, ки қариб се нафар Даҷҷол ва каззоб пайдо хоҳад шуд, ки ҳар яке худро Расули Худо мегӯяд». ва иршод фармуд, ки: «Қиёмат нахоҳад омад то ин, ки илм аз дунё барчида мешавад ва пас аз он зилзила бисёр хоҳад омад».

## Суратҳо масх хоҳанд шуд

Ҳазрати Анас, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоху алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Бидуни шак дар ин уммат, азоб ба сурати фуру рафтан дар замин ва санг боридан аз осмон ва масх шудани суратҳо воқеъ хоҳад шуд ва ин вақте хоҳад буд, ки мардум шароби зиёд менӯшанд ва занҳои овозхон (ва рақоса)-ро нигоҳ медоранд ва асбоби созу овозро истеъмол мекунанд».

## Уммати Муҳаммадия аз яҳуд, насоро, форс ва рум пайравӣ мекунанд

Ҳазрати Абӯсаид, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Бе шак шумо ваҷаб ба ваҷаб, зироъ ба зироъ аз пешиниёни худ пайравӣ хоҳед кард, ҳатто агар онҳо дар сурохии сусморе дохил шудаанд шумо ҳам дохил хоҳед шуд». Пурсида шуд ё Расулаллоҳ! Оё муроди шумо аз пешиниён, яҳуд ва насоро аст? Иршод фармуд: «Пас чӣ касонеанд?!» (яъне аз онҳо пайрави хоҳед кард).

Дар ривояти дигаре аз ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо марвист, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «Бешак бар уммати манончунон замоне хоҳад омад, ки бар бани Исроил гузаштааст. Мисли баробар будани кафш бо кафши дигар ҳатто агар яке дар бани Исроил бо модари худ ошкоро зино карда бошад дар уммати ман аз ин қабил аъмоли зишт хоҳад буд».

Баъд аз он иршод фармуд: «Бешак бани Исроил ҳафтоду ду фирқаи мазҳабӣ шуданд ва уммати ман ҳафтоду се фирқаи мазҳабӣ хоҳанд буд ва инҳо ҳама

ба Дӯзах хоҳанд рафт ба ҷуз як фирқа». Саҳоба арз карданд: Он фирқаи (Биҳиштӣ) кадом хоҳад буд? Иршод фармуд: «Ӯ он аст, ки бар тариқаи ман ва асҳоби ман бошад».

Он чи дар ин аҳодис иршод шудааст, аксари онҳо мушоҳида мешаванд. Уламо ва авоми бани Исроил он ҳаракотеро, ки анҷом доданд, онҳо ҳама дар замони мо мавҷуданд. Бидъотро дар дин эҷод карданд, китоби Аллоҳро таҳриф намудан, аз таҳдиди соҳиби сарват масъалаи шаръиро бадал кардан, динро фурӯхта, дунёро ҳосил кардан, масоҷидро зебу зинат додан ва барои ҳалол сохтани чизҳои ҳаром, ҳила дуруст кардан ва бисёре аз номашруъоти дигар дар ин замона мавҷуд аст.

Он ҳафтоду се фирқае, ки Расули олам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз он хабар додааст ҳама ба вуҷуд омадаанд, ки тафсили он дар баъзе шуруҳи аҳодис зикр шудааст. Дар инҷо ин қадар бояд донист, ки мурод аз ин фирқаҳо фақат касоне ҳастанд, ки дар ақоиди Исломӣ муттафиқ нестанд, монанди муътазила, хавориҷ, қодёниҳо ва ғайра ва касоне, ки ақоиди Исломиро бидуни чуну чаро қабул доранд ва

ихтилофашон фақат дар масоили намоз ва рӯза аст монанди: Муқаллидини аимма ва аҳли ҳадис, албатта инҳо ғайр аз он фирқаҳо ҳастанд, чаро, ки дар масоиле, ки эшон ихтилоф доранд ҳазароти саҳоба низ дар он ихтилоф доштанд ва соликон ва равандагони тариқаи саҳобаро он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, Биҳиштӣ гуфтааст.

Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Қиёмат барпо нахоҳад шуд то ин, ки уммати ман тариқаи пешиниёни худро ваҷаб ба ваҷаб ва зироъ ба зироъ ихтиёр намоянд». Пурсида шуд, ки ё Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, оё итибоъи Форс ва Румро мекунанд? Иршод фармуд, ки: "Ғайр аз эшон, одамони пешин дигар чӣ касе хоҳад буд?"*

Ҳофиз ибни Ҳаҷар, раҳматуллоҳ алайҳи, дар «Фатҳулборӣ» менависад, ки дар ин ҳадис, итибоъи Форсу Румро хабар додааст ва дар ҳадиси аввал итибоъи яҳуду насороро, аз ин ҷиҳат аз ин ду ҳадис ин натиҷа ҳосил шуд, ки ин уммат дар бораи фосид кардани дин, итибоъи яҳуд ва насороро мекунанд ва дар умури сиёсат ва ҳукумат пайравӣ аз Форс ва Рум

мекунанд. Дар миёни ду ҳадиси мазкур хуб татбиқ додаast.

## Ҳар шахс раъйи худро тарҷиҳ дода, хоҳишоти нафсро пайравӣ мекунад

Ҳазрати Абусаълаба, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Ба корҳои нек амр кунед ва аз бадиҳо манъ намоед. Вақте мебинед ҳолоти мардумро ба гунае аст, ки итоъат аз бахилӣ мекунанд, яъне бахилӣ ба шиддат дар миёни мардум ривоҷ дорад ва аз хоҳишҳои нафсонӣ пайравӣ мекунанд ва дунёро бар дин тарҷиҳ медиҳанд ҳар кас ба раъй ва назари худ менозад дар он сурат агар медонед, ки дар бадиҳо ва фитнаҳо мубтало мешавед, пас қабл аз ҳар чиз дар фикри ислоҳ ва наҷоти худатон бошед ва муъошарати бо мардумро тарк диҳед».*

## Пешгӯӣ роҷеъ ба ду подшоҳи махсус

Аз Ҳазрати Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, ривоят карда шудааст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *“Қиёмат барпо нахоҳад шуд то ин, ки як шахс аз қабилаи Қаҳтон (аҳли Яман) мегардад, ки (ба сабаби иқтидор ва ҳукумат) мардумро бо асои худ меронад”.*

*Яъне тамоми мардум ҳарфи ӯро қабул мекунанд ва муттафиқ шуда хукуматашро мепазиранд.*

Ҳофиз ибни Ҳаҷар, разияллоҳу анҳу, ин қавли баъзе уламоро ба ҳаволаи «Қуртубӣ» ҳам нақл кардааст, ки ба ҷиҳати золим ва сахт будани табиъаташ мардумро мисли шутурҳо ва гӯсфандон меронад.

Дар ривояти дигари Абӯҳурайра, разияллоҳу анҳу, омадааст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Шабу рӯзи дунё ба поён нахоҳад расид то ин, ки як шахс «Ҷаҳҷоҳ» номе подшоҳ гардад, ки аз насли ғуломон хоҳад буд».*

Ҳазрати шоҳ Рафиъиддин дар «Қиёматномаи» худ, ба ҷои подшоҳи Қаҳтон ҳукумати ҳазрати Исо, алайҳи-

с-саломро мақсуд қарор додааст. (валлоху аълам би-с-савоб)

## Як Ҳабашӣ хонаи Каъбаро вайрон хоҳад кард

Аз ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳу, ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«То ҳарчанд, ки аҳли Ҳабаша бо шумо ҷанг накунанд, шумо ҳам бо эшон ҷанг накунед, чаро, ки хазонаи Каъбаро як ҳабашие, ки ҳар ду соқи ӯ кутоҳ ҳастанд берун хоҳад овард».*

Дар ривояти дигар омадааст, ки як ҳабашие, ки ҳарду соқи ӯ кутоҳ ҳастанд, Каъбаро вайрон хоҳад кард.

Кӯтоҳсоқ аз ин назар фармуд, ки соқҳои аҳли Ҳабаша кӯтоҳ ҳастанд.

Ҳазрати шоҳ Рафиъиддин раҳматуллоҳи алайҳ, менависад, ки ҳар гоҳ тамоми аҳли эмон аз дунё бардошта шуданд он вақт аҳли Ҳабаша ғалаба хоҳанд кард. Тамоми рӯи заминро салтанати онҳо фаро хоҳад гирифт Каъбаро мунҳадим хоҳанд кард ва Ҳаҷ мавқуф хоҳад монд, мурод аз хазонаи хонаи Каъба чи чиз аст? «Мирокт» шарҳи «Мишкот» қавлеро нақл кардааст, ки дар зери хонаи Каъба як хизона мадфун аст, онро як ҳабашӣ берун меоварад.

## Мевачот кам хоҳад буд

Ҳазрати Абӯмусо разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Замона қариб қариб хоҳад буд, яъне зуд зуд мегузарад, солҳо кӯтоҳ хоҳад шуд, яъне зуд мегузаранд ва мевачот кам хоҳад буд».*

Кам будани мевачот ду мақсуд дорад: Яке ин, ки мевачот кам пайдо мешавад, дуввум ин, ки кӯчак кӯчак мешаванд, ин ҳарду сурат хоҳанд буд.

Дар қарни аввал мевачот чӣ қадар бузург буданд тафсили он дар ҳеҷ китобе ба назарам нарасидааст. Албатта ҳазрати эмом Довуд (р), навиштааст, ки як дона хиёрро ман худам андоза кардам, ки тӯли он сездаҳ ваҷаб будааст.

## Пеш аз ҳама малах ҳалок хоҳад шуд

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Ҷобир, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки дар замони хилофати ҳазрати Умар, разияллоҳу анҳу, дар соли вафоти ӯ малах нопайдо шуд, ки ба ҷиҳати он Ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу, хеле мутафакир ва музтариб гардид, як савораеро барои ҷустуҷӯи он ба тарафи Яман ва дигареро ба тарафи Ироқ ва яке ба тарафи Шом фиристод то маълум кунанд, ки дар ин сол малах дида шудааст ё хайр, билохира он саворае, ки ба Яман рафта буд як мушт малахро оварда ба пеши ҳазрати Умар, разияллоҳу анҳу гузошт. Вақте, ки ҳазрати Форуқ, разияллоҳу анҳу, малахҳоро дид аз сабаби хушӣ наъраи Аллоҳу Акбарро баланд кард ва гуфт ман аз Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидаам, ки бе шак Худои таъоло як ҳазор навъ аз ҳайвонот пайдо кардааст, ки шашсади он дар дарё ва чаҳорсади он дар хушкӣ ҳастанд ва пеш аз ҳама ҳайвонот (қарибиКиёмат) малах ҳалок хоҳад шуд ва баъд аз он ҳайвоноти дигар, яке баъд аз дигаре ҳалок хоҳанд шуд, монанди гарданбанде, ки нахи он гусаста гардад ва муҳраҳои он яке баъд аз дигаре тамом хоҳанд афтод.

Дар ин ҳадис мутафаккир будани ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу маълум шуд, ки якеро аз аломати қурби Қиёмат дида буд, дар ҳақиқат он аломат мавҷуд ҳам набуд, бо этибори илми ӯ зоҳир шуда буд чӣ қадар мутафаккир ва музтариб гардид ва чанд савореро фиристод, ки бо камоли эҳтимом ҷустуҷӯ намоянд, ки оё ҷинси малах воқеан ҳалок шудааст ё дар Мадина ба назар намерасад. Акнун андоза бояд кард, ки агар малахгир намеомад, пас дар он вақт ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу, чӣ қадар парешон мешуд, боз мо ба ҳоли худамон нигоҳе мекунем, ки аз аломоти Қиёмат садҳоро бо чашми худ мебинем, аммо кучактарин хатареро дар дили худ эҳсос намекунем.

## Аҳволи муфассали қарибии Қиёмат

Он чӣ аз пешгӯиҳое, ки то инҷо баён шуд ҳама аломоти Қиёмат ҳастанд, ки баъзе аз онҳо воқеъ шуда ва баъзеи дигар доранд воқеъ мешаванд. Аз зуҳури як ҳодиса ва воқеа аз аломоти Қиёмат мақсуд нест, ки Қиёмат комилан қариб аст, балки мақсуд он аст, ки ба вуҷуд омадани онҳо қабл аз омадани Қиёмат лозим ва зарурӣ аст, чуноне, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар бораи баъзе ҳаводис ва воқеъот инро иршод фармуд, ки Қиёмат нахоҳад омад то ин, ки ин тавр бошад. Ташриффармоии худи Сайиди олам саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар дунё ҳам аз аломоти Қиёмат ба шумор омадааст, ҳоло ин, ки аз биъсати он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам, то имрӯз як ҳазору чаҳорсад сол гузаштааст ва Худо медонад, ки ҳанӯз баъд аз чанд соли дигар Қиёмат қоим гардад.

Дар ривояти «Бухорӣ» сароҳатан омадааст, ки он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам, вафоти худро аз аломоти Қиёмат донистa аст. Дар ин зайл он ҳаводис ва воқеъотро дарҷ мекунем, ки умуман дар замони қарибтар ба Қиёмат зоҳир хоҳад шуд, тасалсули он

воқеъот умуман бо «Қиёматнома»-и ҳазрати Мавлоно Шоҳ Рафиъиддин раҳматуллоҳи алайҳ, мутобиқ мебошад ва тафсили онро худ «Роқамулҳуруф» пас аз мутолиаи аҳодис ба қайди калам даровардааст дар баъзе мавоқеъ ман бо тартиби ҳазрати Шоҳ Рафиъиддин ихтилоф доштам, аз ин ҷиҳат дар ин чунин мавоқеъ аз итибоъи ҳазрати шоҳ маъзур будам.

## Сулҳ ва ҷанг бо Исавиҳо

Ҳазрати Зимухбир раҳматуллоҳи алайҳ мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: «*Шумо бо Исавиҳо сулҳ хоҳед кард ва он сулҳ бо амният хоҳад буд ва шумо ба итифоқи он Исавиҳо бо гуруҳҳои дигар аз Исавиҳо ҷанг хоҳед кард, дар ин ҷанг фатҳ аз они шумо шуда, моли ғанимат ба даст хоҳед овард. Аз ҷанг саҳеҳ ва солим баргашта дар як майдон таваққуф мекунед, ки теппаҳои бузург ва дарахтони бисёр дар он хоҳад буд. Яке аз Исавиҳо Салибро бардошта мегӯяд, ки аз баракати Салиб фатҳ ҳосил шудааст.*

*Мусулмонон ба хашм омада Салибро аз ӯ гирифта мешикананд аз мушоҳидаи ин ҳол Исавиҳо паймони сулҳро шикаста барои ҷанг ҷамъ мешаванд ва мусулмонҳо низ шамшер кашида бо Исавиҳо меҷанганд, саранҷом Худованди муттаъол он ҷамоати муслиминро ба дараҷаи шаҳодат ноил мегардонад*».

Дар ҳадиси шариф ҳамин миқдор зикр шудааст, дар ҳамин робита ҳазрати Шоҳ менависад, ки подшоҳи мусулмонон дар ҳамин ҷанг шаҳид мешавад, дар сарзамини Шом ҳам монанди мамолики дигар ҳукумати Исавиҳо барпо мешаванд он Исавиҳое, ки

аввал бо мусулмонон пайваста ҷангида буданд, акнун бо ин Исавиҳо сулҳ хоҳанд кард ва мусулмонон аз он ҷанг наҷот ёфта ба Мадина хоҳанд рафт ва ҳукумати Исавиҳо қариби Хайбар хоҳад буд.

Дар «Бухории шариф» омадааст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар мавқеъи ғазваи Табук шаш аломат аз аломатҳои Қиёматро бо ҳазрати Авф ибни Молик, разияллоҳу анҳу, баён фармуд, ки минҷумла аз он сулҳи «Бани Асфар» яъне сулҳи Исавиҳо ва мусулмононро зикр фармуд ва инро ҳам фармуд, ки: Исавиҳо бадаҳдӣ карда сулҳро мешикананд ва дар муқобили шумо меоянд, ки дорои ҳаштод парчам хоҳанд буд дар зери ҳар парчаме дувоздаҳ ҳазор сипоҳӣ ва маҷмӯъи теъдоди онҳо нуҳсаду шаст ҳазор сипоҳӣ хоҳад буд.

Дар баъзе аҳодис зикри ҷанги бузурге омадааст. Масалан дар «Тирмизӣ» ва як ривояти «Абудовуд» омадааст, ки ҷанги азим ва фатҳи Қустантания ва хуруҷи Даҷҷол ҳама дар ҳафт моҳ иттифоқ хоҳанд афтод, яъне ин ҳар се чиз бо ҳам қариб ва дар зарфи ҳафт моҳ воқеъ хоҳанд шуд.

Ин ҷанги азим байни мусулмонон ва ақвоми ғайримуслим хоҳад буд ё инсонҳои тамоми ҷаҳон қатъи назар аз мазҳаб ба ҷиҳати назариёти мухталифи худашон, бо ҳам меҷанганд дар ин бора «Роқамулҳуруфро» тасриҳи аҳодис маълум нашудааст. Албатта дар ривояте, ки зикри ҷангҳои бузург омадааст, зикри муқобила бо муслимин ҳам дар он мавҷуд аст.

## Зуҳури ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом

Вақте, ки мусулмонон аз ҳар тарф муҳосира мешаванд ва ҳукумати эшон фақат аз Мадинаи Мунаввара то Хайбар боқӣ мемонад, пас эшон дар ҷустуҷӯи ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом, хоҳанд буд. Ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом, он вақт дар Мадинаи Мунаввара хоҳад буд бағарази ин, ки аз бори сангини эмомат, худро наҷот диҳад, аз Мадина озими Маккаи Мукаррама мешавад ва баъзе аз аҳли Макка ӯро хоҳанд шинохт ба хидмати ӯ ҳозир шуда ӯро аз манзил берун оварда ва иҷборан ба хилофати ӯ байъат хоҳанд кард, дар ҳоле, ки ӯ ба хилофат ва эмомат моил нахоҳад буд ин байъат дар миёни «Мақоми Иброҳим» ва «Ҳаҷари Асвад» воқеъ хоҳад буд (ғолибан вақте, ки ҳазрати Маҳдӣ машғул ба тавоф мешаванд дар ин ҳол иҷборан бо ӯ байъат мекунанд). Пас ҳар гоҳ хабари хилофати ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом, машҳур мегардад як лашкар аз мулки Шом ба қасди ҷанг бо ӯ ҳаракат хоҳад кард, чун ин лашкар ба маҳали «Бедоъ» ки дар миёни Макка ва Мадина аст мерасад, ҳамаро замин фурӯ хоҳад бурд. Аз шунидани хабари ин воқеа Абдоли

Шом ва парҳезгорони Ироқ ба хидмати ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом, ҳозир хоҳанд шуд.

Як шахси Қурайшинасл аз қабилаи «Бани Қалб» лашкареро ба муқобилаи ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом мефиристад, лашкари Маҳдӣ бо он қабила ҷанг карда ғолиб хоҳад шуд. Ин ривоят аз «Мишкот» ба ҳаволаи «Абудовуд» нақл шудааст. Дар шурӯъи он ин ҳам омадааст, ки пас аз мавти халифа, мардум дучори ихтилоф мешаванд, ки кадом якро халифа интихоб кунанд, ҳазрати Маҳдӣ аз тарси ин, ки мабодо ӯро халифа муқарар намоянд ба Маккаи Мукаррама ташриф хоҳад бурд.

## Ном, сифот ва нисбати ҳазрати Маҳдӣ, алайҳи-с-салом

Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармудааст: *«Маҳди аз аёли ман ва аз авлоди Фотима хоҳад буд»*.

Ҳазрати Алӣ, разияллоҳу анҳу, як мартаба нисбат ба фарзанди арҷманди худ ҳазрати Ҳасан разияллоҳу анҳу иршод фармуд: Ин фарзанди ман Сайид аст хамчуноне, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам номи ӯро Сайид гузоштааст. Шахсе дар авлоди ӯ пайдо хоҳад шуд, ки номи ӯ ва номи Паёмбари шумо яке хоҳад буд, яъне номи ӯ «Муҳаммад» мешавад.

Сипас иршод фармуд: Ӯ дар ахлоқ бо фарзанди ман Ҳасан мушобиҳ хоҳад буд ва дар сурат бо ӯ мушобиҳ нахоҳад буд, дар баъзе ривоёт омадааст, ки номи волиди ҳазрати Маҳдӣ разияллоҳу анҳу номи волиди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мешавад, яъне: Абдуллоҳ.

Аз ҳазрати Абӯсаиди Худрӣ разияллоҳу анҳу, ривоят аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам,

иршод фармуд: *«Маҳдӣ аз ман хоҳад буд, дар ҳоле меояд, ки чеҳраи ӯ хуб равшан (нуронӣ) аст ва биниаш нисбатан баланд мебошад».*

## Ҳолоти дунё дар замони ҳазрати Маҳдӣ алайҳи-с-салом

Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Як мусибати бузурге бар ин уммат хоҳад омад ва мардум роҳи наҷотро аз зулм нахоҳанд ёфт дар он вақт Худованди таъоло аз аёл ва хонадони ман шахсеро пайдо хоҳад кард, ки ба василаи ӯ заминро аз адлу инсоф пур хоҳад кард, ҳамчуноне, ки қабл аз Ислом ба зулм ва таъаддӣ пур шуда буд, яъне қабл аз вай номеу нишоне аз адлу инсоф дар дунё боқӣ намемонад, ҳар ҷо зулм болои зулм мешавад ва аз омадани ӯ тамоми дунё аз адлу инсоф пур мешавад».*

Сипас иршод фармуд: *Аз адли ӯ аҳли замину осмон ҳама розӣ хоҳанд шуд ва натиҷаи адл ва инсоф он замон ба ҷое мерасад, ки борони раҳмат аз осмон сарозер шуда ва аз замин ҳар навъ мева ва меваҷот ва сабзавот мерӯяд, ҳатто маводи ғизоӣ он қадар зиёд ва арзон мешавад, ки*

*зиндагон, зинда шудани мурдагонро таманно хоҳанд кард, ки эй кош дӯстони азиз ва хешовандони мо ҳам зинда мебуданд то ин замонаи айшу хуширо медиданд.*

Дар замони ҳазрати Маҳдӣ алайҳи-с-салом мол он қадар зиёд мешавад, ки агар касе аз эшон молеро талаб намояд ба ҳарду кафи даст он қадар дар чодари ӯ мерезад, ки худи он шахс ҳамли онро натавонад.

Дар ривояти «Абудовуд» омадааст, ки ҳазрати Маҳдӣ ба тариқа ва суннати Набии Акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам амал хоҳад кард ва дар замони ӯ бар тамоми рӯи замин Ислом ҳукмфармо хоҳад буд, то муддати ҳафт сол ҳукумат хоҳад кард ва баъд аз он вафот ёфта мусулмонон бар ҷанозаи ӯ намоз хоҳанд хонд.

## Ҷанги ҳазрати Маҳдӣ бо куффор ва хуруҷи Даҷҷол ва нузули Исо алайҳи-с-салом, аз осмон

Ҳазрати Маҳдӣ чандин бор бо кофирон ҷанг хоҳад кард, ки зикри баъзе аз он дар ривоёти Абудовуд гузашт дар он ривоёт ин ҳам тасриҳ шуда буд, ки: Мардуми «Бани Қалб» ба қасди ҷанги Маҳдӣ омада

мағлуб хоҳанд шуд ва лашкари дигар ба қасди ҷанги ӯ омада дар миёни Макка ва Мадина замин онҳоро дар худ фурӯ хоҳад бурд. Илова бар ин дар ривояти дигаре зикри ҳазрати Маҳдӣ наомадааст. Албатта ҳазрати шоҳ Рафиъиддин (р) ин ҷангро низ ба замони ҳазрати Маҳдӣ алайҳи-с-салом мансуб кардааст.

Дар ин бора менависад, ки ҳазрати Маҳдӣ алайҳи-с-салом аз Макка ба Мадина ташриф мебарад. Масҷиди атҳари Сайиди ду олам саллаллоҳу алайҳи ва салламро зиёрат карда озими мулки Шом мегардад. Рафта-рафта ба шаҳри Димишқ мерасад, ки аз тариқи дигар лашкари Исавиҳо ба муқобила меоянд.

Ҳазрати Маҳдӣ алайҳи-с-салом лашкари худро омодаи ҷанг мекунад, се рӯз ҷанг карда, дар рӯзи чаҳорум мусулмононро фатҳ муяссар мешавад, зикри ин лашкаркашӣ дар ҳадис ба шарҳи зайл омадааст.

Қабл аз вуқӯъи Қиёмат чунин замоне ҳатман хоҳад омад, ки на мерос (яъне таракаи майит) тақсим мешавад ва на бар моли ғанимат касеро хушӣ хоҳад шуд. Сипас онро шарҳ дода иршод фармуд: Як

душмани қавӣ ба қасди ҷанг бо мусулмонони Шом ҷамъ хоҳанд шуд ва мусулмонон низ ҷамъ шуда, як ҷамоатеро аз қавми худ интихоб карда ба муқобилаи душман мефиристанд бо эшон тай мекунанд, ки бимиранд ё пирӯз шаванд чунон, ки тамоми он рӯз ҷанг мешавад то ин, ки шаб меояд ва ҷанг қатъ мешавад ва ҳарду гурӯҳ, аз майдони ҷанг бармегарданд ва на онҳоро ғалаба мешавад ва на инҳоро ва лашкари ҳарду гурӯҳ, ки дар ин рӯз ҷанг карда буданд аз байн мераванд. Боз рӯзи дуввум мусулмонҳо ҷамоати дигар интихоб мекунанд ва ба муқобили душман мефиристанд ба ҳамин шарт, ки бимиранд ё пирӯз баргарданд. Дар ин рӯз ҳам то шаб ҷанг хоҳад шуд ва касеро фатҳ муяссар нахоҳад буд ва ҳарду гурӯҳи ҷангҷӯ аз байн хоҳад рафт. Боз дар рӯзи саввум мусулмонҳо як ҷамоатеро интихоб карда ба майдони ҷанг мефиристанд ва бо эшон ҳам шарт мегузоранд, ки бимиранд ё ғолиб шаванд ба тавре, ки то мавқеъи шом ҷанг идома меёбад ва ҳарду гурӯҳ дар ин рӯз ҳам баробар вопас бармегарданд. На инҳо ғолиб мешаванд ва на онҳо. Ҳар ду гурӯҳи ҷангҷӯ дар ин рӯз ҳам аз байн хоҳанд рафт ва дар рӯзи чаҳорум тамоми мусулмонони боқимонда ҷамъ шуда омодаи ҷанг мешаванд. Худо кофиронро шикаст медиҳад.

Дар ин рӯз ҷанг ба қадре шадид мешавад, ки қабл аз ин чунин ҷанг дида нашудааст. Андозаи ин ҷангро аз он ҷо метавон дарёфт, ки агар паррандае бихоҳад аз болои наъшҳои мақтулин бигзарад аз сабаби бадбӯӣ ё тӯли масофат, ки он наъшҳо афтодаанд он парранда сукут карда мемирад, аммо наметавонад аз аввал то охири онҳо гузарад. Ва касоне, ки дар он ҷанг шарик бошанд афроди ақвоми худро шумориш мекунанд аз ҳар саде як нафар аз майдони чанг боқӣ хоҳад монд.

Баъд аз он иршод фармуд: Шумо бигӯед, ки дар ин ҳол чигуна метавон ба моли ғанимат, дил хуш карда ва ё чӣ гуна метавон хоҳони тақсими мерос шуд. Сипас иршод фармуд: Баъд аз фориғ шудан аз ҷанг машғули ҳисобу гиря мешаванд, ки ногаҳон хабари ончунон ҷангеро мешунаванд, ки аз ҷанги аввал хеле сахттар хоҳад буд ва ҳанӯз ба ин ҷанги дуввум мутаваҷеҳ намешаванд, ки хабари дигар маълум мешавад, ки Даҷҷол берун омада мехоҳад фарзандони моро дар фитна мубтало гардонад, аз шунидани ин хабар он молу сармояе, ки дар даст доранд ҳамаро раҳо карда ба тарафи хонаҳои худ равона мешаванд, даҳ нафар савораро барои хабаргирӣ пештар аз худ хоҳанд фиристод то хабари

саҳеҳи Даҷҷолро биёваранд он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам роҷеъ ба ин саворaҳо иршод фармуд: Ман номи онҳоро бо номи падаронашон ва ранги аспҳои эшонро мешиносам ва ин саворон дар он рӯз аз сокинони рӯи замин, саворони боиззате хоҳанд буд.

Баъд аз он Ҳазрати Шоҳ менависад, ки дар ин ҷанг Исавиҳо ба қадре кушта хоҳанд шуд, ки дар замин боқимондагон фикри ҳукумати боқӣ нахоҳад монд. Афтону хезон фирор хоҳанд кард. Мусулмонон онҳоро таъқиб карда ҳазор касро ба ҳалокат мерасонанд.

Ҳазрати Шоҳ ҳам чунин менависад, ки баъд аз он Ҳазрати Маҳдӣ алайҳи-с-салом машғул ба ҳаллу фасли масоил ва низоми шаҳрҳои Исломӣ мешавад ва садҳо фавҷ ва лашкари бешумор ба ҳар тараф равон месозад, аз ин корҳо фурсат ва фароғат ёфта, ҷиҳати фатҳи шаҳри Қустатания ҳаракат мекунад. (Фатҳи ин шаҳр аз аломоти Қиёмат аст). Вақте, ки ба канори дарёи Рум мерасанд, ҳафтод ҳазор нафарро аз бани Исҳоқ савори киштиҳо карда, ҳукм мекунад, то ба шаҳри мазкур ҳамла намоянд.

Дар ҳадиси шариф зикри ҷанг кардани ҳафтод ҳазор нафар аз «Бани Исҳоқ» омадааст, лекин ин тасреҳ нашудааст, ки ҷанги эшон барои фатҳи Қустантания хоҳад буд, балки инро фармудааст, ки як чунин шаҳре аст, ки аз як тараф ба хушкӣ ва тарафи дигари он дарёст. Ҳафтод ҳазор нафар аз бани Исҳоқ бо аҳли он шаҳр ҷанг хоҳанд кард. Соҳиби «Мирқот» менависад, ки ин шаҳр дар Рум воқеъ аст, ки баъзе онро Қустантания гуфтаанд эмом Нававӣ раҳимаҳуллоҳ, низ мисли ҳазрати Шоҳ гуфтааст, ки мурод аз ин шахр Қустантания мебошад чунон, ки мефармояд: Мурод аз ин шаҳр Қустантания аст.

Дар ин ривоят тамоман ин тавр омадааст, ки як мартаба Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба ҳазароти саҳоба гуфт: «Оё шумо чунин шаҳреро медонед, ки як ҷониби он хушкӣ ва ҷониби дигари он дарё аст? Саҳоба арз карданд: Бале медонем! Иршод фармуд: «Қиёмат коим нахоҳад шуд то ин, ки ҳафтод ҳазор нафар аз «Бани Исҳоқ» ба он шаҳрҳо ҳамла оварда ҷанг намоянд вақте, ки ин ашхос қарибу он шаҳр ба қасди ҷанг қиём мекунанд ҷанги эшон ба шамшер ва тирандозӣ нахоҳад буд, балки ба маҳзи имдоди ғайбии Худо онро фатҳ хоҳанд кард. Сураташ

он хоҳад буд, ки эшон фарёди «Ло Илоҳа Иллаллоҳу Валлоҳу Акбарро» баланд мекунанд, девори як тарафи он сукут мекунад. Боз ду мартаба фарёди «Ло Илоҳа Иллаллоҳу Валлоҳу Акбарро» баланд месозанд барои духули шаҳр роҳ хоҳанд ёфт дар шаҳр дохил шуда онро фатҳ хоҳанд кард ва моли ғанимат ба даст хоҳанд овард ва машғул ба тақсими моли ғанимат хоҳанд буд, ки дар ҳамин ҳол ногоҳ ин хабарро мешунаванд, ки Даҷҷол берун омадааст аз шунидани ин овоз ҳар чизро раҳо карда бармегарданд.»

Дар ривояти дигар «Муслим», ки аз Ҳазрати Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу марвӣ аст, зикри фатҳи Қастантания ва хуруҷи Даҷҷол ин тавр омадааст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: Қиёмат қоим нахоҳад шуд то ин, ки Исавиҳои Рум ба маҳалли «Аъмоқ» ё «Вобиқ» қиём намоянд ва як лашкар аз Мадина ба қасди ҷанг бо эшон берун меояд, ки дар он вақт фазилати эшон бар тамоми аҳли замин бештар хоҳад буд. Вақте, ки лашкар аз ду тараф дар муқобили якдигар қарор мегиранд, Исавиҳо мегӯянд, ки моро бо он мусулмононе, ки афроди моро асир кардаанд, танҳо бигзоред. Мусулмонон ҷавоб медиҳанд ба Худо

қасам, мо ҳаргиз ин тавр нахоҳем кард, ки соқит бошем ва шуморо бигзорем то бо онҳо биҷангед, инро гуфта бо Исавиҳо ҷангро шурӯъ хоҳанд кард. Дар ин ҷанг як саввум аз лашкари мусулмонон шикаст мехӯранд, яъне як саввуми лашкар худро аз ҷанг наҷот дода гушагирӣ мекунанд.

Худо тавбаи онҳоро ҳаргиз қабул нахоҳад кард ва як саввуми дигар аз лашкар шаҳид мешавад, ки назди Худованди муттаъол афзали шуҳадо хоҳанд буд ва сулуси саввум бар Исавиҳо ғалаба ёфта фатҳ хоҳанд кард, ки эшон ҳаргиз ба фатҳ мубтало нахоҳанд шуд ва ҳамин сулуси саввум лашкаре аст, ки Қустатанияро фатҳ мекунанд ва баъд аз фатҳ кардани он машғул ба тақсими моли ғанимат мешаванд ва шамшерҳои худро бар дарахти Зайтун овезон менамоянд, ки ногаҳон шайтон ба овози баланд садо мекунад, ки Масеҳ (Даҷҷол) дар миёни фарзандони шумо омада ва расидааст, дар сурате, ки ин хабари дуруғ хоҳад буд. Сипас лашкари мусалмонон ба тарафи Шом мутаваҷҷеҳ мешавад. Вақте, ки ба Шом мерасанд он вақт Даҷҷол хурӯҷ мекунад. Дар ҳамин асно, ки омода ба ҷанг мешаванд ва сафҳоро дуруст мекунанд, вақти намоз фаро мерасад, намози ҷамоат

истода мешавад, ки дар ин ҳол ҳазрати Исо ибни Марям аз осмон нузул мефармояд ва эмоми ҷамоати намози муслимин мешавад, душмани Худо Даҷҷол ба маҳзи ин, ки ҳазрати Исо алайҳи-с-саломро бубинад монанди гудохатани намак дар об мегузарад ҳатто агар ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ӯро қатл накарда ҳамчунон раҳояш кунад ӯ худ ба худ гудохта ҳалок хоҳад шуд, лекин ҳазрати Исо алайҳи-с-салом бо дасти худ ӯро ба қатл мерасонад ва найзаи хунолуди худро ба мардум нишон медиҳад.

## Сифоти ҳазрати Исо, алайҳи-с-салом, ва Даҷҷоли лаъин.

Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: *«Дар шаби гузашта хоб дидам, ки шахсе даст бар шонаҳои ду нафар гузошта ва Каъбаро тавоф мекард ва ранги ӯ ончунон хуб ва гандумгун буд мисли беҳтарин инсони гандумгунранге, ки шумо дида бошед мӯйҳои ӯ поёнтар аз ҳарду гӯш овезон буданд, муҳояш онқадар хуб буданд мисли беҳтарин мӯйҳои касе, ки шумо дида бошед ва мӯйҳои худро шона карда буд ва қатраҳои об аз мӯйҳояш мечакид. Ман аз касе пурсидам, ки ин чи касе аст? Ҷавоб дода шудам, ки ин Масеҳ ибни Марям, алайҳи-с-салом, аст».*

Дар ривояти дигаре омадааст, ки (оянда меояд, ки) Масеҳ ибни Марям бар парҳои ду фаришта даст ниҳода ва либоси зардранг пӯшида аз осмон нузул мефармояд ҳар гоҳ сарро поён мебарад аз ӯ арақ мечакад ва вақте, ки сарро баланд мекунад қатрахои арақ монанди Марворид (Дурахшон) мечакад, мисли донаҳое, ки аз нуқра сохта шудаанд.

Пас иршод фармуд, ки: *Шахси дигарро дидам, ки дастро ба дӯши ду кас гузошта Каъбаро тавоф мекард*

*мӯйҳояш печ дар печ ва чашми росташ кӯр ва мисли донаи ангур боло омада буд аз ин сабаб зишт маълум мешуд. Ман дар байни мардум касеро, ки зиёдтар бо ӯ шабиҳ бошад, Абдулузо ибни Қатнро дидам. Дар ривояти дигар омадааст, ки чашми он шахс қирмизранг ва баданаш вазндор ва мӯйҳои сараш печ дар печ ва чашми росташ кӯр буд. Ман пурсидам, ки ин кӣ аст? Ҷавоб дода шуд, ки ин Масеҳи Даҷҷол аст.*

Дар баъзе ривоёт омадааст, ки қомати Даҷҷол кӯтоҳ ва ҳарду соқи ӯ кач мебошанд «Байҳақӣ» дар китоби «Албаъсу ваннушур» як ривоятеро зикр карда аст, ки Даҷҷол ба чунон улоғ савор шуда берун меояд, ки ранги он хеле сафед хоҳад буд ва фосилаи миёни ҳарду гӯши он ҳафтод боъ мешавад ва як боъ микдори ду газ аст.

## Зикри фасоди Даҷҷол дар дунё ва кушта шудани ӯ ба дасти ҳазрати Исо алайҳи-с-салом

Ҳазрат Ҳузайфа, разияллоҳу анҳу, мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: *Бешак Даҷҷол берун хоҳад омад дар ҳоле, ки об ва оташ ҳамроҳи ӯ хоҳад буд.*

Дар баъзе ривоёт омадааст, ки Ҷаннат ва Дӯзах ҳамроҳи ӯ хоҳад буд. Он чиро мардум об хаёл мекунанд дар хақиқат оташи сӯзанда аст (яъне қабул кардани он об боиси сӯхтан дар оташи Дӯзах хоҳад буд) ва он чиро мардум оташ мепиндоранд ӯ оби ширин аст (яъне аз афтодан дар он оташ оби ширини Ҷаннат насиб хоҳад шуд). Аз ин ҷиҳат ҳар касе аз шумо замонаи ӯро дарёбед бояд худро чое биандозад, ки дар назари ӯ оташ маълум мешавад чаро, ки дар ҳақиқат оби ширин аст.

Дар ривояти «Муслим» омадааст, ки дар миёни ҳарду чашми Даҷҷол лафзи «кофир» навишта шудааст, ки ҳар мӯъмини савод дор ва бесавод метавонад онро бихонад.

Дар баъзе ривоёт омадааст, ки нон ва гӯшт мисли кӯҳ ва оби наҳр ҳамроҳи ӯ хоҳанд буд. Як шахс ӯро ба хашм даровардa аз Машриқ берун омада, қасди Мадинаи Мунаввараро мекунад, лекин дар Мадинаи Мунаввара наметавонад дохил шавад, чаро, ки Мадинаи Мунаввара дар он рӯз дорои ҳафт дарвоза хоҳад буд, ки бар ҳар дарвозае ду фаришта нигаҳбонӣ муқаррар хоҳад шуд, аз ин ҷиҳат ӯ ба пушти кӯҳи Уҳуд таваққуф мекунад ва аз онҷо фариштаҳо руҳи ӯро ба тарафи Шом мегардонанд ва ба Шом меравад ва дар онҷо ба дасти ҳазрати Исо, алайҳи-с-салом, ҳалок хоҳад шуд.

Вақте, ки ба наздикии Мадина (пушти кӯҳи Уҳуд) мерасад дар онҷо таваққуф мекунад. Дар Мадина се бор зилзила мешавад, ки аз хавфи он ҳар кофир ва мунофиқ аз Мадина берун омада бо Даҷҷол мулҳақ мешаванд.

Дар «Файзулборӣ» як ривоят аз Ҳоким нақл кардааст ва дар он ин ҳам омадааст, ки мардону занони фосиқ аз Мадина берун омада ба тарафи Даҷҷол мераванд дар ин асно, ки Даҷҷол наздики Мадинаи Мунаввара таваққуф мекунад, як шахси нек ва бузургворе аз

Мадина берун омада пеши Даҷҷол меравад ин фард дар он замон бар рӯи замин беҳтарин шахс хоҳад буд. Ӯ ба Даҷҷол мегӯяд: Ман гувоҳӣ медиҳам, ки ту ҳамон Даҷҷол ҳастӣ, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, хабари онро ба мо дода буд. Даҷҷол сипас аз шунидани ин хабар ба касоне, ки ҳозир ҳастанд мегӯяд: Агар ман ин шахсро кушта ва боз зинда бигардонам, пас шумо дар даъвои ман шак хоҳед кард? Мардум ҷавоб медиҳанд: На хайр. Аз ин ҷихат Даҷҷол он шахси некро қатл карда боз зинда мекунад вақте, ки зинда мешавад мегӯяд: Ба Худо қасам ки ман ба дурӯғгӯ будани шумо он қадар яқин хаёл кардам, қабл аз ин ин тавр набудам, баъд аз он Даҷҷол мехоҳад ӯро ба қатл бирасонад, аммо наметавонад.

Воқеаи дигаре монанди ин воқеа дар аҳодис омада, он ин аст, ки як мӯъмин иродаи рафтани пеши Даҷҷолро мекунад. Сипоҳиёни Даҷҷол, ки давру бари ӯ ҳастанд аз он мӯъмин мепурсанд: Куҷо меравӣ? Ӯ (таҳқиран) ҷавоб медиҳад: Ба назди он касе хоҳам рафт, ки (даъвои дурӯғ карда) берун омадааст. Сипоҳиён мегӯянд оё ту ба Худои мо эмон надорӣ? Ӯ ҷавоб медиҳад: Дар шинохти Парвардигори

муттаъол ҳеҷ гуна шаку шубҳае вуҷуд надорад (агар маъбуди мо шинохта намешуд ва субути Худо будани ӯ намебуд пас имкон дошт, ки Худои шуморо қабул мекардем). Сипоҳиён баъд аз ин гуфтугӯ иродаи қатли ӯро мекунанд, лекин аз музокираи эшон бо якдигар раъйи эшон бадал мегардад чаро, ки баъзе баъзеро мегӯянд, оё шуморо маълум нест, ки Худоятон бидуни иҷозаи ӯ аз қатли ҳар кас манъ кардааст? Аз ин ҷиҳат он мӯъминро пеши Даҷҷол мебаранд ба маҳзи ин, ки ӯ Даҷҷолро мебинад, нидо мекунад, ки эй мардум ин Даҷҷол аст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз ӯ хабар додааст.

Даҷҷол аз шунидани ин хабар дастур медиҳад, ки ӯро ба сураташ бихобонанд чунон, ки ҳамин тавр карда мешавад сипас мегӯяд: Ӯро маҷрӯҳ намоед, ӯро мезананд то ин, ки пушт ва камари ӯ тика-тика мегардад. Боз Даҷҷол ба ӯ мегӯяд ҳанӯз ҳам ба ман эмон намеоварӣ? Ӯ мегӯяд: Ту Масеҳи каззоб ҳастӣ. Даҷҷол аз ин гуфтаи мӯъмин барафрӯхта шуда, ба пайравони худ дастур медиҳад, ки арра болои сари ӯ бигзоред, сипас аз миён ҳарду пои ӯро ду қитъа мекунанд. Сипас Даҷҷол дар миёни он ду қитъа омада қадам мезанад ва мегӯяд: Баланд шав, он

мӯъмин зинда шуда баланд мешавад ва сипас ба Даҷҷол мегӯяд: Эй мардум, баъд аз ман ӯ наметавонад ба касе азият ва озор бирасонад. Даҷҷол инро шунида, мехоҳад он мӯъминро забҳ намояд, аммо наметавонад чаро, ки ба қудрати Худованди тамоми гардани ӯ мисӣ гардонида хоҳад шуд. Сипас вақте, ки бар забҳи ӯ қодир намешавад, даст ва пойҳои ӯро гирифта дар Дӯзахи худ меандозад мардум гумон мекунанд, ки ӯро дар оташ андохт ҳоло ин, ки дар ҳақиқат ӯ дар Ҷаннат андохта шудааст.

Баъд аз он Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд, ки: Он мӯъмин ба назди Раббу-л-оламин аз тамоми мардумон бузургтарин ва боазаматтарин шаҳиде хоҳад буд.

Даҷҷол наметавонад дар Макка ҳам дохил шавад чунон, ки дар ривояти ҳазрати Анас разияллоҳу анҳу, омадааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуда дар як ривоят омадааст: *Ҷое нест, ки Даҷҷол нарафта бошад, магар Макка ва Мадина, ки дар ин ду шаҳр наметавонад ворид шавад.*

Аз ин ривоят маълум мешавад, ки одамҳои бисёре дар фитнаи Даҷҷол гирифтор хоҳанд шуд. Дар баъзе ривоёт теъдоди он касоне, ки ба Даҷҷол эмон меоваранд зикр шудааст, чунон, ки дар як ривояти «Муслим» омадааст, ки ҳафтод ҳазор нафар аз яҳуди Исфаҳон тобеъи Даҷҷол хоҳанд шуд.

Дар як ривоят омадааст: *Даҷҷол аз сарзамини Машриқ берун меояд, ки онро Хуросон мегӯянд. Бисёр қавмҳо пайравии ӯро мекунанд, ки рӯйҳои онҳо монанди сипар соф ва ҳамвор хоҳад шуд.*

Ҳофиз ибни Ҳаҷар, разияллоҳу анҳу, аз «Ҳулия» (Таълифи Абӯнаъим) нақл фармудааст: Ҳассон ибни Атияи тобеъӣ, разияллоҳу анҳу, фармуд: *Ба ҷуз аз дувоздаҳ ҳазор мард ва ҳафт ҳазор зан, тамоми мардум тобеъи Даҷҷол хоҳанд буд ва худоии ӯро иқрор хоҳанд кард.*

Ҳазрати Навос ибни Самъон разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, як мартаба зикри Даҷҷолро карда иршод фармуд: Агар дар замони мавҷуд будани ман берун биёяд ман бо ӯ муқобила хоҳам кард. (Шумо хавфзада набояд бошед) агар ман дар он вақт мавҷуд

набошам, пас ҳар шахс бояд аз тарафи худ бо Даҷҷол муқобила намояд ва Худо баъд аз ман нигаҳбони ҳар мусулмон аст ва шинохти Даҷҷол он аст, ки ӯ ҷавон ва мӯйҳояш печдарпеч хоҳанд буд. Чашми ӯ баланд ва баромада хоҳад буд ва сурати ӯ ба хаёли ман монанди Абдулъузо ибни Катн мебошад. Ҳар касе, ки ӯро мебинад бояд аввали сураи Каҳфро бар ӯ бихонад чаро, ки хондани он аз фитнаи ӯ боиси амн ва амонӣ хоҳад буд. Бешак ӯ берун меояд ва аз як роҳ дар миёни Шом ва Ироқ баъд аз он ба тарафи рост ва чап, яъне ҳар тараф дар шаҳрҳо фасод барпо мекунад. Эй бандагони Худо!! Дар он вақт собитқадам бошед.

Ровӣ мегӯяд, ки арз кардам: Ё Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ӯ чанд рӯз бар замин (зинда) мемонад иршод фармуд, ки: Мондани ӯ бар замин чиҳил рӯз хоҳад буд, ки рӯзи аввал баробари як сол ва рӯзи дуввум баробари як моҳ ва рӯзи саввум баробари як ҳафта ва боқии рӯзҳо мисли ҳамин рӯзҳои шумо хоҳад буд.

Ровӣ боз мегӯяд, боз мо суол кардем: Ё Расулуллоҳ он рӯз, ки баробари як сол мешавад оё хондани намози

як рӯз дар он кофӣ мешавад? Фармуд: Не, балки ҳисоб карда ба микдори рӯзҳои худи шумо мисли рӯзона панҷ намозро бояд хонд.

Ровӣ мегӯяд боз суол кардем, ки Даҷҷол бо чӣ суръате бар рӯи замин сафар мекунад? Иршод фармуд: Монанди абре, ки боди тунд ва тезе онро бардошта меронад. Даҷҷол монанди тезии об бар рӯи замин сайр мекунад мақсуд ин аст, ки дар андак муддате бар тамоми рӯи замин сайр карда мардумро ба фитна мубтало хоҳад кард. Баъд аз он фитнаи Даҷҷолро бештар ташреҳ карда иршод фармуд, ки: Ба назди қавме мерасад ва эшонро ба тарафи худоии худ даъват мекунад. Эшон ба Даҷҷол эмон хоҳанд овард. Аз ин ҷиҳат барои ин, ки худоии худро дар дили эшон собит гардонад, ба осмон дастури боришро медиҳад борон меборад ва бар замин дастури рӯёндани зироат ва сабзаҷотро медиҳад, замин зироат ва сабза мерӯёнад, ки ба сабаби он бориш ва зироат мавошии онҳо ба ҳоле пеши онҳо меояд, ки камарҳои онҳо баланд шуда ва пистонҳо пур аз шир шуда ва тиҳигоҳи онҳо пур хоҳад буд. Баъд аз он Даҷҷол пеши қавми дигаре меравад ва онҳоро низ ба худоии худ даъват медиҳад. Он қавм

даъвати Даҷҷолро рад мекунад. Даҷҷол онҳоро гузошта меравад (лекин он қавм дучори имтиҳон мегардад) тамоми зироати онҳо аз байн меравад ва борон қать мешавад, аз моли онҳо хеҷ чизе дар дасти онҳо намемонад. Даҷҷол ба замини харобае мегузарад ва дастур медиҳад, ки тамоми хазонаҳои худро берун биоварад. Пас хазонаҳои замин ба дунболи Даҷҷол равон хоҳанд шуд. Монанди занбурони асал, ки ба дунболи маликаи худ мераванд. Баъд аз он Даҷҷол як ҷавони фарбеҳ ва пургӯштро металабад ва ӯро ба шамшер ду тика мекунад ва он ду тикаро дур меандозад ба қадре, ки тири камон онҷо бирасад. Баъдан он шахсро садо мекунад ӯ дар ҳоле, ки хандон бошад, пеши Даҷҷол меояд. Дар ҳамин ҳол ногаҳон Худованди муттаъол Масеҳ ибни Марямро аз осмон мефиристад. Чуноне, ки ӯ дар шаҳри Димишқ бар манораи сафед ҷониби Машриқ ду либоси зардранг пӯшида бар парҳои ду фаришта даст ниҳода фурӯд хоҳад омад. Ҳар гоҳ сари худро поён меоварад аз ӯ арақ мечакад ва ҳар гоҳ сарро боло мебарад (арақи нуронии ӯ) мисли донаи марворид мерезад, мисли донаҳое, ки аз нуқра сохта шуда бошанд. Дар нафаси ҳазрати Исо, алайҳи-с-салом, чунон таъсире хоҳад буд, ки ба ҳар кофире

бирасад он кофир ҳалок хоҳад шуд. То ҷое, ки назари ӯ мерасад, то ҳамон ҷо нафаси ӯ хоҳад расид. Аз осмон, ки фурӯд меояд дар ҷустуҷӯи Даҷҷол мешавад то ин, ки қариби боби «Луд» (номи кӯҳ) Даҷҷолро мeёбад ва ӯро ба қатл мерасонад, баъд аз он меравад пеши касоне, ки Худованди муттаъол онҳоро аз шарри Даҷҷол маҳфуз доштааст. Дасти худро бар суратҳои эшон (табарукан) мемолад ва аз дараҷоте, ки эшон дар Биҳишт доранд эшонро хабар хоҳад дод.

Ҳазрати Шоҳ менависад, ки баъд аз қатли Даҷҷол мусулмонон ба қатли лашкари Даҷҷол машғул хоҳанд буд. Яҳудиҳое, ки дар лашкари Даҷҷол бошанд барои худ мутлақан панохе нахоҳанд ёфт. Ҳатто агар Яҳудие ба пушти дарахте ё санге пинҳон бишавад ҳамон дарахт ва санг ӯро зоҳир карда ба дасти мусулмонон ба қатл хоҳад расонид.

Дар ҳадиси шариф зикри он ин тавр омадааст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *Қиёмат барпо нахоҳад шуд то ин, ки мусулмонон бо Яҳуд меҷанганд ва яҳудиҳо ба қатл мерасонанд, ҳатто агар яҳудие ба пушти дарахт ё санге пинҳон бишавад он дарахт ва санг мегӯяд: Эй мусулмон*

*биё ба пушти ман яҳудие ҳаст ӯро ба қатл бирасон. Ба ҷуз дарахти Ғарқад, ки ӯ яҳудиро зоҳир намекунад чаро, ки Ғарқад дарахти махсуси яҳудиҳо аст.*

Соҳиби «Мазоҳири ҳақ» менависад, ки «Ғарқад» дарахти хордоре аст ва он, ки фармуд дарахти яҳуд аст, ки бо яҳуд нисбати хоссе дорад, ки илми онро фақат Худо медонад.

Боз менависад, ки: Баъзе гуфтаанд ин дар он вақт хоҳад буд, ки Даҷҷол берун ояд ва яҳуд пайрави ӯ мешаванд ва мусулмонҳо бо онҳо меҷанганд.

## Вафоти ҳазрати Маҳдӣ ва амир шудани ҳазрати Исо алайҳи-с-салом

Дар як ривояти Абудовуд гузаштааст, ки ҳазрати Маҳдӣ баъд аз халифа шудан ҳафт сол зинда монда баъд аз он вафот хоҳад кард. Дар «Мишкоти шариф» ба ривояти ҳазрати Абӯсаид разияллоҳу анҳу ба таври шак омадааст, ки: *Маҳдӣ дар он ҳол, ки ҳама ҷо пур аз адл ва инсоф аст ҳафт ҳашт сол ва нӯҳ сол зинда хоҳад монд.*

Мумкин аст ровӣ фаромӯш карда ва ба сабаби саҳеҳ дар ёд набудани он ба таври шак онро нақл кардааст.

Ҳазрати Шоҳ он ду ривоятро чунин ҷамъ фармудааст, ки дар замони ҳукумати ӯ дар ҳафт сол итминон ва оромиш хоҳад буд ва соли ҳаштум ба ҷангу ҷидол мегузарад ва соли нӯҳум байъати ҳазрати Исо мегузарад ва баъд аз он вафот хоҳад ёфт ҳазрати Исо алайҳи-с-салом, бар эшон намози ҷаноза хоҳанд хонд, боз ҳазрати Шоҳ (р) менависад, ки баъд аз он анҷоми тамоми умур ба ӯҳдаи ҳазрати Исо алайҳи-с-салом хоҳад буд ва замона ба беҳтарин ҳолат хоҳад шуд.

## Бурдани ҳазрати Исо алайҳи-с-салом мусулмононро ба кӯҳи Тур ва берун омадани Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ.

Дар «Саҳеҳи Муслим» омадааст, ки пас аз ин, ки Исо алайҳи-с-салом Даҷҷолро ба қатл мерасонад пеши мусулмонон меравад ва дасти худро ба суратҳояшон мемолад баъд аз он Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ берун хоҳанд омад ва тафсили он чунин омадааст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд:

Дар он ҳол, (ки Даҷҷолро ба қатл расонида ва ба мулоқоти мардум машғул мешавад) аз тарафи Илоҳӣ ваҳйи мерасад, ки ман чунон бандагонеро берун меоварам, ки касе тоқати ҷанг бо онҳоро надорад. Аз ин ҷиҳат бандагони мӯъминро ба болои кӯҳи Тур бурда маҳфуз бигардон. Чунон, ки ҳазрати Исо, алайҳи-с-салом мусулмононро бардошта болои кӯҳи Тур ташриф мебарад. Худованди таъоло Яъҷуҷ ва Маъҷуҷро мефиристад, ки заминҳои баландро басуръат тай намоянд ва касрати онҳо то ҷое хоҳад буд, ки гурӯҳи аввали онҳо ба дарёчаи Табрия гузар карда тамоми оби онро хӯрда тавре хушк мекунанд, ки гурӯҳи баъдии онҳо аз он ҷо мегузаранд ва мегӯянд, ки инҷо яқинан дар вақте об будааст, баъд аз он болои кӯҳи «Хамр» ки дар Байтулмуқаддас воқеъ аст мераванд ва мегӯянд, ки аҳолии заминро мо қатл кардем, акнун биёед то аҳолии осмонро қатл намоем чунон, ки ба тарафи осмон тирандозӣ мекунанд Худои таъоло ба қудрати худ тирҳояшонро хунолуд бармегардонад Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ бар рӯи замин машғули фасод шуда ва паёмбари Худо ҳазрати Исо алайҳи-с-салом бо ҳамроҳони худ болои кӯҳи Тур маҳсур хоҳанд шуд фақру фоқаи эшон ба ҳадде

мерасад, ки як сар гов назди эшон беҳтар аз сад динор хоҳад буд.

Ҳазрати Исо алайҳи-с-салом бо ҳамроҳони худ ба боргоҳи Худовандӣ барои рафъи парешонӣ ва ҳалокати Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ тазаруъ ва зорӣ хоҳанд намуд. Худои муттаъол маразе нағафро ба гарданҳои Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ пайдо хоҳад кард, ки аз асари он тамоми Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ ба як вақт ҳалок хоҳанд шуд ба мисли мурдани як нафар ва тамоми онҳо тавре меафтанд гуё шери даррандае онҳоро пора-пора кардааст. Баъд аз ҳалоки Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ва ҳамроҳонаш аз кӯҳи Тур бар замин фурӯд меоянд, миқдори як ваҷаб бар замин намебинанд, ки аз чарбу бӯи бади онҳо холӣ бошад аз ин ҷиҳат паёмбари Худо ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ва ҳамроҳонаш дуъо мекунанд, ки Худое моро аз чарбӣ ва бӯи бади инҳо маҳфуз бифармо аз ин ҷиҳат Худои таъоло парандаҳои бузургро монанди гардани уштур маъмур месозад то наъшаҳои Яъҷуҷ ва Маъҷуҷро бардошта дар ҷое меандозанд, ки манзури Худо бошад баъд аз он Худои таъоло чунон боронеро нозил мефармояд, ки ҳеҷ хона ва хаймае аз он холӣ нахоҳад монд, он борон тамоми заминро

шуста монанди оина соф хоҳад кард ҳазрати Исо, алайҳи-с-салом, ва ҳамроҳонаш бо роҳат ва оромиш бар замин хоҳанд буд, Худои таъоло барояшон фазлу карам мефармояд ва ба хотири эшон Худои таъоло заминро дастур медиҳад, ки самару меваҳо ва баракати худро берун биоварад чунон, ки замин самарот ва баракоти худро берун меоварад дар натиҷаи он як ҷамоъат як донаи анорро мехӯранд (чаро, ки бисёр бузург хоҳад буд) пӯсти анорро чатр сохта роҳ мераванд, дар шир ҳам баракат хоҳад буд ҳатто шири як шутур як ҷамоъати бузургро кофӣ хоҳад шуд ва шири як гов як қабилаи бузурге ва шири як гӯсфанд як ҷамоъати кӯчакро кифоят хоҳад кард.

Мусулмонон дар ин айшу оромиш зиндагӣ мекунанд, ки Қиёмат наздик хоҳад омад, аммо чун Қиёмат бар кофирон қоим мешавад. Аз ин ҷиҳат Худои таъоло боди хушгуворecho мефиристад, ки ба бағалҳои мусулмонон расида рӯҳи ҳар мӯъмин ва мусулмонро қабз хоҳад кард. Бадтарин мардумон бар рӯи замин мемонанд, ки монанди улоғ (хар) дар назари мардум бо занон амали мунофии иффатро анҷом медиҳанд. Қиёмат бар инҳо қоим хоҳад шуд.

Дар ривояти дигари «Тирмизӣ» омадааст, ки мусулмонҳо аз камонҳо ва тирҳо ва тиркашҳои Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ то ҳафт сол оташ равшан хоҳанд кард.

## Ҳолати мардум дар замони ҳазрати Исо алайҳи-с-салом.

Аз ривояти боло маълум шуд, ки дар замони ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ғалла ва меваҷот ва шир фаровон хоҳад буд.

Дар ривояти дигаре омадааст, ки дар замони ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ҳафт сол зинда хоҳад монд ва муҳаббат дар байни мусулмонҳо то онҷо хоҳад буд, ки дар миёни ду мусулмон кӯчактарин адоват ва душманӣ дида нахоҳад шуд.

Ҳазрати Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *Қасам ба он зоте, ки ҷони ман дар қабзаи Ӯст, ин ҳатман шуданӣ аст, ки Исо ибни Марям алайҳи-с-салом дар миёни шумо нозил хоҳад шуд, ҳокими бисёр мунсифе хоҳад буд. Аз осмон фурӯд омада салиб (маъбуди) Исавиҳоро хоҳад шикаст, яъне масеҳиятро аз байн бурда, дини Муҳаммадиро баланд мефармояд. Хинзир (Хукро) нобуд мекунад, ки (Исавиҳо онро ҳалол дониста мехӯранд). Гирифтани ҷизяро қатъ мекунад, яъне дар замони ӯ аз куффор ҷизя гирифта нахоҳад шуд. Зеро ӯ Исломро хуб мунташир мекунад ва аҳли китоб аз*

*Яҳуду Насоро ба ташриф фармоии ӯ эмон хоҳанд овард аз ин ҷиҳат ҷизядиҳандае боқӣ нахоҳад монд.*

Ва таваҷҷӯҳи дигар он аст, ки дар он замон мол зиёд хоҳад буд ва эхтиёҷе ба гирифтани ҷизя боқӣ нахоҳад монд, чунон, ки иршод фармуд: *Молро ҷорӣ ва равон мекунад ҳатто, ки касе онро қабул нахоҳад кард ва қадри дин дар дилҳо он қадар мутамарказ мешавад, ки як саҷда аз дунё ва он чӣ дар дунёст аз ҳама беҳтар хоҳад буд.*

Баъд аз ин Ҳазрати Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу фармуд: *Агар мехоҳед ин ояро барои тасдиқи ривояти ман бихонед:* **Нест ҳеҷ яке аз аҳли китоб магар он, ки эмон меоварад ба ӯ (дар замони Исо, алайҳи-с-салом) қабл аз мавти ӯ.** (Нисо 159)

Дар ривояти Муслим омадааст, ки дар замони ҳазрати Исо алайҳи-с-салом мол он қадар зиёд хоҳад буд ва муҳаббати байни ҳам он қадар хоҳад шуд, ки шутурони мода озод ва раҳо карда хоҳанд шуд. Ба савор шудани онҳо барои тиҷорат ва зироат кӯшише нахоҳад шуд.

Шутури мода ба таври мисол зикр шудааст мақсуд ин аст, ки мол зиёд мешавад ва эхтиёҷе ба овардани

маводи ғизоӣ ва хӯроки аз ин тарафу он тараф боқӣ нахоҳад монд, ки бар шутурон бор карда биоваранд ва душманӣ аз дилҳо дур хоҳад шуд, буғзу ҳасад дар байни мардум нахоҳад монд. Мардумро ба тарафи мол даъват карда мешавад, аммо касе онро қабул нахоҳад кард.

Аз маълум кардани ҳолати ҳазрати Маҳдӣ ва ҳолати ҳазрати Исо алайҳи-с-салом чунон дарк мешавад, ки чаҳордаҳ сол дар дунё ончунон хоҳад шуд, ки дар саросари дунё Ислом хоҳад буд, молу давлат ба касрат хоҳад шуд ва муҳаббат дар байни мардум ба қадре хоҳад буд, ки асаре аз душманӣ нахоҳад монд ва номи буғзу ҳасад нахоҳад монд.

Ғолибан нисбат ба он замон Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *Боқӣ намемонад бар рӯи замин ҳеҷ хонаи гилӣ ва хаймае, магар ин, ки Худои таъоло калимаи Исломро дар он дохил мефармояд. Ба ин сурате, ки соҳибони иззатро иззат дода, ба қабул кардани Ислом муваффақ мекунад ё ашхоси залилро зиллат дода инҳо маҷбуран пеши калимаи Ислом мутеъ хоҳандшуд.*

## **Вафоти ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ва умарои дигар баъд** аз **ӯ**

Дар ривояти аввал гузашт, ки ҳазрати Исо алайҳи-с-салом аз осмон нузул карда ҳафт сол дар дунё хоҳад монд баъд аз он ин дори фониро гузашта ба олами охират ташриф хоҳад бурд. Дар баъзе ривоятҳо омадааст, ки ӯ издивоҷ ҳам мекунад ва барои ӯ авлод хоҳад буд ва ба қарибн равзаи атҳари Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мадфун хоҳад шуд. (Мишкот)

Аз аҳодиси дигар ҳоли ӯ маълум намешавад. Худо медонад, ки баъд аз ҳазрати Исо алайҳи-с-салом чӣ касе ҳоким хоҳад буд. Албатта аз аҳодис ин чиз маълум мешавад, ки баъд аз ӯ дин заъиф мегардад чунон, ки Ҳофиз ибни Ҳаҷар разияллоҳу анҳу аз «Сунани ибни Моҷа» ривояте нақл кардааст, ки Ислом ончунон заъиф ва маҳв мешавад, ки монанди порчаи хатдоре, ки хатҳои он баъд аз шустан маҳв мегардад. Ҳатто ин ҳам дониста намешавад, ки намоз ва рӯза чӣ чиз аст ва ҳаҷу закот чӣ чиз ва гурӯҳе аз мардон ва занони мусинн (солхӯрда) боқӣ мемонанд ва мегӯянд, ки: Мо падарону ниёгони худро дидаем,

ки бар калимаи «Ло Илоҳа Иллаллоҳ» будаанд ва мо ҳам ин калимаро мехонем, аз ин ҷиҳат онҳо аз ин бештар ҳеҷ чизе нахоҳанд донист.

## Зикри баъзе аломоти бузурги қарибии Қиёмат

Баъд аз ҳазрати Исо алайҳи-с-салом ҷаҳолат ва баддинӣ тараққӣ мекунад, ҳатто бар рӯи замини Аллоҳ, Аллоҳ гӯяндае боқӣ нахоҳад монд. Инсонҳои бад дар дунё хоҳанд монд ва Қиёмат бар инҳо қоим хоҳад шуд. Дар он замон бақияи аломоти Қиёмат зоҳир хоҳанд шуд.

Чунон, ки зикри онҳо дар аҳодис омадааст. Масалан дар ривояти ҳазрати Ҳузайфа разияллоҳу анҳу омадааст, ки он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *Қиёмат ҳаргиз қоим намешавад то, ки даҳ аломатро қабл аз ӯ набинанд. Дуд, Даҷҷол, Добату-л-арз, тулӯъи офтоб аз Мағриб, нузули ҳазрати Исо алайҳи-с-салом аз осмон, хурӯҷи Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ се хасф, яъне фурӯ рафтани мардум дар замин, як хасф дар Машриқ, дуввум дар Мағриб, саввум дар мулки араб, баъд аз ҳама, як оташ аз Яман берун омада мардумро ба тарафи майдони маҳшар меронад. Дар ривояти дигаре ба ҷои аломати даҳум зикри берун омадани чунон боде омадааст, ки мардумро дар дарё меандозад.*

Ин ҳадис, ки баёни даҳ аломат дар он зикр шудааст аз ҷумлаи онҳо зикри Даҷҷол ва Яъҷуҷу Маъҷуҷ ва

нузули ҳазрати Исо алайҳи-с-салом муфассал дар гузашта баён шуд, боқӣ чизҳоро дар зайл дарҷ менамоем.

## Падид омадани дуд

Дар ҳадиси гузашта зикри дуде ба миён омадааст, ки пеш аз омадани Қиёмат зоҳир хоҳад шуд. Аллома «Тайбӣ» шориҳи «Мишкот» роҷеъ ба он менависад, ки мурод аз он дуде ҳаст, ки дар сураи «Духон» ояи зайл зикр шуда аст: **Пас мунтазир бош он рӯзро, ки осмон дуди зоҳиреро меоварад, он дуд мардумро фаро мегирад.**

Лекин Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мефармояд: Дар ин оя аз зоҳир шудани дуде ба қариби Қиёмат хабар дода нашудааст, балки мурод аз он замонаи қаҳти Қурайш аст, ки дар замони он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам пеш омада буд. Қурайш аз шиддати гуруснагӣ он қадар парешон шуданд, ки фазои мобайни замину осмон ба назари онҳо дуде маълум мешуд, дар сурате, ки ҳақиқатан дуде набуд. Аммо ҳазрати Ҳузайфа разияллоҳу анҳу дар ин бора бо ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мутаффиқ нест, балки ӯ мегӯяд: Дар ин оя аз дуде хабар дода шудааст, ки қарибии Қиёмат зоҳир хоҳад шуд чунон, ки тафсили он аз худи он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам манқул аст.

Вақте, ки мақсуди он аз эшон пурсида шуд иршод фармуд: Чунон дуде хоҳад буд, ки тамоми фазоро аз Машриқ то Мағриб мукаддар хоҳад кард ва муддати он то чиҳил рӯз хоҳад буд аз асари он дуд мӯъминонро таклифе монанди зуком маҳсус мешавад ва кофирон беҳуш мегарданд.

## Доббату-л-арз

Чаҳорпои замин, яъне чунон ҷонваре аз замин берун меояд, ки бар пешонии мӯъминон хати нуронӣ мекашад ва бар бинӣ ё гардани куффор муҳри сиёҳ мезанад дар ояи зайл сураи «Намл» зикри ҳамин ҷонвар омадааст: **Ҳар гоҳ ваъдаи Қиёмат бар эшон воқеъ шавад, берун меоварем барои эшон ҷонваронеро, ки бо эшон сӯҳбат мекунанд, ки мардум бар оёти мо яқин надоштанд.**

Ҳазрати Шоҳ (р) менависад он рӯзе, ки офтоб аз Мағриб тулӯъ карда ва ба Машриқ ғуруб мекунад. Рӯзи дуввуми он кӯҳи Саф (дар Маккаи Мукаррама) аз асари зилзила шикофта шуда як ҷонваре, ки дорои шакли аҷиб аст аз он берун хоҳад омад, ки чеҳраи ӯ мисли чеҳраи инсон ва пойҳои ӯ монанди пойҳои шутур ва гардани ӯ бо гардани асп мушобиҳ ва думи ӯ мисли думи гов ва суми ӯ мисли суми оҳу ва шохи ӯ ҳамчун шоххои гавазн ва дастҳои ӯ мисли дастҳои бузина (маймун) мебошад.

Сипас менависад, ки: Ӯ бо камоли фасоҳат бо мардум сӯҳбат мекунад дар як дасти ӯ асои ҳазрати Мӯсо, алайҳи-с-салом ва дар дасти дигараш

ангуштарии ҳазрати Сулаймон алайҳи-с-салом хоҳад буд.

Тезрафтории ӯ дар мамолик ба гунае хоҳад буд, ки ҳеҷ ҷӯяндае ба ӯ наметавонад бирасад ва ҳеҷ кас ба фирор кардан аз пеши ӯ наҷот нахоҳад ёфт. Бар тамоми инсонҳо нишон мегузорад ва бар пешонии ҳар мӯъмин бо асои ҳазрати Мӯсо алайҳи-с-салом як хат мекашад, ки тамоми сурати ӯ нуронӣ ва рӯъбдор мешавад ва бар бинӣ ё гардани ҳар кофир бо ангуштарии ҳазрати Сулаймон алайҳи-с-салом муҳр мезанад, ки тамоми сурати ӯ сиёҳ хоҳад шуд ва байни мӯъмин ва кофир комилан фарқ маълум хоҳад шуд, ҳатто агар иддаи касире бар як суфра бинишинанд мӯъмин ва кофир мушаххас хоҳанд шуд. Баъд аз фароғат аз ин кор он ҷонвар ғоиб хоҳад шуд.

## Тулӯъи офтоб аз Мағриб

Ҳазрати Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу мефармояд, ки рӯзе Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам баъд аз ғуруби офтоб иршод фармуд: ***Оё шумо медонед, ки ин офтоб куҷо меравад?*** *Ман арз кардам, ки Худо ва Расули ӯ беҳтар медонанд. Он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд:* ***Бешак ин рафта-рафта то ба зери Арш расида Худоро саҷда мекунад.Саҷдаи ӯ қабул намешавад ва иҷозаи тулӯъ карданро аз ҷониби Машриқ мехоҳад. Ба ӯ иҷоза дода намешавад ба ӯ гуфта мешавад аз онҷо, ки омадаӣ боз онҷо баргард, чунон, ки офтоб дубора баргашта аз ҷониби Мағриб тулӯъ менамояд.***

Баъдан иршод фармуд: **Офтоб ба қароргоҳи худ меравад.**

Мақсуди он ин аст, ки офтоб ба қароргоҳи худ рафта аз ҷониби Машриқ берун меояд ва иршод фармуд: *Қароргоҳи ӯ зери Арш аст.*

Илова бар ин ҳадис дар аҳодиси дигаре зикри тулӯъи офтоб аз Мағриб низ омадааст. Масалан ҳазрати Сафвон ибни Ассол разияллоҳу анҳу мефармояд, ки

Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Бидуни шак Худои Таъоло дари тавбаро, ки аз ҷониби Мағриб боз шудааст, ки арзи он масофати ҳафтод сол аст. (яъне он қадар васеъ аст, ки барои расидан аз як тараф ба тарафи дигари он ҳафтод сол дар кор аст). Ин дар то он вақт баста намешавад, ки офтоб аз Мағриб тулӯъ накунад».*

Ва баъд аз он иршод фармуд: Мақсуди иршоди зайли Аллоҳи azza ва ҷалла ҳамин оят аст:

**Рӯзе, ки биёяд баъзе нишонаҳои Парвардигори ту, нафъ намедиҳад нафсеро, ки эмон наоварда буд пеш аз ин, эмони ӯ, ё нафъ надиҳад нафсеро, ки касб накарда буд дар эмони худ амали хайр, тавбаи ӯ.**

(Анъом 158)

Мақсуд ин аст, ки ҳар гоҳ офтоб аз Мағриб тулӯъ намояд, на эмон овардани кофир қабул мешавад ва на тавбаи мӯъмин, ки аз гуноҳон тавба намояд.

Дар як ҳадиси «Бухорӣ» ва «Муслим» ба тасриҳ омадааст, ки ҳар гоҳ мебинед, ки офтоб аз Мағриб

тулӯъ кардааст, тамоми мардум эмон меоваранд, аммо он вақт эмон ва тавбаи касе қабул нахоҳад шуд.

Ҳазрати Абумӯсо разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«Бешак Худои Таъоло дасти худро дар вақти шаб дароз мекунад то гунаҳкорони рӯз тавба кунанд ва дасти худро дар рӯз дароз мекунад то гунаҳкорони шаб тавба кунанд, то вақте, ки офтоб аз Мағриб тулӯъ накардааст».*

Ҳазрати Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«Қабл аз тулӯъи офтоб аз Мағриб ҳар касе, ки тавба кунад тавбаи ӯро Худои Таъоло қабул мефармояд»*

Дар «Фатҳулборӣ» ҳадисе аз Табаронӣ нақл шудааст: Баъд аз тулӯъи офтоб аз Мағриб то Қиёмат, эмон ва тавбаи ҳеҷ кас қабул нахоҳад шуд.

Ҳазрати Шоҳ (р) менависад, ки як шаб он қадар дароз хоҳад буд, ки мусофирон рафта-рафта парешон хоҳанд шуд ва бачаҳо аз хоб бедор шуда ва ҳайвонот барои рафтани биёбон фарёд бархоҳанд овард, лекин офтоб тулӯъ нахоҳад кард, то ин, ки мардум хавфзада

ва беқарор шуда ба гиря ва зорӣ ва тавба машғул хоҳанд шуд. Он шаб баробари се ва чаҳор шаб шуда дар ҳолате, ки мардум хеле парешон бошанд, офтоб бо нури андак аз ҷониби Мағриб тулӯъ менамояд, равшании офтоб тавре мешавад монанди моҳ вақте, ки хусуф кунад.

Соҳиби «Баёну-л-Қуръон» менависад, ки дар «Дурри Мансур» ривояте нақл шуда аст, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Офтоб аз Мағриб тулӯъ карда вақте, ки дар васати осмон мерасад, боз бармегардад ва ба тарафи Мағриб ғуруб мекунад ва баъд аз он мутобиқи дастури собиқ аз ҷониби Машриқ тулӯъ менамояд».*

Дар «Фатҳулборӣ» ҳадисе нақл шудааст, ки он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«Баъд аз тулӯъи офтоб аз Мағриб яксаду бист соли дигар мардум зинда монда баъд аз он Қиёмат хоҳад омад»*

## Фурӯ рафтан дар замин

Дар ҳадиси шариф тасриҳ шудааст, ки ду се мардум дар замин фурӯ бурда хоҳанд шуд: Яке дар замини Машриқ, дуввум дарзамини Мағриб, саввум дар Ҷазираи араб.

Ҳазрати Шоҳ, разияллоҳу анҳу, менависад, ки ин азоб бар касоне, ки тақдири Илоҳиро дурӯғ медонанд, нозил мешавад. Дар ҳадиси шариф ҳам тасриҳи он омадааст. Чунон, ки аз ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умар, разияллоҳу анҳу, ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Фурӯ рафтани дар замин ва масҳ шудани суратҳо дар ин уммат воқеъ хоҳад шуд, ин азоб барои касоне аст, ки тақдирро дурӯг мепиндоранд»*

## Берун омадани оташ аз Яман

Аз сарзамини Яман оташе пайдо мешавад, ки мардумро фаро гирифта ба тарафи Маҳшар пеш мебарад. Соҳиби «Мирқот» менависад, ки мурод аз Маҳшар, сарзамини Шом аст зеро, ки аз ҳадис собит шудааст, ки баъд аз дамидани сур, ҳашр ба сарзамини Шом хоҳад шуд.

Ҳазрати Шоҳ (р) менависад: Дар он замон, ки ҳеҷ Аллоҳ-Аллоҳ гӯяндае бар рӯи замин боқӣ намемонад, мулки Шом ҷои амне хоҳад буд. Ғалла арзон мешавад, мардум хоҳ тоҷир бошад, хоҳ коргар, ё сармоядор тамоми асбоби худро бор карда, ба тарафи Шом равон хоҳанд шуд ва касоне, ки дар мамолики дигар рафтаанд, онҳо низ ба мулки Шом омада сукунат хоҳанд кард.

Баъд аз андак муддате оташе ошкор шуда мардумонро ба тарафи Шом меронад. Баъд аз он оташ ғоиб мешавад ва баъд аз муддате мардум боз ба ватанҳои худ рӯ мегардонанд, лекин мулки Шом хуб ободи хоҳад буд. Ин охирин аломат аст, ки бо Қиёмат бисёр наздик хоҳад буд баъд аз ин ҳолат се то чаҳор сол мегузарад, ки Қиёмат барпо мегардад.

## Боде, ки мардумро ба дарё меафканад

Дар ривояти «Саҳеҳи Муслим» даҳ аломат зикр шудааст аз он ҷумла яке ин аст, ки чунон боде зоҳир мешавад, ки мардумро ба дарё меафканад. Тавзеҳи бештаре барои ин дар ҳеҷ китобе ба назари ман нагузаштааст.

## Ҳолати мардум ба қарибии Қиёмат ва вуқӯъи Қиёмат

Ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мефармояд, ки Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, иршод фармуд: *«Қиёмат бар бадтарин мардумон барпо хоҳад шуд».*

Ҳазрати Анас разияллоҳу анҳу мефармояд: Қиёмат то он вақт қоим намешавад, ки бар рӯи замини Аллоҳ, Аллоҳ гуфта шавад. Дар ривояти дигаре омадааст, ки Қиёмат қоим нахоҳад шуд бар чунон шахсе, ки Аллоҳ Аллоҳ гуфта бошад.

Дар ҳадиси шариф ин мазмун баён шуда, ки ногоҳ Худои таъоло бодеро мефиристад, ки дар бағали

мусулмонон расида арвоҳашонро қабз менамояд ва бадтарин мардумон боқӣ мемонанд, ки дар назари мардум монанди улоғ (хар) бо занон амали мунофии иффат анҷом медиҳанд. Қиёмат бар инҳо қоим мешавад.

Ҳофиз ибни Ҳаҷар дар «Фатҳулборӣ» як ривоят аз «Табаронӣ» нақл кардааст, ки ҳолати беҳаёии мардум он замон, дар он муфассал зикр шудааст, ки тарҷумаи он ба шарҳи зайл аст:

Қиёмат қоим намешавад то ин, ки як зан ба маҷмӯъи мардон мегузарад як шахс аз миёни онҳо бархоста, домани ӯро баланд мекунад, монанди баланд кардани дунбаи меш ва бо он зино мекунад, пас аз мушоҳидаи ин ҳолат як шахс аз миёни онҳо мегӯяд, ки эй кошки худро ба пушти он девор пинҳон мекард. Сипас иршод фармуд, ки: Он шахси гӯянда дар миёни онҳо он қадар бузургвор маҳсуб мешавад ҳамчунон, ки дар миёни шумо Абӯбакр ва Умар ҳастанд.

Ҳазрати Оиша разияллоху анҳо мефармояд, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«Шабу рӯзи дунё хотима нахоҳад ёфт то он, ки*

*Лот ва Уззоро дубора парастиш намоянд (Лот ва Уззо ду бут буданд, ки мушрикин онҳоро парастиш мекарданд ва баъд аз қабул кардани Ислом парастиши онҳо мамнуъ гашт ва боз дубора парастиши онҳо шурӯъ хоҳад шуд)».*

Ҳазрати Оиша разияллоҳу анҳо мефармояд, ки ман арз кардам: *Ё Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, вақте, ки Аллоҳ таъоло ин ояи каримаро нозил фармуд:* ***Ӯст он Худое, ки фиристод Пайғамбари худро бо ҳамроҳии ҳидоят ва дин то, ки онро бар тамоми адён ғолиб гардонад агарчӣ ин мушриконро нохуш ояд.***

*Ман гумон бурдам, ки он чӣ Худованди Таъоло дар ин оя иршод фармудааст, барои ҳамеша хоҳад буд ва шумо мефармояд, ки парастиши Лот ва Уззо дубора шурӯъ мешавад, пас мақсуди ин оя чӣ мебошад.*

Он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«То он замоне, ки Худои таъоло хоста бошад ғалабаи Ислом хоҳад буд. Баъд аз он Худои таъоло бодеро мефиристад, ки аз асари он ҳар мӯъмине, ки дар дили ӯ ба қадри донаи испанде эмон бошад вафот хоҳад афт. Баъд аз он касоне хоҳанд монд, ки ҳеҷ гуна хайре дар онҳо*

*нахоҳад буд. Аз ин ҷиҳат ба тарафи дини падарон ва ниёгони худ бармегарданд».*

Аз ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«Пас аз қатли Даҷҷол то ҳафт сол мардум дар чунин ҳоле хоҳанд буд, ки дар миёни ду нафар андак душманӣ дида нахоҳад шуд. Баъдан боди сарде аз мулки Шом мевазад, ки аз асари он тамоми мӯъминон вафот хоҳад ёфт ва бар рӯи замин чунон шахсе боқӣ нахоҳад монд, ки ба миқдори заррае дар дили ӯ эмон бошад аз асари он бод руҳи ӯ қабз мешавад.*

*Ҳатто агар яке аз шумо мусулмонҳо дар ғоре, ки дар кӯҳ бошад ва худро дар он пинҳон бидорад он бод ҳатман он ҷо расида рӯҳи ӯро қабз менамояд».*

Пас аз он иршод фармуд: *«Баъд аз вафоти мӯъминон бадтарин мардумон мемонанд, ки барои рафтан ба сӯи бадиҳо ва фасод монанди паррандаи тезпарвоз ва монанди ҳайвони даррандасифат хоҳанд буд, ки аз рехтани хуни мардум дареғ нахоҳанд дошт, на некиро мешиносанд ва на бадиро бад медонанд. Шайтон пас аз мушоҳидаи ҳоли эшон ба сурати инсон даромада дар ҷилавашон ҳозир шуда*

*мегӯяд, ки ҳой афсӯс шуморо чӣ шудааст шуморо шарм намеояд, ки дини падарон ва ниёгони худро тарк додед?!»*

*Мардум дар ҷавоби Шайтон мегӯянд: Ту бигӯ мо чӣ кор бикунем? Ӯ таълими бутпарастиро ба эшон медиҳад. Пас эшон машғули бутпарастӣ шуда, дар шарр ва фасод ба тезрафторӣ тараққӣ мекунанд монанди даррандаҳо ба хунрезӣ маъруф мешаванд, ризқашон фаровон ва зиндагиашон ба хубӣ мегузарад баъд аз муддати кӯтоҳ сур дамида мешавад, ки аз шунидани садои он тамоми инсонҳо беҳуш хоҳанд шуд. Ҳар кас, ки он садоро мешунавад аз сабаби ваҳшат ҳайрон шуда як тарафи гарданро поён мебарад ва тарафи дигарро баланд нигаҳ медорад.*

Баъд аз он иршод фармуд: *«Аввал касе, ки он садоро мешунавад ӯ касе хоҳад буд, ки ҳавзи оби шутурони худро дуруст мекунад ӯ аз шунидани ин овоз беҳуш шуда баъдан тамоми мардумон беҳуш хоҳанд шуд. Баъд аз он Худои таъоло боронеро нозил мефармояд, мисли шабнам меборад бар асари ин борон ҷисмҳои пӯсида мерӯянд (яъне дар қабрҳо ҷисми хокӣ дуруст хоҳад шуд). Пас бори дуввум дар сур дамида мешавад. Он гоҳ ҳамагӣ бармехезанд ва ба атроф нигоҳ мекунанд».*

Дар ҳадисе аз «Бухорӣ» ва «Муслим» омадааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иршод фармуд: *«Албатта Қиёмат дар он ҳол қоим мешавад, ки ду шахс порчаро дар миёни худ барои харид ва фурӯш боз мекунанд ва ҳанӯз муомилаашон тамом нашуда ва порчаро напечидаанд, ки Қиёмат барпо мешавад».*

Сипас иршод фармуд: *«Албатта Қиёмат дар он ҳол барпо хоҳад шуд, ки як инсон ширро аз шутури худ душида меравад ва ҳанӯз ширҳоро нанӯшида, ки Қиёмат барпо мегардад ва Қиёмат яқинан дар он ҳол барпо мешавад, ки инсон ҳавзи худро комил карда ва ҳанӯз ба ҳайвонҳои худ дар он об надодааст ва Қиёмат дар ҳамон ҳол барпо мешавад, ки инсон луқмаеро бармедорад дар ҳоле, ки наметавонад онро фурӯ барад. Мақсуд ин аст ҳамчуноне, ки имрӯза мардум ба кори худ машғул ҳастанд, ҳамин тавр дар вақти вуқӯъи Қиёмат низ машғул хоҳанд буд, ки ногаҳон Қиёмат рӯй медиҳад. Чунон, ки Аллоҳ ҷалла шаънуҳу фармудааст:* ***Балки Қиёмат бар онҳо ногаҳон мерасад, пас онҳоро беҳуш мегардонад, сипас наметавонанд баргардонидани онро ва на муҳлат дода мешаванд.*** Хулоса ин, ки Худованди муттаъол аломоти Қиёматро ба василаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба бандагон

расондааст, аммо таърихи хоси вуқӯъи Қиёматро ба худи Сарвари олам саллаллоҳу алайҳи ва саллам зоҳир нафармудааст. Албатта дар ривояти «ибни Моҷа» ин тавр омадааст, ки Қиёмат дар рӯзи ҷумъа воқеъ мешавад ва инро ҳам фармудааст, ки: *«Тамоми фариштагони муқарраб ва ҳар осмон ва ҳар замин ва ҳар кӯҳ ва дарё метарсанд, ки шояд имрӯз Қиёмат воқеъ шавад».*

Замони вуқӯъи Қиёматро ба ҷуз Худои Таъоло каси дигар намедонад ва баъзе мардум вақти омадани Қиёматро тахминан баён кардаанд, лекин он тахмини маҳз ва хато мебошад. Вақте, ки мардум аз он Сарвари олам саллаллоҳу алайҳи ва саллам роҷеъ ба Қиёмат дарёфт кардаанд аз ҷониби Аллоҳ ҷалла шаънуҳу ҳукм омадааст, ки: **Бигӯ, ки илми он назди Парвардигори ман аст ва ӯст, ки Қиёматро дар вақти он зоҳир мекунад бисёр сангин аст дар осмонҳо ва замин, ногоҳ бар шумо воқеъ хоҳад шуд.**